Натиҷаи гузаронидани арзёбии раванди рушди иҷтимоӣ – иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси маълумоти ҷамъбастӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо дар нуҳ моҳи соли 2019 бо истифодаи "Шакли намунавии пешниҳоди маълумот"

**Нишондоди иҷрои ваколати раиси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишондиҳандаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ 1.1. Таъмини расмиёти ҳуқуқии санадҳо арзёбӣ гардиданд**.

### 1.1. Таъминоти расмиёти ҳуқуқии санадҳо

Дар нуҳ моҳи соли 2019 ба мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 725 адад санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ворид гардидаанд, ки аз ҷониби шаҳрҳои Ваҳдат 72 адад, Роғун 51 адад, Турсунзода 95 адад, Ҳисор 65 адад, ноҳияҳои Варзоб 91 адад, Лахш 66 адад, Нуробод 11 адад, Рашт 13 адад, Рӯдакӣ 54 адад, Сангвор 47 адад, Тоҷикобод 71 адад ва Шаҳринав 89 адад қарорҳо дар заминаи Амрҳо ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тавсиб расида, ҷиҳати корбарӣ ва иҷрои саривақтӣ ба воҳидҳои сохтории дахлдори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ирсол гардидааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ на ҳама маълумотҳо пурра пешниҳод карда мешаванд. Аз рӯи маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияи Нуробод дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 11 адад, ҳол он, ки дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 56 адад, ноҳияи Рӯдакӣ бошад дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 54 адад дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ 73 адад санади меъёрӣ – ҳуқуқӣ ворид шудааст, ҳол он, ки дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ шумораи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқиро ташкил медод.

Дар бештари ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ рақамҳои дар замимаи 1 пешниҳодшуда бо ҳисоботҳои матнӣ мувофиқат намекунанд.

Аз ҷониби мақомотҳои иҷрояи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Нуробод, Рӯдакӣ ва Файзобод маълумотҳои замимаи 1 нопурра пешниҳод карда шудааст. Маълумтҳои пешниҳоднамудаи ноҳияи Шаҳринав бошад нимсола мебошанд.

Ҷиҳати иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.01.2019 с., №АП-1146 "Дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 с., "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ" зикр гардидаанд қарори раисони 13 шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нақшаи чорабиниҳои дахлдор ба тавсиб расидааст, ки расмиёти ҳуқуқии иҷрои супоришҳои Нақша - чорабинии Амри мазкур бо муайян намудани тадбирҳо ва вазифаҳои воҳидҳои сохторӣ, ташкилотҳо таъмин карда шудааст.

## 2. Маълумот оид ба чараёни ичрои тадбирҳои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо роҳи таъмини волоияти қонун

**Нишондоди пешакии самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ бо нишондиҳандаҳои рушди ичтимоию иқтисодӣ** 2.1. (2.1.2)**Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»**, 2.1.1. **Раванди амалишавии барномаи рушди ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**, 2.1.3. **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мурочиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ"**, 2.2. (2.2.1)**Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"**, 2.3. **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"**, 2.4. (2.4.1) **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим"**, 2.5. **Рафти иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз** 10 **июли соли** 2017, **№**344 **«Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет»**, 2.6. **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», арзёбӣ гардиданд**.

### 2.1.1. Раванди амалишавии барномаи рушди ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо

Таҳлиҳо нишон дод, ки раванди амалишавии Барномаи рушди ичтимоию ичтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва аз азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди ичтимоию иқтисодӣ дар шаҳру ноҳияи Турсунзода 85%, Ваҳдат 73,8% Рӯдакӣ 59,5% ва Ҳисор 50,9%, таъмин гардида, дар сатҳи муайян барои пешрафти иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда истодаанд.

Нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияҳои Варзоб 32%, Рашт 25,3%, Роғун 11,1%, Лахш 10%, Тоҷикобод 9,5% Нуробод 6,8% ва Шаҳринав 4% ба назар расидааст, ки, ҳамкории байни мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷалби соҳибкорон ва фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллиро талаб менамояд.

Натиҷаи рафти таҳлили нишондиҳандаи раванди амалишавии Барномаи рушди ичтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ муайян намуд, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияи Рӯдакӣ дар сатҳи муайян таъмин карда шуда, дар ин раванд барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Лахш, Тоҷикобод, Нуробод, Шаҳринав ва шаҳри Роғун андешидани тадбирҳои иловагиро ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, моддӣ ва молиявии ин шаҳру ноҳияҳоро тақозо менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро зарур аст, ки ҳамкориро бо Вазорати

рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ва ҳамаи он масъулини сарчашмаи маблағгузории лоиҳаҳои барномаи рушди иҷримоию иқтисодӣ ба роҳ монанд ва барои баланд бардоштани дараҷаи амалигардонии лоиҳа-чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо чораҳои заруриандешида барои расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар гузаронидани мониторинг ва арзёбии барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои боло зикр мусоидат намоянд.

## 2.1. (2.1.2) Риояи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ба такмили шаклу услуби кор, сифат ва самаранокии корҳои сиёсӣ, ташкилию оммавӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, бо назардошти масъалаҳои афзалиятноки соҳа накшаи кории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро таҳия ва тасдиқ намудааст.

Дар 9 моҳи соли 2019 оид ба ҳолати ҳамкорӣ ва дастгирии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ҳаҷми кӯмаки молиявӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот барои амалӣ намудани ваколатҳои онҳо дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 1 млн. 803 ҳазор сомонӣ (+235,2 ҳазор сомонӣ), Турсунзода 1 млн 295 ҳазор сомонӣ (+63,8 ҳазор сомонӣ), Файзобод 155,460 ҳазор сомонӣ (+41,4 ҳазор сомонӣ), Рӯдакӣ 94 ҳазору 649 сомонӣ, Роғун 53,3 ҳазор сомонӣ (+11,6 ҳазор сомонӣ) ва Шаҳринав 4100 сомонӣ кӯмаки молиявӣ расонида шудааст, ки барои риояи талаботи моддаи 6 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" ва самаранокии фаъолияти ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мусоидат карда шудааст.

Вале мутаассифона дар шаҳри Ҳисор, ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Нуробод, Рашт, Сангвор ва Тоҷикобод иҷрои талаботи қонуни мазкур амалӣ карда нашудааст.

## 2.1.3. Мурочиатҳои шаҳрвандон ба МИМҲД, инчунин аз ДИПҶТ ирсол гардида.

Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ муроҷиати умумии шаҳрвандон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷумла, дар шаҳри Роғун 1220 адад, нисбати ҳамин давраи соли гузашта +625 адад ва Нуробод 744 адад (+67 адад) зиёд гардидааст, ки аз мавҷудияти масъалаҳои иҷтимоӣ дарак медиҳад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳрҳои Ҳисор 5556 адад (-40 адад), Турсунзода 4375 адад (-664 адад), Ваҳдат 6235 адад (-251 адад) ноҳияҳои Варзоб 1792 адад (-531 адад), Тоҷикобод 1189 адад (-651 адад), Шаҳринав 1935 адад (-232 адад), Файзобод 2480 адад (-448 адад), Лахш

849 адад (-184 адад), Сангвор 496 адад (-287 адад), Рӯдакӣ 8172 адад (-922 адад), Рашт 1581 адад (-327 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 кам ба қайд гирифта шуда, аз кам гардидани мушкилотҳои иҷтимоию иқтисодии аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо далолат медиҳад.

Дар ин раванд аз Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи мурочиати шаҳрвандон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳрҳои Ваҳдат 229 адад (+21 адад), Роғун 25 адад (+3 адад) ва ноҳияи Рашт 13 адад (+7 адад) ташкил намудааст, ки дар сатҳи маҳал бартараф нагардидани мушкилотҳоро инъикос менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Тоҷикобод 5 адад (-3адад), Сангвор 6 адад (-1 адад), Лахш 6 адад (-2 адад), Нуробод 13 адад (-1 адад), Шаҳринав 39 адад (-14 адад), Варзоб 46 адада (-5 адад), Файзобод 49 адад (-17 адад), Рӯдакӣ 246 адад (-74 адад) ва шаҳрҳои Турсунзода 93 адад (-52 адад), Ҳисор 132 адад (-39 адад) нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 кам гардидааст, ки саривақтии ҳалли мушкилотҳо ба роҳ монда шудааст.

Шумораи зиёди мурочиатҳо оид ба гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 1363 ( + 241), Файзобод 750 адад (+114), Роғун 329 адад (+198 адад) ва Нуробод 326 адад (+105 адад) ба қайд гирифта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 1292 адад (-429 адад), Ваҳдат 1184 адад (-304 адад), Рашт 701 адад (-223 адад), Турсунзода 394 адад (-78 адад), Варзоб 517 адад (-342 адад), Сангвор 235 адад (-112 адад), Тоҷикобод 232 адад (-144 адад), Лахш 139 (-18 адад) ва Шаҳринав 71 (-22 адад) кам гардидааст, ки аз беҳтар гардидани сатҳи таъминоти аҳолӣ бо манзили зист шаҳодат медиҳад.

## 2.2. (2.2.1) **Риояи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”**

Дар давоми 9 моҳи соли 2019 дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъмини иҷрои талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, баҳри гиромидошт, рушду густариш ва ҳифзу беолоиш нигоҳ доштани забони давлатӣ корҳои судманд ба анҷом расонида шудааст. Аз ҷониби комиссияҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар асоси Низомнома нақшаҳои корӣ барои соли 2019 таҳия ва тасдиқ гардида, иҷрои бандҳои он мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботи аз тарафи Комиссияи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”-и назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 3-4 маротиба ҷаласаҳои комиссия баргузор гардида, дар он масъалаҳои риояи талаботи Қонун, номивазкунӣ ва номгузории деҳаву маҳаллаҳо, шаҳраку деҳот, номи объектҳои ҷуғрофӣ, тарабхонаву марказҳои савдо, ба танзим

даровардани мазмуну муҳтавои навиштаҷот ва шиору овезаҳо, риояи имло, муросилот ва муошират дар ташкилоту муассисаҳо, идораву корхонаҳо новобаста аз шакли моликият мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Дар робита бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои судманд ба роҳ монда шуда, дар ташкилоту муассисаҳо, идораву корхонаҳо,ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва оммаи васеи аҳолӣ оид ба масъалаҳои мазкур мулоқоту вохӯриҳо, конфронсҳо, мизҳои мудаввар ва санҷишу рейдҳои муштарак баргузор карда шудаанд.

Вобаста ба номгузориву номивазкунии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, маҳалҳои аҳолинишин ва қисмҳои таркибии онҳо дар заминаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби ҳалли масъалаҳои сохти маъмурию ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон"аз 19 декабри соли 2018, №3 тадбирҳои мушаххас андешида шуда, қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ "Дар бораи таъсиси гурӯҳи корӣ" таҳия ва тасдиқ гардидаанд. Гурӯҳҳои корӣ дар ҳамбастагӣ бо бахши омор дар ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳолати бақайдгирию баҳисобгирии тамоми воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ чораҳои зарурӣро амалӣ намуда, корро дар ин самт бомаром идома дода истодаанд.

Натиҷаи корҳои анҷомдодашудаи комиссияи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ баҳри татбиқи босамари талаботҳои қонуни мазкур ва баланд бардоштани мақому манзалати забони давлатӣ мусоидат намудааст.

### 2.4. (2.4.1) **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" (банди 59-и паём)**

Дар 9 моҳи соли 2019 ҷиҳати таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим" чораҳои дахлдор андешида шуда, дар ин самт як қатор корҳои судманд ба анҷом расонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ қонуншиканӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳри Роғун 7 ҳолат (+4 ҳолат), ноҳияҳои Варзоб 4 ҳолат (+2 ҳолат), Рашт 7 ҳолат (+2 ҳолат), Нуробод 4 ҳолат (+4 ҳолат), Файзобод 3 ҳолат (+1 ҳолат) зиёд ба қайд гирифта шуда, дар сатҳи лозима ба роҳ намондани корҳои ташвиқоти тарғиботиро аз ҷониби Комиссияҳо дар шаҳру ноҳияҳои мазкур гувоҳӣ медиҳад.

Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳрҳои Ваҳдат 17 (-1 ҳолат), Турсунзода 16 ҳолат (-9 ҳолат), Ҳисор 9 ҳолат (-2 ҳолат), ноҳияҳои Тоҷикобод 1 ҳолат (-1 ҳолат) кам гардида, дар ноҳияҳои Рӯдакӣ 22 ҳолат (+-0 ҳолат), Шаҳринав 9 ҳолат (+-0 ҳолат) ва Сангвор (+-0 ҳолат) бе тағйир боқӣ мондааст

Хароҷоти аз ҳама баланд, барои баргузории як маърака ба ҳисоби миёна дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 7149 сомонӣ, Файзобод 6156 сомонӣ,

Ҳисор 6135 сомонӣ, Ваҳдат 6409 сомонӣ, Варзоб 5130 сомонӣ, Турсунзода 5105 сомонӣ ба назар расида, дар ноҳияҳои Шаҳринав 4154 сомонӣ, Рӯдакӣ 3704 сомонӣ, Сангвор 3540 сомонӣ, Рашт 3522 сомонӣ, Тоҷикобод 3275 сомонӣ, 3555 сомонӣ, Роғун 3133 сомонӣ ва Нуробод 664 сомониро ташкил дода, омӯзиши сабабҳои фарқияти хароҷотҳои маъракаҳоро аз ҷониби мақомоти ваколатдор талаб менамояд.

### 2.5. (2.5.1)**Рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз** 10 **июли соли** 2017, №344 "**Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет**"

Бо мақсади татбиқи "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ махзани ягонаи электронии ҳуҷҷатҳо ташкил шудааст. Инчунин дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Турсунзода (www.tursunzoda.tj), Ҳисор (www.hisor.tj), Ваҳдат (www.vahdat.tj), Роғун www.rogun.tj, Тоҷикобод (www.tojikobod.tj), Сангвор (www.sangvor.tj), Нуробод (www.nurobod.tj), Варзоб (www.varzob.tj), Лахш (www.lakhsh.tj), Шаҳринав (www.shahrinav.tj), Файзобод (www.faizobod.tj) Рашт (www.rasht.tj), Рӯдакӣ (www.rudaki.tj) амал мекунад, ки дар заминаи сомонаҳои мазкур барои дастгоҳҳои раисон ва сохторҳои он суроғаи электронӣ кушода шудааст, ки барои гузаштан ба ҳукумати электронӣ ва сифатнок ба роҳ мондани маълумотҳо байни дастгоҳони раисон ва сохторҳои онҳо мусоидат намуда истодааст.

Дар 9 моҳи соли 2019, нишондиҳандаи баланди дараҷаи корношоямии воситаҳои технологияи иттилоотии коммуникатсионӣ, компютерҳо дар дастгоҳи раиси шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (ҷамоатҳо), дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб 21,8% (32 адад), Нуробод 18,5% (27 адад ), Ваҳдат 27,9% (43 адад ), ба назар мерасад, ки таъсири манфии худро ба самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ расонида, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои болозикр нисбати нимсолаи аввали соли 2019 бе тағйир боқӣ мондааст, ки дар ин самт самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо дида намешавад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Рашт 17,3% (52 адад дар маҷмуъ ки нисбати 6 моҳа +32 адад зиёд), Сангвор 13,6% (22 адад +10 адад), Шаҳринав 16% (56 адад +31 адад) ва Тоҷикобод 10,2% (39 адад +14 адад) Роғун 6,9% (43 адад +2 адад), Файзобод 10,6%(47 адад +1 адад), Ҳисор 21,4% (98 адад +5 адад) Турсунзода 5,8% (68 адад +2 адад), Лахш 12,5% (48 адад +16 адад) ташкил додааст ки аз сари вақт чораҳои андешидашудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳия шаҳодат медиҳад.

Дастраси ба интернет воситаи муҳими муомилот ва муоширaт ба ҳисоб рафта дар 9 моҳи соли 2019 дар ноҳияи Варзоб 33 нуқтаи дастрасӣ

ба интернет мавҷуд аст, ки аз ин 26 нуқта дар дастгоҳи раиси ноҳия ва 7 нуқта дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мебошанд, ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 10/12, Тоҷикобод 10/1, Турсунзода 9/0, Ҳисор 6/0, Лахш 4/10, Ваҳдат 5/0, Нуробод 12 /0 ва Роғун 1/1, Роғун 1/1 ташкил дода, нисбати нимсолаи аввали соли 2019 бетағйир монда, таъсири манфии худро, ки ба шаффофият ва самаранокии фаъолияти МИМҲД расонидааст, андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар ноҳияи Рӯдакӣ +15 нуқта (16 нуқта ҳамагӣ) нисбати нимсолаи аввали соли 2019 зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин ноҳия дар ин самт нишон медиҳад.

Айни замон дар ноҳияҳои Сангвор -4 нуқта (14 нуқта), ва) Рашт -6 нуқта (20 нуқта) ва Шаҳринав -9 нуқта (8 нуқта ) нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ кам гардидааст, ки бемасъулиятии шахсони масъули ин ноҳияҳо дарак медиҳад.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки рафти иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, №344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи Интернет» дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ хусусан дар мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти он дар сатҳи нокифоя буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро мебояд пурзӯр намудани корҳо дар ин самт тақвият бахшанд.

## 2.6. (2.6.1-2.6.2) **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»**

Давоми нуҳ моҳи соли 2019 ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 18-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва тибқи муқаррароти банди 11-и Низомнома дар бораи тартиби гузаронидани озмун барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ дар шаҳрҳои Турсунзода 4 маротиба, Ваҳдат 3 маротиба, Ҳисор 3 маротиба, Роғун 3 маротиба, ноҳияҳои Варзоб 3 маротиба, Рӯдакӣ 3 маротиба, Файзобод 3 маротиба, Шаҳринав 3 маротиба, Лахш 2 маротиба, Нуробод 2 маротиба, Сангвор 2 маротиба ва Тоҷикобод 2 маротиба озмуни мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ гузаронида шудааст, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ мусоидат намуда, амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таъмин карда шуда, 255 нафар мутахассисони болаёқат ва соҳибихтисос тариқи шаффофият мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатиро ишғол намуда, фаъолияти кории худро пеш бурда истодаанд. Аз шумораи умумии мутахассисони ба мансаб таъингардиди дар ноҳияи Варзоб 6 нафар ва ноҳияи Шаҳринав 5 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Дар асоси маълумотҳои пешниҳоднамудаи шаҳри Роғун 14, ноҳияҳои Варзоб 19, Нуробод 23, Тоҷикобод 23 ва Файзобод 14 мансаби холии

маъмурии хизмати давлатӣ дар мақомоти шаҳру ноҳия ва мақомотҳои худидоракунии шаҳрак ва деҳот ҷой доранд.

Дар ин давра, 138 нафар хизматчиёни давлатӣ дар мақомотҳои иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Роғун, Ҳисор ноҳияҳои Лахш, Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод, Файзобод ва Шаҳринав аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ гузаронида шудааст, ки аз ин шумора 4 нафар ба аттестатсияи такрорӣ, 5 нафар ба такмили ихтисос тавсия дода шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 70 нафар хизматчиёни давлатӣ ба курсҳои такмили ихтисос сафарбар гардиданд.

Ҷиҳати иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ, мувофиқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар давоми 9 моҳи соли 2019 дар натиҷаи андешидани чораҳои прокурорӣ ба 64 қарорҳои ғайриқонунии раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ эътироз оварда шудааст, ки нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ 23 адад зиёд гардидааст.

Дар ин давра ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳои Варзоб 14 адад, Рашт 14 адад (аз он 1 адад ба қарорҳои раиси амалкунанда), Шаҳринав 12 адад (12 адад) Тоҷикобод 9 адад (0 адад), Файзобод 8 адад (8 адад), Нуробод 6 адад (6 адад), Сангвор 3 адад (3 адад), Лахш 2 адад (2 адад), ва Роғун 2 адад (0 адад) рост меояд, ки раисони ин шаҳру ноҳияҳоро лозим меояд, ки минбаъд дар қабули қарорҳо ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ такя намуда, ба камбудиҳо роҳ надиҳанд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ, доир ба овардани эътирози Прокурорӣ ба қарорҳои раисони шаҳру ноҳияҳо, маълумот пешниҳод карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкори бо Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии хизматчиёни давлатӣ ҷиҳати иҷрои моддаи 33 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» муносибати хизматчии давлатӣ оид ба иҷрои фармон ва амрҳои ғайриқонунӣ тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

### 3. Таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ (банди 13-и паём)

**Нишондоди пешакии таъмини пешрафти устувори иқтисодӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ** 3.1. **Даромади буҷет**, 3.2. **Ҳолати пардохти намуди андозҳо**, 3.3. **Бақияи қарзи андоз**, 3.4. **Қарзи музди меҳнат**, 3.5. **Музди миёнаи меҳнат**, 3.6. **Корҳои андешидашуда ҷиҳати ташакул додани сарчашмаҳои иловагии буҷетҳои маҳаллӣ арзёбӣ гардиданд**.

### 3.1. Даромади буҷет

Дар 9 моҳи соли 2019 нишондиҳандаи даромади буҷети давлатӣ аз

ҳисоби зиёд гардидани воридоти маблағ нисбат ба нақшаи даромадҳои давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +3,9 млн. сомонӣ (афзоиш 102,9%), Варзоб +1,2 млн сомонӣ (103%), Шаҳринав +4,7 ҳазор сомонӣ (100 %), Сангвор 852 ҳазор сомонӣ (111%), Ваҳдат +2588,6 ҳазор сомонӣ (101,8%), Файзобод +4,6 ҳазор сомонӣ 100%, таъмин гардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои мазкур шароити иқтисодию иҷтимоӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун -39,4 млн. сомонӣ Рӯдакӣ -7,6 млн. сомонӣ (94,8%), Турсунзода -6,6 млн. сомонӣ (95%), Нуробод -170,9 ҳазор сомонӣ (90%) Тоҷикобод -370,5 ҳазор сомонӣ (96%), Рашт -1,02 млн. сомонӣ (97%) ва Лахш - 41,0 ҳазор сомонӣ (97,2%) нисбат ба нақшаи даромади буҷети давлатӣ кам маблағ ворид гардидааст, ки таъсири манфии худро ба рушди иҷтимоию иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳо мерасонад.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Турсунзода, Нуробод, Рашт ва Рӯдакӣ нақшаи андозҳо сифатан иҷро нашудааст, ки боиси иҷро нагардидани буҷети маҳаллӣ гардида, омӯзиши сабабҳо ва зарурияти пурзур намудани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва нозироти андоз ба миён омадааст.

Нақшаи қисми хароҷоти буҷет бошад дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз ҷумла дар Ҳисор 94,6%, Файзобод 93%, Рашт 93%, Шаҳринав 92%, Тоҷикобод 90,2%, Ваҳдат 90%, Сангвор 89,5% Турсунзода 87,5%, Нуробод 86,3%, Роғун 83%, Лахш 81,6%, Рӯдакӣ 81,5%, ва Варзоб 76,4% иҷро гардидааст.

## 3.2. Ҳолати пардохти намуди андозҳо

Дар давраи ҳисоботи аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, пардохти нисбатан сусти намудҳои алоҳидаи андоз, ба ҳолати 1 октябри соли 2019:

- дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав иҷрои 5 намуди андозҳо, аз он ҷумла аксизҳо 86%, андози низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ 97%, андозҳои маҳаллӣ 48%, андоз аз замин 75% ва пардохтҳои дигар ба буҷети маҳаллӣ 48%;
- шаҳри Турсунзода андоз аз даромад 91%, андоз аз арзиши иловашуда 76%, андоз аз низоми соддакардашуда барои соҳибкорони хурд 97%, андози низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ 98%, Пардохтҳои дигар ба буҷети ҷумҳуриявӣ 76%, андоз аз молу мулки ғайриманкул 89%, андоз аз замин 68,5% ва пардохтҳои дигар ба буҷети маҳаллӣ 48%;
- ноҳияи Рашт андоз аз даромад 90%, андоз аз арзиши иловашуда 36%, аксизҳо 92%, андоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 68%, боҷи давлатӣ 54% ва андоз аз воситаҳои нақлиёт 82%;
- шаҳри Роғун андоз аз даромад 75,9 %, андоз аз фоида 81,6%, андози иҷтимоӣ 45,5%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард90,2%;

– ноҳияи Сангвор боҷи давлатӣ 84%, андоз аз низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ 97%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 51%, андоз аз молу мулки ғайриманқул 90% ва пардохтҳои дигар ба буҷети маҳаллӣ 19%;

– ноҳияи Лахш андоз аз даромад, 88,7%, андози иҷтимоӣ 93,7% ва андоз аз воситаҳои нақлиёт 87,7%;

– шаҳри Ваҳдат андоз аз арзиши иловашуда 35%, боҷи давлатӣ 87%, низоми махсуси андозбандӣ барои субектҳои соҳибкорӣ 92% ва андозҳои маҳаллӣ 92%, андоз аз низоми соддакардашуда барои соҳибкорони хурд 97%, андоз аз молу мулки ғайриманқул аз шахсони воқеӣ 77% ва андоз аз замин 73%;

– шаҳри Ҳисор андоз аз арзиши иловашуда 79,2%, надоз аз истифодаи роҳҳои автомобилгард 85,6%, ва андоз аз замин 94,5%;

– ноҳияи Тоҷикобод андоз аз арзиши иловашуда 51%, андози иҷтимоӣ 91%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 97% боҷи давлатӣ 71%, андози маҳаллӣ 80%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 86%, андоз аз молу мулки ғайриманқул 95%;

– ноҳияи Рӯдакӣ андоз азфоида 85,2%, андоз аз арзиши иловашуда 89,1%, андози истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 85,8%, боҷи давлатӣ 93,9% ва низоми махсуси андозбандӣ барои субектҳои соҳибкорӣ 95,2%;

– ноҳияи Варзоб андоз аз фоида 87,8% ва андоз барои захираҳои табиии 80,3;

– оҳияит Нуробод аксизҳо 79,6%, боҷи давлатӣ 72,9%, ва андоз аз воситаҳои нақлиёт 74,7%, низоми махсуси андозбандӣ барои субектҳои соҳибкорӣ 86,8%, пардохтҳои дигар ба буҷети маҳаллӣ,75,9%;

– ноҳияи Файзобод андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард 93,5%, андоз аз низоми соддакардашуда барои соҳибкорони хурд 97%, андози низоми соддакардашуда барои истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ 98% ва андоз аз замин 96,2% ба назар мерасанд, ки дар ташаккули босифати буҷет таъсири манфии худро мерасонад ва бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳои ҷиддӣ андешанд.

### 3.3. **Бақияи қарзи андоз**

Дар 9 моҳи соли 2019 чораҳои андешидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо нозироти андоз имкон додааст, ки дар ноҳияи Варзоб маблағи бақияи қарзи андоз нисбат ба 1-уми январи соли 2019, ба маблағи -4,6 млн. сомонӣ кам карда шуда, (ба ҳолати 01.10.2019 с., бақияи қарзи андоз 4,4 млн. сомонӣ мавҷуд) мебошад ки ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои (Ҳисор -1,7 млн. сомонӣ (7,8 млн. сомонӣ), Шаҳринав -919 ҳазор сомонӣ (2,1 млн. сомонӣ), Рӯдакӣ -528 ҳазор сомонӣ (5,2 млн. сомонӣ), Ваҳдат -490 ҳазор сомонӣ (11,3 млн. сомонӣ), Турсунзода -316 ҳазор сомонӣ (5,1 млн. сомонӣ), Лахш -245 ҳазор сомонӣ (3,1 млн. сомонӣ), Рашт -115 ҳазор

сомонӣ(4,1 млн. сомонӣ) Роғун -72,2 ҳазор сомонӣ (12,06 млн. сомонӣ) Тоҷикобод -15 ҳазор сомонӣ (1,3 млн. сомонӣ), Нуробод -10,4 ҳазор сомонӣ (178 ҳазор сомонӣ), ташкил додааст.

Нисбати нимсолаи аввали соли ҷори бошад дар ноҳияи Варзоб ба маблағи -0,5 млн. сомонӣ кам карда шуда ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ - 1500 ҳазор сомонӣ Шаҳринав -0,6 млн. сомонӣ Ваҳдат -100 ҳазор сомонӣ, Сангвор -123,6 ҳазор сомонӣ Турсунзода +-0 ҳазор сомонӣ Лахш +/-0 ҳазор сомонӣ Тоҷикобод +/-0 ҳазор сомонӣ кам гаштааст, ки натиҷаи чораҳои саривақти андешидашудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва нозироти андоз мебошад.

Тамоюли зиёдшавии бақияи қарзи андоз нисбат ба 01.07.2019, дар шаҳрҳои Ҳисор +1,7 млн. сомонӣ, Роғун +260 ҳазор сомонӣ ва ноҳияи Нуробод +20 ҳазор сомонӣ зиёд шудааст, ки бояд масъулин ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур тадбирҳо андешанд.

Маблағҳои калони умумии бақияи қарзи андоз дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 12,06 млн. сомонӣ, Ваҳдат 11,3 млн. сомонӣ, Ҳисор 7,8 млн. сомонӣ, Рӯдакӣ 5,2 млн. сомонӣ, Турсунзода 5,1 млн. сомонӣ, Варзоб 4,4 млн. сомонӣ ва Лахш 3,1 млн. сомонӣ мавҷуд буда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои зикршуда ҷиҳати кам намудани бақияи қарзи андозҳо пурзӯр намудани фаъолиятро дар якҷояги бо нозироти андоз тақозо менамояд.

### 3.4. **Қарзи музди меҳнат**

Дар ноҳияҳои Варзоб, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Лахш ва Файзобод қарздории музди меҳнат дар ташкилоту муассисаҳое, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешаванд, мавҷуд набуда, қарзи музди меҳнат ба 1 октябри соли 2019 дар ташкилоту маассисаҳои ғайрибуҷетӣ, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -1906,7 ҳазор сомонӣ (1007,4 ҳазор сомонӣ), Шаҳринав -109,8 ҳазор сомонӣ (44,3 ҳазор сомонӣ) Ҳисор -55,3 ҳазор сомонӣ (486,6 ҳазор сомонӣ), Турсунзода -217,2 ҳазор сомонӣ (874,7 ҳазор сомонӣ), Рашт-111 ҳазор сомонӣ (492,4 ҳазор сомонӣ), Сангвор -7,7 ҳазор сомонӣ (6,7 ҳазор сомонӣ) кам гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Роғун нисбат ба соли гузашта +5,6 млн. сомонӣ зиёд гаштааст, (8,6 млн сомонӣ мавҷудбуда) ки андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки қарздории музди меҳнат нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳрҳои Роғун +5,9 млн сомонӣ, Ваҳдат +652,4 ҳазор сомонӣ, Турсунзода +88,6 ҳазор сомонӣ ва Ҳисор +5,3 ҳазор сомони зиёд гардидааст, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳрҳо барои бартараф намудани қарздории музди меҳнат корбариро ба роҳ монанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Шаҳринав нисбати нимсолаи аввали соли ҷори -7 ҳазор сомонӣ кам гардидааст, ки аз фаъолияти дурусти

мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро нишон медиҳад.

Қарздории калони музди меҳнат дар шаҳрҳои Роғун, Ваҳдат Турсунзода, Рашт ва Ҳисор ба назар мерасад, ки барои пешбурди зиндагии аҳолӣ мушкили эҷод намуда, ҷиҳати бартараф намудани камбудии мазкур, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳрҳо ва ноҳияҳоро зарур аст, ки дар якҷоягии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, итифоқҳои касаба чораҳои зарур андешанд.

### 3.5. **Музди миёнаи меҳнат**

Зиёдшавии музди миёнаи меҳнат дар 9 моҳи соли 2019, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +191 сомонӣ зиёд (музди миёнаи меҳнат дар соли 2019, 849,5 сомонӣ), Ваҳдат +176,2 сомонӣ (1248,7 сомонӣ), Ҳисор +136,8 сомонӣ (938,5 сомонӣ), Рӯдакӣ+154 сомонӣ (1138 сомонӣ), Нуробод +130,1 сомонӣ (903,6 сомонӣ), Рашт +120 сомонӣ (905 сомонӣ), Сангвор +117 сомонӣ (879 сомонӣ), Тоҷикобод +112,5 сомонӣ (813,6 сомонӣ), Турсунзода +106,9 сомонӣ (1030,8 сомонӣ), Лахш +110,4 сомонӣ (798,8 сомонӣ) ва Варзоб +1,81 сомонӣ (848,71 сомонӣ), таъмин карда шуда, ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбӣ расонидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Роғун нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -77,97 сомонӣ кам (музди миёнаи меҳнат дар соли 2019, 2075 сомонӣ) гардидааст.

Нишондиҳандаи баланди музди миёнаи меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ваҳдат, Рӯдакӣ ва Турсунзода ба назар расида нишондиҳандаи пасти он дар ноҳияи Лахш баназар мерасад, ки раванди мусбӣ ва манфии рушди иҷтимоию иқтисодии онҳоро инъикос менамоянд.

Пешниҳод: Мақомоти нозироти андози шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои таъмини нақшаи даромади буҷети шаҳру ноҳияҳо, иҷрои сифатии намуди андозҳо, кам намудани бақияпулиҳои андоз, баланд бардоштани иҷрои қарори маҷбуран ситонидани андозҳо, фаъолияти кориашонро пурзӯр намоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф намудани қарзи музди меҳнат чораҳои зарурӣ андешида, тамоюли зиёдшавии онро дар шаҳру ноҳияҳо мавриди омӯзиш қарор диҳанд.

## 4. **Таъмини беҳбудии фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва мусоидат ба рушди соҳибкорӣ (бандҳои 18, 20-и паём)**
## **Нишондоди пешакии рушди соҳибкорӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 4.1. Тамоюли каму зиёдшавии шумораи соҳибкорон, 4.2. Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим, 4.3. Ташкил ва гузаронидани курсҳои омӯзиши бо соҳибкорон 4.4. Дастрасии соҳибкорон**

**бо қарзҳои бонкӣ**, 4.5. **Ҳамкории соҳибкорон бо Муассисаи давлатии "Фонди дастгирии соҳибкорӣ" арзёбӣ гардиданд**.

4.1. **Тамоюли каму зиёдшави шумораи соҳибкорон**

Ба ҳолати 1 октябри соли 2019 зиёдшавии шумораи соҳибкорон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +471 нафар (2009 ҳамагӣ шумораи соҳибкорон нафар), Рашт +449 нафар (3921 нафар) Ҳисор +375 нафар (8191 нафар), Турсунзода +331 нафар (4401) нафар, Рӯдакӣ +291 нафар (10531 нафар), Ваҳдат +272 нафар (12532 нафар), Файзобод +262 нафар (4341 нафар), Нуробод +221 нафар (887 нафар), Тоҷикобод +91 нафар (1417 нафар), Варзоб +25 нафар (1396 нафар), Сангвор +13 нафар (713 нафар), ва Роғун +11 нафар (1270 нафар), ба назар расида, ин нишондиҳанда рафти таъмини беҳбудии фазои соҳибкориро дар ин шаҳру ноҳияҳо инъикос менамояд.

Шумораи соҳибкорон дар ноҳияҳои Рӯдакӣ -111 нафар нисбати 6 моҳаи аввали соли 2019 кам гардида, (ҳамагӣ шумораи соҳибкорон 10535 нафар), ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод -24 нафар (1417 нафар), Роғун -13 нафар (1270 нафар) ташкил дода, ки барои омӯзиши сабабҳои он ва бартараф намудани тамоюли манфӣ, андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

4.2. **Ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва мустақим**

Нишондодҳои маҷмӯи маблағҳои сармояҳои ҷалбшуда дар 9 моҳи соли 2019, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар доираи лоиҳаҳои амалишаванда, ҷалби сармояи хориҷӣ, аз ҷумла сармояи мустақим, рафти амалишавии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод 58 лоиҳа ба маблағи 30,3 млн. сомонӣ, Ҳисор 3 лоиҳа ба маблағи 216,1 млн. сомонӣ Лахш 10 лоиҳа ба маблағи 4,4 млн. сомонӣ, Файзобод 3 лоиҳа ба маблағи 13,6 млн. сомонӣ, Роғун 1 лоиҳа ба маблағӣ 980 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 148 млн. сомонӣ, Турсунзода 24,3 млн.доллари ИМА, ва Шаҳринав 6,3 млн. сомониро ташкил намудааст.

Нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 бошад, дар шаҳру ноҳияи Рӯдакӣ +58,3 млн. сомонӣ, Турсунзода +1,6 млн. доллари ИМА Файзобод 8,9 млн. сомонӣ, Нуробод +4,1 млн. сомонӣ, Шаҳринав +4 млн. сомонӣ Ҳисор 2,9 млн. сомонӣ ва Лахш 2,6 млн сомонӣ зиёд гардидааст, ки амалигардонии лоиҳаҳои пешбинигардида барои таъмини нишондиҳандаи ҷалби сармоягузорӣ барои рушди соҳибкорӣ замина гузошта, ба раванди рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳои дар боло зикр гардида, таъсири мусбӣ мерасонад.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Сангвор, Тоҷикобод, Рашт ва Варзоб рафти омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ маълумот пешниҳод нагардидааст аз фаъолияти сусти шуъбаи сармоягузории ноҳияҳо шаҳодат медиҳад

4.3. (4.4) **Беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ**

Ҷиҳати иҷрои бандҳои дахлдори Нақша чорабиниҳо оид ба амалӣ намудани 300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар

намудани фазои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2019, №95 тасдиқ гадидааст, корҳо бо маром идома доранд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Варзоб, Рӯдакӣ, Нуробод, Тоҷикобод, Шаҳринав, Лахш ва Файзобод бо мақсади баланд бардоштани савияи дониши соҳибкорон, баланд бардоштани сатҳи касбият, малакаи соҳибкорӣ ва инчунин сифати омода намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва нақшаҳои тиҷоратӣ корҳои муайянеро ба анҷом расонида, барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ замина гузошта истодааст

Бо мақсади муайян намудани мушкилоту монеаҳои рушди соҳибкорӣ оид ба дастовардҳо ва камбудиҳои соҳа ҷиҳати дастгирии соҳибкорон ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар шаҳру ноҳияҳо Шӯрои дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ фаъолият менамояд. Шӯро дар ҳамкорӣ ба соҳибкорони ҳудуди шаҳру ноҳияҳо вобаста ба ҳалли мушкилотҳои ҷойдошта корбарӣ менамояд

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо дар ҳамкорӣ бо соҳибкорони маҳаллӣ, лоиҳаҳои сармоягузории грантӣ таҳия намуда, ба «Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 2016, №381 қабул гардидааст, ирсол намудааст.

### 4.5 (4.6) **Дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузорӣ**

Дар 9 моҳи соли 2019, нишондиҳандаи баланди дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +26,3 млн. сомонӣ (162,1 млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзи дода шуда), Ҳисор + 29,3 млн. сомонӣ (133,9 млн сомонӣ), Ваҳдат +14,8 млн. сомонӣ (125,6 млн. сомонӣ), Шаҳринав +5,6 млн. сомонӣ (25,4 млн сомонӣ) Рӯдакӣ +3,8 млн. сомонӣ ( 176,7 млн. сомонӣ ), Файзобод +3,7 млн. сомонӣ (7,3 млн. сомонӣ), ва Нуробод +1 млн. сомонӣ (3,5 млн. сомонӣ) таъмин гардида, мавҷуд будани соҳаҳои ҷолиби соҳибкорӣ, зиёд будани марказҳои хизматрасонии бонкиро нишон медиҳанд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикобод +655,3 ҳазор сомонӣ (1,2 млн. сомонӣ), Варзоб +749,2 ҳазор сомонӣ (847,3 ҳазор сомонӣ), Сангвор +500,5 ҳазор сомонӣ (862 ҳазор сомонӣ), Роғун +365 ҳазор сомонӣ ( 475 ҳазор сомонӣ) ва дар ноҳияи Рашт 6,6 млн сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра дар ноҳияи Лахш -486,4 ҳазор сомонӣ (2,3млн. сомонӣ ҳамагӣ қарзи додашуда) нисбат ба соли гузашта ба соҳибкорон қарзҳо кам дода шуда, дар фароҳам овардани шароит барои соҳибкорӣ андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Шумораи шаҳрвандоне, ки бо қарзи бонкӣ дастрас шудаанд, дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 15772 нафар қарз гирифтаанд, ки аз ин 705 нафарро занҳо ташкил медиҳанд, Ваҳдат 13139 нафар 1183 зан, Ҳисор 12263 нафар 4546 зан, Рӯдакӣ 4395 нафар 1609 зан, Шаҳринав 12263 нафар 1117 зан, Файзобод 1283 нафар 339 зан ташкил дода, дар шаҳру ноҳияҳои

Нуробод 436 нафар 63 зан, Лахш 322 нафар 43 зан, Сангвор 166 нафар 21 зан, Тоҷикобод 135 нафар 11 зан, Роғун 19 нафар 7 зан ва Варзоб 130 нафарро ташкил медиҳад, ки ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои соҳибкорон дар дастрасии қарзҳои бонкӣ ташвиқоти пешниҳоди қарзҳо пурзӯр карда шавад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ барои амалишавии ваколатҳои дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дастгирии давлатии соҳибкорӣ”, баланд бардоштани сатҳи касбият ва малакаи соҳибкорӣ, мусоидат намуда, омӯзиши мушкилоти онҳо ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкориро тақвият бахшанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ, паст намудани фоизи маблағи қарзҳои бонкии ҷудогардида ва дар ин замина дароз намудани муҳлатҳои қарзӣ, мавриди омӯзиш қарор гирифта шаванд.

## 5. Рушди соҳаи саноат (бандҳои 11, 12 ва 28-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи саноат бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, 5.2. Шумораи корхонаҳои нав, аз фаъолият бозмонда ва таъсиси ҷойҳои корӣ, 5.3. Ҷарби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ, 5.4. Таъмини корхонаҳои нассоҷӣ бо нахи пахта 5.5. Фаъолияти корхонаҳои коркарди маҳсулоти ширӣ 5.6. Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сехҳои духти либосҳои мактабӣ арзёбӣ гардидаанд.**

### 5.1. Суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ

Дар 9 моҳи соли 2019 нишондиҳандаҳои баланди суръати афзоиш дар шаҳри Роғун 310% таъмин карда шуда, (маблағи умумии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 183816,2 ҳазор сомониро ташкил дода) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи +125933,1 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 250% (536700,6 ҳазор сомонӣ) +325301,8 ҳазор сомонӣ, Файзобод 250% (25578,7 ҳазор сомонӣ), +15627,9 ҳазор сомонӣ, Шаҳринав 198% (23983,5 ҳазор сомонӣ) +11872,4 ҳазор сомонӣ, Рӯдакӣ 155% (286394,4 ҳазор сомонӣ) +101687 ҳазор сомонӣ, Рашт 151,2% (31280,4 ҳазор сомонӣ) +10635,4 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 121,1% (621229,5 ҳазор сомонӣ) +118281,7 ҳазор сомонӣ, Варзоб 146,2% (46435,6 ҳазор сомонӣ) +15304,3 ҳазор сомонӣ, Тоҷикобод 112,1% (3316,7 ҳазор сомонӣ) +357,2 ҳазор сомонӣ, Нуробод 112,% (2676,9 ҳазор сомонӣ) +582,9 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 105% (150063 ҳазор сомонӣ) +7481,6 ҳазор сомонӣ ва Сангвор 102,3% (769,8 ҳазор сомонӣ), +17,5 ҳазор сомонӣ таъмин карда шудааст, ки дар инкишофи рушди устувории саноати ҷумҳурӣ дар шакли индустриалӣ-аграрӣ

замина гузошта истодааст.

Дар 9 моҳи соли 2019, таносуби ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти саноатӣ нисбат ба ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 326%, Турсунзода 147% Рашт 118,2 ва Ваҳдат 114% бартарӣ дошта, барои нишондиҳандаи рушди саноат замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 65,4%, Варзоб 63,2%, Ҳисор 31,4%, Файзобод 14,9%, Шаҳринав 12,1%, Лахш 6,9%, Тоҷикобод 3,04%, Нуробод 2,09% ва Сангвор 0,63% ташкил намудааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи рушди саноат нокифоя буда пешбини намудани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

## 5.2. **Рафти амалигардонии барномаҳои соҳаи саноат ва сармоягузорӣ**

Бо мақсади афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ дар 9 моҳи соли 2019, 13 адад корхонаҳои истеҳсолӣ бо ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ ба фаъолият шурӯъ намудааст, ки ин ба баланд шудани ҳаҷми истеҳсолот ва ташкили ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Дар 9 моҳи соли 2019 корхонаҳои ба истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда машғул буда, ба маблағи 105 млн 496,6 ҳазор сомонӣ маҳсулотҳои воридотивазкунанда истеҳсол намудаанд, ки нисбати нимсолаи аввали соли 2019 +46,8 млн. сомонӣ зиёд гардидааст, ки ба рушди соҳаи саноат замина гузоштааст.

Дар шаҳри Ҳисор дар солҳои 2018-2019, ба фаъолият оғоз намудани корхонаи ҶСШП “Агротехсервис” кормандон ба ҷамъу васли тракторҳои тамғаи “Белорус 82,1”, “Белорус 80Х” ва “Белорус 512” оғоз намуда, то имрӯз 117 трактор, 63 ядак, 28 тойбанд, 72 испори сетана, 2 облошак ва 7 заҳрпошак омода намуда, ба хоҷагиҳои деҳқонии ҷумҳурӣ ва хориҷи мамлакат пешниҳод намудаанд, ки дар корхонаи мазкур миқдори кормандон аз 17 ба 54 нафар расонида шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод бинобар сабаби истеҳсоли ками маҳсулоти содирот ва воридотивазкунанда имконияти содироти молу маҳсулотро ба бозорҳои истеъмолии кишвар ва бозорҳои минтақавию ҷаҳони маҳдуд гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод то имрӯз сехҳои хурди банду басти меваю сабзавот, сехи мева хушконӣ, сехи қаннодӣ, гармхона барои нигоҳдории маҳсулотҳои кишоварзӣ ва сехи тунукабарорӣ ба фаъолият оғоз намудаанд.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Рӯдакӣ, Ҳисор, Нуробод, Тоҷикобод ба рушди соҳаи саноат мусоидат намуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷет ва боздоштани хориҷшавии асъор аз ҷумҳурӣ мусоидат намудааст.

## 5.3. **Ҷалби сармояи мустақим, ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда ва ташкили ҷойҳои нави корӣ (банди 12 паём)**

Дар давраи ҳисоботи дар ҳудуди ноҳияи Рашт сохта ба истифода додани 12 адад корхонаи истеҳсолӣ ба нақша гирифта шудааст, аз ин дар

соли 2019 сохтмони 2 корхона ба анҷом расида, сохтмон ва ҳуҷҷатгузории 3 корхонаи дигар идома дорад.

Дар ноҳияи Тоҷикобод аз тарафи ташкилоти хориҷии "Юсаид" ба 5 нафар занони хонанишини ҳунарманд 5 ҳазор доллари амрикоӣ грант барои харидории таҷҳизотҳои истеҳсолӣ ҷудо гардидааст, ки корхонаи духти либосҳои варзишӣ, кулолгарӣ, омӯзонидани ҷавондухтарон ба касби пешхизмат ва пухтани кулчақандҳо, чакандӯзӣ ва сузанизанӣ, қуроқдузӣ бо теъдоди 25 нафар коргар корро шуруъ намуданд.

Дар шаҳри Ҳисор соли 2019 дар самти рушди соҳаи саноат ва зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ нақшаҳои зиёд таҳрезӣ гардида, сохтмони корхонаи истеҳсоли коғаз ва маҳсулоти коғазӣ аз ҷониби ҶДММ "Коғази Шарора" бо таъсиси 100 ҷойи корӣ, коргоҳи коркарди шир дар назди ҶСК "Авитсенна" бо таъсиси 65 ҷойи корӣ, коргоҳи истеҳсоли бомпӯш дар назди ҶДММ "Истеҳсоли труба ва профили тоҷик" бо иқтидори истеҳсоли 1,5 ҳазор дона дар як рӯз бо таъсиси 25 ҷойи корӣ, коргоҳи истеҳсоли бомпӯш аз ҷониби ҶДММ "Анас Одина"бо иқтидори истеҳсоли 1 ҳазор дона дар як рӯз бо таъсиси 15 ҷои корӣ, корхонаи бастабандии ҷуворимакка бо иқтидори истеҳсолӣ 1,5 тонна маҳсулот дар як рӯз бо таъсиси беш аз 32 ҷойи корӣ аз ҷониби ҶДММ "Ситаб-агро", корхонаи истеҳсоли хишти пухта ҶДММ "Санги Дарё" бо таъсиси 30 ҷойи корӣ, коргоҳи истеҳсоли обҳои ташнашикан дар назди ҶДММ "Мужда ЛТД-2016" бо таъсиси 16 ҷойи корӣ, корхонаи истеҳсоли нуриҳои органикӣ дар назди фермаи чорвопарварии ҶДММ "Абдурауф Юсупов" бо иқтидори коркарди 30 тонна пору бо таъсиси 12 ҷойи корӣ, корхонаи коркарди санг аз ҷониби "Авесто груп" бо таъсиси 35 ҷойи корӣ ва 50 адад коргоҳҳои хурду миёнаи дӯзандагию мевахушккунӣ бо таъсиси беш аз 120 ҷойи корӣ босуръат рафта истодааст, дар маҷмуъ аз ҳисоби корхонаҳои мазкур беш аз 450 ҷойҳои кории нав таъсис дода хоҳад шуд.

Давоми 9 моҳи соли 2019, дар ҳудуди ноҳия Рӯдакӣ 13 адад корхонаҳои истеҳсолӣ бо ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ ба фаъолият шурӯъ намудааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ таъмин гардида истодааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав ҷиҳати амалӣ намудани барномаҳои қабулгардидаи соҳаи саноат ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ 4 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст. Корхонаи ҶДММ "Орди Шаҳринав", ки аз соли 2016 аз фаъолият боз монда буд, ба фаъолият шурӯъ намуда, дар 9 моҳаи аввали соли 2019 186 тонна орд, 80 тонна сабӯс ба маблағи 627 ҳазор сомонӣ истеҳсол намудааст, дар 3 моҳа ва нимсолаи аввали соли 2019 бошад, чунин рақам пешниҳод карда шудааст, ки аз фаъолият накардани корхонаи мазкур шаҳодат медиҳад ё аз бемасъулиятии шахси масъул дарак медиҳад.

Дар ноҳияи Файзобод вобаста ба амалисозии барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти ҷалби сармояи мустақим ва маблағҳои грантӣ дар давоми соли ҷорӣ ба маблағи 2462,6 ҳазор сомонӣ 3 адад лоиҳаҳо амалӣ гардида истодааст. Аз ҷумла, дар бобати сохта ба истифода додани корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар ноҳия дар соли 2019 ба истифода

додани корхонаи коркарди қуму шағал ба нақша гирифта шуда, айни замон зиёда аз 80 % корҳои сохтмонии он ба анҷом расонида шудааст. Дар давоми соли ҷорӣ тибқи маълумоти омории ноҳия 724 ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шудааст.

Дар ноҳияи Сангвор аз рӯи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар давоми соли 2019 дар Ҷамоати деҳоти Чилдараи ноҳия як корхонаи банду басти мева ба истифода дода мешавад.

Дар ноҳияи Нуробод дар самти ҷалби сармояи мустақим дар давоми соли ҷорӣ амалигардонии зиёда аз 8 адад лоиҳаҳо ба нақша гирифта шуда, бобати сохта ба истифода додани корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ дар ноҳия дар соли 2019 ба истифода додани корхонаи истеҳсоли гӯшту шир ба нақша гирифта шудааст. Дар давоми соли ҷорӣ тибқи маълумоти шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия 232 нафар бо ҷойҳои нави корӣ таъмин карда шудаанд, ки нисбати 3 моҳаи аввали соли 2019 +123 нафар бо ҷойи нави корӣ таъмин гардидаанд, ки аз ин шумора 55 нафарашон занон мебошанд.

Дар шаҳрҳои Ваҳдат ва Роғун ҷиҳати бунёди корхонаҳои хурду миёна дар самти коркард ва банду басти меваю сабзавот, ки ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва истеҳсоли молу маҳсулоти аълосифат мусоидат менамояд, бо соҳибкорони маҳаллию хориҷӣ корбарӣ рафта истодааст.

Дар ноҳияи Варзоб бо иқдоми соҳибкори инфиродӣ як адад коргоҳи хурди дузандагӣ барои дӯхти сару либоси ягонаи мактабӣ ҶДММ “Зевар” ба қайд гирифта шудааст.

Корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Файзобод ва шаҳри Ҳисор ба рушди соҳаи саноат мусоидат намуда, ташкили ҷойҳои нави корӣ, зиёд гардидани пардохтҳо ба буҷети маҳаллӣ мусоидат намудааст.

Дар маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Нуробод, Варзоб, Сангвор, Шаҳринав, ва шаҳри Роғун маълумотҳо нимсолаи аввали соли 2019, бе тағйир мондааст.

Мувофиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2019 №3-201, оид ба сохтмони иншоотҳои ҷашнӣ ба муносибати 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1290 иншоот ба истифода дода шудааст, ки 1740 адад ҷойҳои нави кори таъсис дода шудааст, аз ҷумла дар шаҳри Ваҳдат 283 иншоот 336 ҷои кории нав дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 32/60, Турсунзода123/251, Ҳисор 7, Файзобод 119/125, Шаҳринав 170/105, Варзоб 76/107, Нуробод 132/133, Рӯдакӣ 162/517, Сангвор 28/20 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст.

### 5.4. (5.5) **Дараҷаи коркарди маҳсулоти кишоварзӣ пахта, пилла, пуст ва пашм, шир, меваю сабзавот ва нӯшокиҳо,**

Дар ноҳияи Лахш, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд барои ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти корхонаи коркарди пашм таҷҳизоту технологияи зарурӣ ворид карда шуда, коргоҳи мазкур барои ба фаъолият оғоз намудан омода карда шуда, дар ноҳияи Файзобод дар давоми соли 2019 аз тарафи корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ба маблағи 190,3 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ, 54,8 ҳазор сомонӣ зиёд, корхонаи оби маъданӣ бошад ба маблағи 472,7 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудааст, ки дар миқёс нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ 269,3 ҳазор сомони зиёд маҳсулот истеҳсол намудааст.

Дар ноҳияи Нуробод як корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ, фаъолият намуда, дар давоми соли ҷорӣ аз тарафи корхонаи коркарди маҳсулоти ширӣ ба маблағи 63,2 ҳазор сомонӣ, маҳсулот истеҳсол намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 57,6 ҳазор сомонӣ ё 52,3 фоиз кам буда, дар шаҳри Роғун бо ҷалби сармояи хориҷӣ (Фонди Оғохон) корхонаи коркарди шир дар деҳаи Чашмаи Кулло, корхонаи коркарди мева дар деҳаи Ҷавонӣ, коркарди ширинии тут дар деҳаи Деҳи Бустон таъсис дода шуда, фаъолият менамоянд.

Дар ноҳияи Сангвор дар давоми соли 2019 дар ҷамоати деҳоти Чилдараи ноҳия як корхонаи банду басти мева ба истифода дода мешавад.

Дар шаҳри Турсунзода 1 корхона ба истеҳсоли маҳсулоти ширӣ машғул мебошад. Номгӯи маҳсулоти истеҳсолшавандаи корхона 15 намудро ташкил медиҳанд. Дар нуҳмоҳи соли 2019 корхона 85,34 тонна ширро коркард ва истеҳсол намуд, ки маблағи он 401 880 сомонӣ, ки дар муқоиса ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ 31,2 тонна ба маблағи 186,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳудуди ноҳияи Рӯдакӣ 1 адад корхона ба коркарди маҳсулоти ширӣ ва 1 адад корхона ба истеҳсоли обҳои ташнашикан ба фаъолият шурӯъ намуда, дар ноҳияи Шаҳринав бошад корхонаи ҶДММ “Сафо 2015” фаъолият менамояд, ки дар ин давра 28,1 тонна маҳсулоти ширӣ ба маблағи 7,5 млн сомонӣ истеҳсол намудаст, ки нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ, 7,4 млн сомонӣ зиёд маҳсулот истеҳсол намудааст.

Самараноки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор, Роғун ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Файзобод ва Шаҳринав дар 9 моҳи соли 2019, дар самти коркарди маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шудааст.

Дар ҳисоботҳои дастрасшуда аз шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Рашт, Тоҷикобод ва Варзоб оид ба ни масъала маълумот пешниҳод карда нашудааст.

### 5.6. **Фаъолияти корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ**

Дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тибқи таҳлили корхонаҳои дастии атласу адрасбофӣ, қолинбофӣ ва сеххои духти либосҳои мактабӣ кор ба таври дахлдор ба роҳ монда шуда, бахри рушд ва эҳё намудани

ҳунарҳои мардумӣ, омӯзиши атласу адрасбофӣ, ҳунарҳои қолинбофии дастӣ ва чараёни ичрои дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои судманд ба сомон расонида шудаанд.

Дар шаҳри Турсунзода аз ҷониби соҳибкорон коргоҳи хурди қолинбофии дастӣ ташкил карда шудааст, ки дар он 12 дастгоҳи хурди қолинбофӣ мавҷуд буда, зиёда аз 20 нафар бонувон ба касбомӯзи фаро гирифта шудаанд. Инчунин дар 35 коргоҳҳои дӯзандагӣ 202 нафар занону духтарон бо шуғли доимӣ таъмин карда шудаанд.

Давоми солҳои таҳсили 2019-2020 аз тарафи муассисаҳои таълимии шаҳри Турсунзода бо корхонаҳои дӯзандагии «Таъминот-2013», «Баракати Дилшод», ҶДММ «Нассоҷии тоҷик» ва корхонаи дузандагии “Азиз - Компаня” шартнома ба имзо расида, нақшаи таъмини либоси ягонаи мактабӣ 103 % иҷро гардидааст. Дар ин давра 30 ҳазору 816 адад либоси мактабӣ духта ба фурӯш бароварда шудааст.

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияҳои Нурobod дар марказҳои омӯзишии атласу адрасбофӣ зиёда аз 25 нафар занону духтарон ва Файзобод 12 нафар занону духтарон ба ҳунаромӯзӣ ҷалб карда шудаанд.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳринав ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия барои омӯзонидани занони хонашин 7- адад дӯкони адрасбофӣ тақдим карда шудааст. Айни ҳол дар ҳудуди ноҳия зиёда аз 18 нафар занону духтарон дар хона бо ҳунари қолинбофӣ ва адрасбофӣ машғул мебошанд. Инчунин дар ҳудуди ноҳия аз ҳисоби соҳибкорони маҳаллӣ 14 сехҳои дӯзандагӣ таъсис дода шуда, дар он 50 нафар занону духтарон ба касбомӯзӣ фаро гирифта шудаанд. Аз ҷониби соҳибкор Ғафуров Бахтиёр корхонаи хурди дӯзандагии духти сару либоси мактабӣ ташкил гардида, дар он 20- нафар занону духтарон ба кор ҷалб карда шудаанд. То оғози соли хониш корхонаи мазкур тибқи шартномаи шӯъбаи маорифи ноҳия 5730 адад либоси мактабӣ истеҳсол намуда, ба фурӯш баровардааст.

Дар ноҳияи Лахш аз тарафи коргоҳи дузандагии “Сумая” бо муассисаҳои таълимии ноҳия шартнома баста шуда, ба ҳолати 1 октябри соли 2019-ум 6504 маҷмуъ либосҳои мактабӣ, аз ҷумла 2462 адад либоси бачагона ва 4042 адад либоси духтарона дӯхта шудааст, ки 100 %нақшаи пешбинигардидаро дар бар мегирад.

Вобаста ба ташкили корхонаҳои атласу адрасбофӣ низ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, барои ташкил намудани касбомӯзии духтарону занони ноҳия аз вилояти Суғд 3 адад дастгоҳҳои адрасбофӣ дастрас гардида, ба 11 нафар духтарони маҳаллӣ нозукиҳои касби атласбофӣ омӯзонида шудааст.

Ҳамзамон аз тарафи шуъбаи ноҳиявии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар заминаи таҷҳизотҳои мавҷуд буда, барои зиёда аз 15 нафар занону духтарон курси омӯзиши касби атласбофӣ ташкил карда шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор бо корхонаҳои дӯзандагии “Даҳбед”, “Нури ирфон”, “Коллеҷи омӯзгорӣ” ва “ Мақсад” шартномаҳо баста шуда, то 1 сентябри соли ҷорӣ ба миқдори 12213 ҷуфт либосҳои мактаби дӯхта шуда, ба муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳр ҷиҳати харидорӣ намудани хонандагон пешниҳод гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Тоҷикобод 5 адад коргоҳи духти либосҳои мактабӣ фаъолият дошта, духти 5424 ҷуфт сару либос ба нақша гирифта шуда, иҷроиши нақша то ба ҳолати давраи ҳисоботӣ 91% нақшаро ташкил додааст.

Дар 9 моҳи соли 2019 дар шаҳри Ваҳдат 2 коргоҳи дастии қолинбофӣ ташкил карда шудааст. Иқтидори солонаи қолинбофӣ дар як сол 30 қолинро ташкил медиҳад.

Дар солҳои таҳсили 2019-2020 таъмини талабагон бо либосҳои мактабӣ дар ҳаҷми 43 ҳазор адад ба нақша гирифта шуда, соли ҷорӣ бо коргоҳҳои дузандагии маҳаллӣ ҶДММ «Мафтуна», ҶДММ «Марям» ва корхонаи дузандагии «Олими-Хуҷандӣ» ба миқдори 32 ҳазор адад шартнома баста шудааст, ки баробари 74,4 фоизи нақша мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Рӯдакӣ аз тарафи корхонаи ҶДММ "Ахтари Вахш" ба маблағи 240 ҳазор сомонӣ 1066 адад либоси ягонаи мактабӣ ва Варзоб аз тарафи коргоҳи дузандагии ҶДММ "Зевар" 4164 адад сару либоси ягонаи мактабӣ духта шуда, ба фурӯш бароварда шудааст.

Мутаассифона аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Роғун ва ноҳияи Сангвор маълумотҳои зарурӣ пешниҳод нагардиданд.

Бояд зикр намуд, ки мувофиқ ба нишондиҳандаҳо, истеҳсол ва духти сару либоси ягонаи мактабӣ дар корхонаву коргоҳҳои шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 тадриҷан зиёд гардида, ба рушди соҳаи саноат заминаи мусоид гузошта истодааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ҳамкорӣ бо Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба фаъолият оғоз намудани корхонаҳои нави банақшагирифта ва ба кор андохтани корхонаҳои аз фаъолият бозмонда чораҳои зарурӣ андешанд, аз ҷумла корхонаи коркарди пашм дар ноҳияи Лахш.

## 6. Маълумот оид ба рушди энергетика (банди 10-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи энергетика** 6.1. **Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида**, 6.2. **Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ**, 6.3. **Қарзи умумии истифодаи барқ**, 6.4. **Фоизи талафоти барқ арзёбӣ гардиданд**.

### 6.1. Ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида

Таҳлили нишондиҳандаи ҳаҷми қувваи барқи қабулгардида муайян менамояд, ки дар 9 моҳи соли 2019 ҳаҷми барқи истифода шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +28,2 млн. кВт/соат, Турсунзода +24,7 млн. кВт/соат, Файзобод +6,4 млн. кВт/соат, Нуробод +1,9 млн. кВт/соат, Рашт +0,9 млн. кВт соат, Тоҷикобод +0,5 млн. кВт/соат ва Сангвор +0,4 млн. кВт/соат, зиёд

гардидааст, ки барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо замина гузоштааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат -7,2 млн. кВт соат, Ҳисор -6,4 млн. кВт/соат, Лахш -4,8 млн. кВт/соат, Роғун -2,4 млн. кВт/ соат, Шаҳринав -1,9 млн. кВт/ соат ва Варзоб 129,8 ҳазор кВт/ соат ҳаҷми истифодаи қувваи барқ кам гардидааст.

Шумораи неругоҳҳои хурди барқӣ дар шаҳри Ваҳдат 55 ададро ташкил медиҳад ва дар ин давра аз ҳисоби онҳо 1200 ҳазор кВт/соат неруи барқ истеҳсол карда шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб аз 8 адад неругоҳҳои хурди барқии обӣ, ки дар ҳудуди ноҳия мавҷуданд, як адад давлатӣ, 2 адад шахсӣ ва 5 адад ҷамъиятӣ мебошад. Аз 8 адад неругоҳҳои хурди барқии обӣ танҳо 2 адад -НОБ-и хурди Панҷхон фаъолият менамоянд, дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 15, Нуробод 12 адад Турсунзода 3 адад, Ҳисор 7 адад, Файзобод 2 адад, Лахш 2 адад, Тоҷикобод 1 адад ненругоҳои хурди барқи обӣ мавҷуд мебошад, ки фаъолияти мунтазами он барои зиёд намудани ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Дар ноҳияҳои Нуробод 12 адад ва Рашт 2 адад, ки аз фаъолият боз мондани нерӯгоҳҳои хурди барқӣ, ба назар расида, барои дар ҳолати корӣ нигоҳ доштани он тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шавад.

Дар 3 моҳаи аввали соли 2019 мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳри Ваҳдат 38 адад нерӯгоҳҳои хурди барқӣ фаъолият дошта (17 адад аз фаъолият бозмонда), пешниҳод гардида буд, ки дар 6 моҳа умуман маълумот пешниҳод нагардидааст, Дар 9 моҳа бошад 55 адад фаъолият дорад, масъулини мақомотро лозим аст, зимни таҳияи ҳисобот диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд.

### 6.2. **Шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ**

Дар 9 моҳи соли 2019 ба ҳисоб гирифтани қувваи барқ аз ҳисоби таъмини нишондиҳандаи баланди шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +4420 адад (дар маҷмуъ 60452 адад ), Турсунзода +3484 адад (38227 адад), Файзобод +2336 адад (9635 адад), Нуробод +1492 адад (6705 адад), Ваҳдат +1377 адад (16209 адад), Ҳисор +1010 адад (20215 адад), Шаҳринав +866 адад (13635 адад), Варзоб +312 адад (3402 адад), Лахш +197 адад (4387 адад), Рашт +125 адад (520 адад), Роғун +115 адад (4120 адад), Сангвор +108 адад (1123 адад ), ва Тоҷикобод +53 адад (220 адад) зиёд шудааст, ки барои таъмини нишондоди рушди энергетика замина гузошта истодааст.

Ин нишондиҳанда нисбати нимсолаи аввали соли 2019 бошад, дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод +744 адад, Шаҳринав 435 адад, Файзобод 303 адад, Рӯдакӣ +129 адад, Ҳисор +110 адад, Варзоб +104 адад, Турсунзода +62 адад, Рашт +47 адад, Тоҷикобод +9 адад ва Сангвор +5 адад ва зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақоми ваколатдор таъмин карда шудааст.

Дар шаҳри  Ваҳдат -20973 адад, Роғун -10 адад ва дар ноҳияи Лахш +/- 0 адад шумораи насби ҳисобкунакҳои электронӣ нисбати 6 аввали соли ҷорӣ кам гардидааст, ки номувофиқатии маълумот нисбати 6 моҳа ба назар мерасад.

### 6.3. **Қарзи умумии истифодаи барқ**

Дар 9 моҳи соли 2019, қарзи умумии истифодаи барқ нисбат ба 1 январи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +21,5 млн. сомонӣ (ҳамагӣ дар соли 2019 125,5 млн. сомонӣ), Шаҳринав +12,6 млн. сомонӣ (13,7 млн. сомонӣ), Ҳисор +11,8 млн. сомонӣ (63,3 млн. сомо нӣ), Рашт +4,6 млн. сомонӣ (19,1 млн. сомонӣ), Тоҷикобод +1,6 млн. сомонӣ (7,5 млн. сомонӣ), Варзоб +0,9 млн. сомонӣ (4,1 млн. сомонӣ), Нуробод +0,46 млн. сомонӣ (0,86 млн. сомонӣ) ва Лахш +0,3 млн. сомонӣ (11,2 млн сомонӣ), зиёд гардидааст, ки ба рушди соҳаи энергетика таъсири манфӣ расонидааст.

Ин нишондиҳанда нисбат нимсолаи аввали соли 2019 бошад, дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +10,3 млн. сомонӣ, Роғун +9,8  млн. сомонӣ, Варзоб +3,2 млн сомонӣ, Ваҳдат +3,7 млн. сомонӣ, Рӯдакӣ +3,6 млн. сомонӣ ва Ҳисор +2,2 млн сомонӣ зиёд гардидааст, ки самаранокии нокифояи фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ШСХК "Барқи Тоҷик" ба назар мерасад.

Камшавии қарзи қувваи барқ нисбати 1 январи 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода -3,5 млн. сомонӣ (26,7 млн. сомонӣ), Ваҳдат -2,2 млн. сомонӣ (10,3 млн. сомонӣ),

Файзобод -1 млн. сомонӣ (9 млн. сомонӣ), Сангвор -0,47 млн. сомонӣ (0,63 млн. сомонӣ) ташкил намудааст, ки барои истифодаи имконияти молиявии рушди энергетика шароит  фароҳам овардааст.

Нисбати 6 моҳаи соли 2019 бошад, дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода -12,7 млн сомонӣ, Рашт -0,4 млн сомонӣ,  Сангвор -0,11 млн. сомонӣ ва Нуробод -0,04 млн сомонӣ кам гардидааст, ки аз беҳтар шудани кобарии дурусти мутахассисон бо муштариён, ҳамкориҳо байни мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ҳудудии ШСХК "Барқи тоҷик"- ро нишон медиҳад.

Маблағи калони қарзи истифодаи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Ҳисор, Турсунзода, Роғун, Ваҳдат, Файзобод ва Тоҷикобод мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

Маблағи калони қарзи истифодаи барқ дар шаҳру ноҳияҳои қарзи калони истифодаи барқ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ (125,5 млн. сомонӣ), Ҳисор (63,3 млн. сомонӣ), Турсунзода (26,7 млн. сомонӣ), Роғун (16,6 млн. сомонӣ), Ваҳдат (10,3 млн. сомонӣ), Файзобод (9 млн. сомонӣ) ва Тоҷикобод (7,5 млн. сомонӣ), мавҷуд мебошад, ки андешидани чораҳои заруриро талаб менамояд.

### 6.4. **Фоизи талафоти барқ**

Дар 9 моҳи соли 2019, нишондиҳандаи фоизи талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Сангвор 17,2% (-0,8% нисбати соли гузашта  кам

гардидааст), Рӯдакӣ 15,2% (-0,7%), Тоҷикобод 16% (-1%), Варзоб 14,9% (-0,9%), Файзобод 14% (-1,5%), Ҳисор 14% (-1,2%), Шаҳринав 14,% (+/-0%), Роғун 14,7% (-1,2%), Турсунзода 12,6% (-0,9%) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта коҳиш ёфта, барои таъмини рушди энергетика шароит фароҳам оварда, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа ба назар мерасад.

Дар ин давра дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 16,5% (+0,66%), Лахш 15,5% (+0,73%), Рашт 15,6% (+1%) ва Нуробод 13% (+/-0%) талафоти барқ нисбати соли гузашта зиёд гардидааст, ки андешидаи чораҳои зарурии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти ваколатдори соҳа барои кам кардани талафоти барқ талаб мекунад.

Корҳои анҷомдодашуда оид ба кам кардани талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Файзобод, Турсунзода, Роғун ва Варзоб барои таъмини нишондиҳандаи рушди энергетика мусоидат намуда, дар шаҳру ноҳияи Ваҳдат, Рашт ва Лахш зиёд гардидани талафоти барқ мушоҳида гардида андешидани чораҳои иловагиро талаб менамояд.

Нишондиҳандаи баланди талафоти барқ дар шаҳру ноҳияҳои Сангвор (17,2%), Ваҳдат (16,5%), Тоҷикобод (16,2%), Рашт (15,6%) ва Лахш (15,5%) ба назар мерасад, ки баланд бардоштани самаранокии фаъолиятро талаб менамояд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷояги бо вазорати энергетика, ШСХК "Барқи Тоҷик", ҷиҳати баланд бардоштани дараҷаи таъминоти ҳисобкунакҳои электронӣ, коҳиш додани талафоти нерӯи барқ, боздошти тамоюли зиёдшавӣ ва кам намудани қарзҳои истифодаи нерӯи барқ, чораҳои мушаххас андешида, корҳоро дар ин самт ҷоннок намоянд.

## 7.Ҳифзи амнияти озуқаворӣ
## (банди 3, 10 паём)

**Нишондоди пешакии ҳифзи амнияти озуқаворӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 7.1 **Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ**, 7.2. **Истифодаи оқилонаи обу замин**, 7.3. **Таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ**, 7.4. **Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда**, 7.5. **Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ**, 7.6. **Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ**, 7.7. **Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо**, 7.8. **Ҳолати ҷамъоварии маблағҳои ҳаққи хизматрасонии истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он**, 7.9. **Рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ**, 7.10. **Ба роҳ мондани фаъолияти Ассотсиатсияи истифодабарандагони об, механизми ба онҳо вобаста кардани шабакаҳои обёрии дохилӣ-хоҷагӣ ва таъсис додани заминаи моддию техникии онҳо**, 7.11. **Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти такрорӣ арзёбӣ гардиданд.**

7.1. (7.12) **Суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ**.

Дар 9 моҳи соли сипаришуда, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ нишондиҳандаи баланди суръати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Файзобод 115,1%, Шаҳринав 111,0%, Роғун 106,9%, Ҳисор 106,6%, Ваҳдат 106,2%, Рӯдакӣ 106,% ба назар расида, дар ноҳияҳои Нуробод 104,9%, Варзоб 104,6%, Тоҷикобод 103,6% таъмин гардида, ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 103,4%, Рашт 102,9%, Сангвор 100,5% ва Лахш 101.1%-ро ташкил медиҳад.

7.2. (7.8, 7.10) **Истифодаи оқилонаи обу замин**

Давоми 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати истифодаи оқилонаи замин, ворид намудани заминҳои бекорхобида ба ҳисоби заминҳои корам ва азхудкунии заминҳои нав чораҳои судманд роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои мушаххас ба анҷом расонида шуданд. Дар ноҳияҳои Лахш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 50 га, Файзобод 10 га ва шаҳри Турсунзода 6,83 га заминҳои бекорхобида аз худ карда шуда, барои баланд бардоштани маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ замина гузошта шудааст.

Аз истифодаи оби полезӣ ва ҳаҷми қарздорӣ аз пардохти он дар шаҳри Турсунзода +100 ҳазору 59 сомонӣ нисбати ҳамин давраи соли гузашта т( дар маҷмуъ 509 ҳазору 991 сомонӣ мавҷуд) ва ноҳияи Лахш +81 ҳазору 90 сомонӣ (208 ҳазору 405 сомонӣ) зиёд гардида, қарздорӣ дар ноҳияҳои Варзоб 164 ҳазор сомонӣ ва Нуробод 5520 сомониро ташкил медиҳад, ки имконияти молиявии соҳаро маҳдуд гардонидааст.

Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Файзобод 224 ҳазор сомонӣ (-7 ҳазор сомонӣ), Тоҷикобод 63 ҳазор сомонӣ (-4070 сомонӣ), Сангвор 834 хазору 606 сомонӣ ( -140 ҳазор сомонӣ), Шаҳринав 394 ҳазор сомонӣ (- 144 ҳазор сомонӣ), Рашт 130 ҳазор сомонӣ (-2000 сомонӣ) ва шаҳри Ҳисор 1,9 ҳазор ( -0,3) кам гардидааст.

Мутаассифона ҷиҳат иҷрои банди мазкур аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳрҳои Ваҳдат ва Роғун маълумотҳои зарурӣ пешниҳод нагардиданд.

Фаъолияти Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ танҳо дар ноҳияҳои Рӯдакӣ 11 адад ва Тоҷикобод 1 адад ба роҳ монда шудааст.

Таъмин намудани оби полезӣ дар шаҳри Турсунзода ба уҳдаи идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳр вогузор гардидааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Варзоб, Шаҳринав, Рашт, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Файзобод умуман Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби полезӣ ташкил нагардида, иҷрои банди мазкур таъмин карда нашудааст. Вазъи ба амал омада андешидани чораҳои таъхирнопазирро аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва сохтори ҳудудии Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро

талаб менамояд.

### 7.3 **Баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо ва рушди соҳаи тухмипарварӣ**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади амали намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2016, №438 “Дар бораи Барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020” тадбирҳои судманд роҳандозӣ гардида, як қатор корҳо ба анҷом расонида шуданд.

Дар ноҳияи Рашт баҳри баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, зиёд намудани майдони боғот, аз ҷумла майдони боғҳои интенсивӣ ва барқароркунии боғҳои кӯҳна, зиёд намудани майдони кишти зироатҳо, бахусус кишти картошка ва хушзоткунии чорво, инчунин дастрас намудани тухмиҳои аълосифат 4 адад хоҷагиҳои тухмипарвар фаъолият дошта, дар давраи ҳисоботӣ майдони кишти картошка ба 1312 га расонида шудааст, ки нисбати соли гузашта 107 га зиёд мебошад. Инчунин дар ин давра 73 га боғи нав бунёд гардида, 213 га боғҳои кӯҳна барқарор карда шудаанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод ҷиҳати иҷрои барномаи рушди соҳаи тухмипарварӣ 2 хоҷагии тухмипарварӣ «Сари най» ва «Қалъаи лаби об» фаъолият доранд, ки оид ба таъмин намудани хоҷагиҳои ноҳия бо тухмиҳои хушсифат кушиш ба харҷ дода истодаанд. Дар асоси шартнома аз тарафи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 тонна тухмии аълосифат ба хоҷагии «Сари най» дастрас карда шуда, ҳосили дилхоҳ ба даст оварда шудааааст. Аз ҳосили руёнидашуда ба хоҷагиҳои ноҳия тухмии хушсифат пешниҳод карда шудааст.

Дар ноҳияи Сангвор дар доираи “Барномаи давлатии рушди соҳаи картошкапарварӣ барои солҳои 2016-2020” давоми солҳои 2016-2019 майдони кишти картошка аз 596 гектари соли 2016 ба 650 гектар расонида шуда, истеҳсоли картошка бошад аз 12 ҳазору 191 тоннаи соли 2016 ба 18 ҳазору 606 тонна расонида шудааст, ки дар ин давра 54 гектар ва 5615 тонна картошка зиёд карда шудааст.

Дар хоҷагиҳои тухмипарварии шаҳри Ҳисор дар ҳамкорӣ бо намояндагони Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва Раёсати кишоварзии шаҳр ҳосили майдони 1 ҳазору 469 гектар зироатҳои ғалладона ҳамчун тухмӣ ба ҳисоб гирифта шудааст. Тибқи ҳосилмуайянкунии биологӣ аз ин майдонҳо ба миқдори 4 ҳазору 44 тонна тухмии ғалладонаи навъҳои репродуксионӣ истеҳсол карда мешавад, ки ин метавонад талаботи шаҳри Хисор ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳуриро дар соли оянда таъмин намояд.

Ҳар сол хоҷагиҳои тухмипарварии шаҳри Ҳисор аз 200 то 600 тоннагӣ тухмиҳои хушсифати ғалладонагиҳоро ба минтақаҳои гуногуни Ҷумхурии Тоҷикистон ба фурӯш мебароранд.

Барои кишти 2500 гектар пахтаи соли 2020 зиёда аз 200 тонна тухмии навъҳои «Дӯстӣ», «Ирам», «Нодир» ва ғайра захира карда шудааст.

Мутаассифона дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Варзоб, Рӯдакӣ, Файзобод, Сангвор, Лахш ва Роғун маълумот пешниҳод карда нашудааст.

### 7.4. **Зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимоамалкунанда**

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар 9 моҳи соли 2019 ҷиҳати зиёд намудани масоҳати гармхонаҳои доимамалкунанда чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, аҳолии кишвар бо сабзавоти тару тоза таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ +3 га (дар маҷмуъ 16,5 га) ва Шаҳринав +9.14 га (4.61 га) зиёд гардида, дар шаҳрҳои Турсунзода +1,86 га (17,25 га), Ҳисор +0,5 га ( 7,87 га ) дар шаҳри Ваҳдат 3 га (-+0) ва ноҳияҳои Рашт +0,10 га (0,32 га) ва Тоҷикобод бе тағйир мондааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб, Роғун, Нуробод, Сангвор, Лахш ва Файзобод ташкил ва васеъ намудани гармхонаҳои доимамалкунанда, ҳамчун масъалаҳои ҳалталаб боқӣ монда, андешидани чораҳои заруриро тақозо менамоянд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар 3 ва 6 моҳа низ ҳамин ҳолат ба назар мерасад.

### 7.5. **Афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ**,

Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ дар шаҳри Турсунзода 4407 тонна картошка, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 680 тонна, сабзавот 39 ҳазору 929 тонна (+2060 тонна), мева 1576 тонна (+730 тонна), ангур 5510 (+1010) полезиҳо 1623 (+93) ва дар ноҳияи Шаҳринав бошад 1122 тонна олу (+348 тонна), гелос 482 тонна (+63 тонна) ва ангур 2100 (+250) зиёд гардидааст, ки ҳамчун нишондиҳандаи мусбӣ ба рушди соҳа заминаи мусоид гузошта истодааст.

Дар ҳисоботҳои шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Рӯдакӣ, Варзоб, Рашт, Файзобод, Тоҷикобод, Сангвар, Лахш ва Нуробод доир ба афзун намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишварзӣ маълумот дарҷ нагардидааст.

### 7.6. **Зиёд намудани шумораи сардхонаҳо барои нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ**

Бо мақсади зиёд намудани шумораи сардхонаҳо ва нигоҳдории маҳсулоти кишварзӣ дар 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +3 адад ( дар маҷмуъ 24 ададро ташкил медиҳад) ва Рӯдакӣ +1 адад (7 адад) зиёд гардида, дар шаҳри Ҳисор 13 адад, Шаҳринав 6 адад, Файзобод 1 адад, Роғун 1 адад ва Варзоб 1 ададро ташкил дода, шумораашон дар сатҳи соли гузашта боқӣ мондааст.

Дар ноҳияҳои Нуробод, Сангвор, Тоҷикобод ва Лахш иҷрои банди мазкур таъмин нагардида, андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати

пешгирии талафоти маҳсулоти кишоварзӣ талаб мекунад. Аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллаи давлатии шаҳри Ваҳдат вобаста ба банди мазкур ягон маълумот пешниҳод нагардидааст.

## 7.7. **Бунёди боғу токзор, аз ҷумла боғҳои интенсивӣ аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаву доманакуҳҳо**

Бо мақсади ичрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №793 «Дар бораи Барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» давоми 9 моҳи соли равон дар ҳамаи сохторҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар майдони 233,6 гектар боғҳои нав бунёд гардидааст, ки аз ин шумора дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +97,7 га (141 га дар маҷмуъ), Лахш +78 га (132 га), Турсунзода +33,4 га (45 га), Тоҷикобод +9 га (21 га), Рашт +4 га (74 га), Рӯдакӣ +4 га (40,8 га), Ваҳдат +4 (27 га) ва Варзоб +3,5 га (24,5 га) нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, миқдори муайяни боғу токзорҳои нав дар заминҳои бекорхобида ва доманакӯҳҳо бунёд карда шудаанд.

Бунёди боғҳои интенсивӣ, яке аз усулҳои пурмаҳсули соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб рафта, зиёд намудани майдони боғҳои мазкур барои самаранок ва барзиёд истеҳсол намудани маҳсулоти кишоварзӣ заминаи мусоид мегузорад. Аз ин лиҳоз шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +30 га, Варзоб +2,5 га ва Нуробод +2,5 га бунёди боғҳои интенсивиро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд намудаанд, ки аз ҳисоби зиёд ба даст овардани маҳсулот, бозорҳои дохилӣ бо мевагиҳо таъмин карда шуданд.

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияи давлатии шаҳри ва ноҳияи Сангвор доир ба бунёди боғҳо, маълумот омода карда нашудааст.

## 7.9. **Рафти ичрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ**

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати пешрафти соҳаи кишоварзӣ ва татбиқи барномаҳои қабулшуда, аз ҷумла, рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2016-2020, рушди соҳаи тухмипарварӣ барои солҳои 2016-2020, рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво барои солҳои 2016-2020, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №793, №438, №792 тасдиқ гардидаанд, тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои назаррас ба сомон расонида шудаанд.

Дар ноҳияи Лахш давоми 9 моҳи сипаришуда, дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалии шарикони Рушд барои ба даст овардани насли хушзот 31 сар чорвои аҳолӣ бо бордорнамоии сунъӣ таъмин шуда, наслгирӣ аз саршумори чорвои мазкур дар давраи ҳисоботӣ 17 сар гусоларо ташкил дод.

Дар ноҳияи Рашт вобаста ба рушди соҳаи чорводорӣ, баланд бардоштани маҳсулнокӣ, зиёд намудани саршумор, истеҳсоли маҳсулот ва

иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №160 оид ба "Барномаи маҷмаавии рушди соҳаи чорводорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022" қарори раиси ноҳияи Рашт аз 15 январи соли 2019, №32 "Дар бораи Барномаи маҷмаавии рушди соҳаи чорводорӣ дар ноҳияи Рашт барои солҳои 2018-2022" таҳия карда шудааст.

Бо мақсади беҳтар намудани зот ва зиёд намудани саршумори чорвои зотӣ дар ноҳия 4 нуқтаи бордоркунии сунъии чорво ташкил карда шуда, то ба имрӯз 996 сар чорвои калони шохдор ба таври сунъӣ ва табии бордор гардида, 644 сар гусолаи хушзот гирифта шудааст

Дар ноҳияи Рӯдакӣ баҳри хушзоткунии чорвои аҳолӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ 13 нуқтаи бордоркунии сунъии доимӣ ва 4 нуқтаи сайёр ташкил карда шуда, дар 9 моҳи соли ҷорӣ дар ноҳия 1346 сар чорвои наслдеҳ бо таври сунъӣ бордор карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 53 сар зиёд мебошад. То ин давра аз ҳисоби чорвои бордор кардашуда 1235 сар гусолаи хушзот ба даст оварда шудааст, ки ин нисбати соли гузашта гусолагирӣ 11 сар зиёд мебошад, ки маълумот нисбати 6 моҳаи аввали соли ҷорӣ бетағйир мондааст

Дар ноҳияи Сангвор дар доираи "Барномаи давлатии рушди соҳаи картошкапарвари барои солҳои 2016-2020"давоми солҳои 2016-2019 майдони кишти картошка аз 596 гектари соли 2016 ба 650 гектар расонида шуда, истеҳсоли картошка бошад аз 12 ҳазору 191 тоннаи соли 2016 ба 18 ҳазору 606 тонна расонида шудааст, ки дар ин давра 54 гектар ва 5615 тонна картошка зиёд карда шудааст.

Дар ноҳия Тоҷикобод баҳри татбиқи барномаҳои қабулшудаи соҳаи кишоварзӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, як қатор корҳо ба сомон расонида шудаанд. Дар мавриди амалишавии "Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво, ки яке аз ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурӣ ба шумор меравад барои хушзоткунии чорво 10 сар ғуноҷин, 4 сар буққа ва 14 сар гови зоти симентали сурхи ало берун аз ноҳия ворид карда шудааст. Инчунин як сар буққаи зотӣ голштейни сиёҳ аз тарафи соҳибкорон ворид карда шуда барои хушзоткунии чорвои маҳаллӣ истифода бурда шуда истодааст.

Иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ дар шаҳри Турсунзода хуб ҷараён дошта, корҳои судманд ба анҷом расонида шудаанд. Баҳри пешгирии офати малах дар ноҳия нақша чорабиниҳо ба тасвиб расида, дар майдони 2550 га коркарди зидди малах гузаронида шудааст. Дар ҳудуди шаҳри Турсунзода 2 фермаи хушзоткунӣ фаъолият менамояд. Дар ҶДММ «Агросаноат», ки фермаи коплекси чорвои калони шохдор баҳисоб меравад, айни ҳол 768 сар чорвои хушзот нигоҳубин шуда истодааст.

Дар ҶДММ «Баракати зотпарварии гӯсфанди ҳисорӣ» айни ҳол 7727 сар чорвои майда парвариш карда мешавад.

Дар ноҳия истеҳсоли картошка сол то сол зиёд гардида, тибқи нақшаи тасдиқгардида, кишти 500 га картошка ба нақша гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳия дар майдони 572 га кишт гузаронида шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод дар самти иҷрои барномаҳои қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ як қатор корҳо ба анҷом расонида шудааст. Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ баҳри мубориза бар зидди малах ва хашаротҳои зараррасон дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагиҳои деқонию ҷамъиятӣ ба маблағи 16 ҳазору 500 сомонӣ якчанд намуди заҳрхимикатҳо дода шудааст.

Дар ноҳия дар давраи ҳисоботӣ дар майдони 821 га кишти картошка гузаронида шуда, аз ҳисоби корхонаи воҳиди давлатии тухмипарварии ба номи А.Назиров кишти зиёда аз 200 га картошка ба роҳ монда шудааст. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз ҳисоби кишти майдони картошка 9847 тонна картошка ҷамъоварӣ карда шудааст.

Давоми 9 моҳи соли 2019 дар ноҳияи Нуробод ҷиҳати баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва нигоҳдории онҳо аз ҳашаротҳои зараррасон дар ҳамкорӣ бо Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хоҷагиҳои деҳқонию ҷамъиятӣ ба маблағи 13,5 ҳазор сомонӣ якчанд намуди заҳрхимикатҳо дода шуда, дар майдони 653,55 га кишти картошка гузаронида шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор оид ба амалишавии қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2015, №792 «Дар бораи «Барномаи рушди соҳаи зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» қарори раиси шаҳри Ҳисор аз 30.03.2016, №299 ба тасвиб расида, наша- чорабиниҳо тасдиқ карда шудааст.

Дар натиҷаи ворид намудани чорвои зоти Сементал дар КТ «Латиф Муродов», ҶДММ «Абдурауф Юсупов» ва ҶДММ «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон-1» дар давраи ҳисоботӣ саршумори модаговҳо зиёд гардида, истеҳсоли шир низ дар ин хоҷагиҳо ҳамарӯза аз 200 то 2000 литр зиёд гардидааст.

Таҳлили гузаронидашуда муайян намуд, ки самаранокии ҳамкории Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияҳои Нуробод, Сангвор, Рашт, Тоҷикобод, Файзобод дар рафти иҷрои барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаҳои кишоварзӣ (тухмипарварӣ, мубориза бар зидди малах, бордоркунии сунъӣ) таъмин карда шудааст, ки баҳри татбиқи сиёсати соҳаи кишоварзӣ замина гузошта истодааст

Вобаста ба банди мазкур аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳалии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Варзоб, Лахш ва Шаҳринав маълумотҳои зарурӣ пешниҳод карда нашуданд.

### 7.11. Ҷараёни кишти зироатҳои кишоварзӣ, аз ҷумла кишти тирамоҳӣ ва баҳорӣ, арзёбӣ гардиданд.

Баҳри таъмин намудани нишондиҳандаҳои дурнамои кишт барои ҳосили соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар майдони 121 ҳазору 610 гектар замин кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода

дар майдони 21172 гектар (+258 гектар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд), Файзобод 10115 гектар (+418 гектар), Рашт 7278 гектар (+249 гектар), Сангвор 2648 гектар (+125 гектар), Тоҷикобод 5377 гектар (+96 гектар) ва Ваҳдат 17349 гектар (+2 гектар) зиёд гардида, заминаи таъмини нишондоди ҳифзи амнияти озуқаворӣ марҳила ба марҳила таъмин гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 18197 гектар (-55 гектар), Рӯдакӣ 26582 гектар (-40 гектар), Лахш 8996,6 гектар (-40 гектар), Варзоб 5202 гектар (-24 гектар), Нуробод 1787 гектар (-1 гектар) кам шуда, дар шаҳри Роғун ва ноҳияи Шаҳринав бетағйир мондаанд, ки андешидани тадбирҳои мушаххасро тақозо менамояд.

Кишти такрорӣ бошад дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода +648,3 ( дар маҷмӯъ 60 493 га), Рӯдакӣ +140 гектар (3535 га), Шаҳринав +32 (782 га), Ваҳдат +40 гектар (2083 га) ва Файзобод +8 гектар нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардида, дар ноҳияи Ҳисор -121,2 гектар (2382,8 га) кам гардидааст .

Аз сабаби номусоид будани вазъи иқлим дар ноҳияҳои Варзоб, Лахш, Нуробод, Роғун, Сангвор ва Тоҷикобод кишти такрорӣ гузаронида намешавад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои истифодаи оқилонаи обу замин, зиёд намудани майдони кишт, таъмини заминаи содирот ва воридотивазкунӣ, бунёди боғу токзор дар доманакӯҳҳо, кам намудани қарздории истифодаи оби полезӣ ва амалигардонии барномаҳои давлатии қабулгардидаи соҳаи кишоварзӣ мусоидат намоянд.

## 8. **Рушди соҳаи сохтмон ва меъморӣ**
## **(банди 87-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, 8.1. **Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ**, 8.2. **Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат арзёбӣ гардиданд**. 8.1. (8.1, 8.2, 8.3, 8.4) **Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ**, 8.1. **Таъмин намудани марказҳои маъмурии шаҳру ноҳияҳо бо инфрасохтор ва иншооти муҳандисӣ бо дар назардошти рушди минбаъдаи онҳо аз ҳисоби ҷалби сармоягузории дохилию хориҷӣ**

### 8.1. **Фароҳам овардани шароити беҳтари зиндагӣ ба аҳолӣ**,

Ҷиҳати рушди инфрасохтор ва фароҳам овардани шароити созгор барои аҳолии сатҳи маҳал дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нақшаи чорабиниҳо таҳия ва тасдиқ карда шуда, давра ба давра аз ҷониби сармояи дохилию хориҷӣ амалӣ гардида истодааст.

Корҳои сохтмонию пудратӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳрҳои Ҳисор +18,6 млн. сомонӣ (41,5 млн. сомонӣ) ва Роғун 36 млн 025 ҳазор

сомонӣ зиёд иҷро гардидааст, ки барои фароҳам овардани шароити созгор ба аҳолӣ замина гузоштааст.

Дар ноҳияҳои Нуробод +13 млн. сомонӣ ( 32 млн 372 сомонӣ), Ваҳдат +0,58 млн. сомонӣ, Файзобод +0,46 млн. сомонӣ (0,8 млн. сомонӣ) нисбат ба 6 моҳаи соли ҷорӣ зиёд иҷро шуда, дар нуҳмоҳа бетағийр мондааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияи давлатии шаҳрҳои Турсунзода, Ваҳдат ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Рашт, Варзоб, Сангвор, Тоҷикобод ва Шаҳринав доир ба рушди инфрасохтор, маълумотҳои номукаммал омода намуда, пешниҳод кардаанд, ки барои гузаронидани арзёбии вазъи соҳаи мазкур ғайри имкон мебошад.

### 8.2. Ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ва афзоиши манзили зист ба як сари аҳолӣ

Дар 9 моҳи соли 2019 ҷиҳати ба истифодадиҳии манзилҳои истиқоматӣ ба сари як нафар аҳолӣ дар ноҳияи Варзоб +6,9 $м^2$ (6,9$м^2$ дар 6 моҳи соли 2019), ноҳияи Тоҷикобод +0,2 $м^2$ (9,9 $м^2$) ва ноҳияи Шаҳринав +1 $м^2$ (21 $м^2$) зиёд гардида, ба аҳолӣ шароити зист фароҳам оварда шудааст.

Кам гардидани он нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Роғун -0,2 $м^2$ (6,7 $м^2$), Лахш -2,13 $м^2$ (0,07 $м^2$) ба назар расида, ҷиҳати расидан ба натиҷаи пешбини намудаи СМР барои давраи то соли 2030 мушкилот пеш меорад.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ваҳдат, Ҳисор, Рӯдакӣ, Рашт, Нуробод, Сангвор ва Файзобод маълумот дарҷ карда нашудааст.

### 8.3. Вобаста ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти бунёди иншооти ҷашнӣ

Аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 майи соли 2018, №АП-1059 ҷиҳати омодагии ҳамаҷониба ба таҷлили ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои муайян ба анҷом расонида шуда;

- дар шаҳри Ҳисор аз 613 иншооти ба нақша гирифта шуда, то ба имрӯз 203 иншоот ё 38,1% сохта ба истифода дода шудааст;
- дар шаҳри Ваҳдат 577 иншоот (283 иншоот ё 48%);
- дар ноҳияи Рӯдакӣ 414 иншоот (162 иншоот ё 39.1%);
- дар ноҳияи Файзобод 352 иншоот (122 иншоот ё 34,6%);
- дар шаҳри Турсунзода 310 иншоот (123 иншоот ё 39,6%);
- дар ноҳияи Шаҳринав 370 иншоот (180 иншоот ё 48,6%);
- дар ноҳияи Варзоб 270 иншоот (56 иншоот ё 20,7%);
- дар ноҳияи Нуробод 248 иншоот (132 иншоот ё 53,2%);
- дар ноҳияи Рашт 255 иншоот (69 иншоот ё 27%);
- дар ноҳияи Лахш 136 иншоот (50 иншоот ё 36,7%);
- дар ноҳияи Тоҷикобод 69 иншоот (27 иншоот ё 39,1%)-ро ташкил медиҳад. Иншоотҳои бунёдгардида, асосан сохтмони муассисаҳои

таълимӣ, томактабӣ, сохтмони майдончаҳои варзишӣ, толори варзишӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, коргоҳи дузандагӣ, дорухона ва ғайраҳо буда, барои фароҳам овардани шароити мусоиди зиндагӣ мусоидат менамояд.

### 8.4. **Вазъи таъминоти аҳолӣ бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ, дараҷаи қонеъ гардонии муроҷиати шаҳрвандон бо қитъаи замини наздиҳавлигӣ**

Дар 9 моҳи соли 2019 муроҷиати шаҳрвандон оид ба таъмини қитъаи замини наздиҳавлигӣ дар шаҳрҳои Турсунзода 394 (-78), Ваҳдат 1184 адад (-304 адад), ноҳияҳои Шаҳринав 71 адад (-22 адад), Лахш 139 (-918), Сангвор 235 (-112), Тоҷикобод 232 адад (-144 адад), Рашт 701 адад (-223 адад), Варзоб 517 адад (-342), Рӯдакӣ 1292 адад (- 429 адад) ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта кам гардида, аз беҳтар гардидани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист шаҳодат медиҳанд.

Зиёдшавии шумораи муроҷиати шаҳрвандон оид ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ нисбати соли гузашта дар дар шаҳрҳои Ҳисор 1363 адад (+241), Роғун 329 адад (+198 адад), Нуробод 326 (+105), Файзобод 750 адад (+144 адад) ба назар расида, барои беҳтар намудани таъминоти аҳолии ин шаҳру ноҳияҳо бо манзили зист, зарурияти андешидани чораҳои иловагӣ ба миён омадааст.

### 8.5. **Сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз** 29.11.2018 **с.,** **№12 банди** 19)

Бобати сохтмон ва таъмиру тармими манзилҳои истиқоматии шахсони яккаву танҳо, маъюбон, пирони барҷомонда, ятимон ва оилаҳои камбизоат тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар шаҳри Турсунзода 1 хонаи истиқоматӣ ба маблағи 16.000 сомонӣ сохта, 1 хонаи дигар ба маблағи 11.000 аз таъмир бароварда шудааст. Дар шаҳри Ҳисор 1 хонаи истиқоматӣ ба маблағи 51ҳазору 620 сомонӣ ва 2 хонаи дигар ба маблағи 51ҳазору 135 сомонӣ таъмир карда шудаанд. Дар ноҳияи Шаҳринав сохтмони 2 адад хона ба маблағи 50 ҳазор сомонӣ ва таъмири 2 адад ба маблағи 46 ҳазор сомонӣ, дар ноҳияи Тоҷикобод ба 1 нафар 47 ҳазору 500 сомонӣ барои сохтмон ва ба 1 нафари дигар ба маблағи 5 ҳазору 500 сомонӣ таъмир, дар ноҳияи Лахш ба маблағи 9,5 ҳазор сомонӣ ба 1 нафар, дар ноҳияи Сангвор ба 1 нафар 38 ҳазор сомонӣ барои сохтмони хона ва 4 бинои истиқоматӣ ба маблағи 28 ҳазор сомонӣ таъмир карда шуда, вазъи иҷтимоии гурӯҳи осебпазири ин шаҳру ноҳияҳо беҳтар гардонида шудааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Рӯдакӣ, Варзоб ва Нуробод Файзобод маълумотҳои зарурӣ вобаста ба иҷрои банди мазкур ирсол карда нашудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи

иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тадиқи нақшаи генералии шаҳру ноҳияҳо, беҳтар намудани манзили зист, таъмини нақшаи корҳои ободонӣ бахшида ба ҷашни 30 солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, кам намудани эҳтиёҷмандони қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва таъмини иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 тадбирҳои зарурӣ андешанд.

## 9.**Рушди инфрасохтор ва нақлиёт**
## **(бандҳои 26 ва 14-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи сохтмон бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, 9.1. (9.1) **Масофаи таъмири роҳҳо**, 9.2.(9.3, 9.4) **Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот**, 9.3(9.5) **Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ арзёбӣ гардиданд**.

### 9.1. (9.1) **Масофаи таъмири роҳҳо**
### 9.1 **Таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо**

Таҳлилҳо собит намуданд, ки бо мақсади таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ бо истифода аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо маром идома дошта, дар шаҳри Турсунзода 71 км (ҳамин давраи соли гузашта 16,2 км), Ҳисор 68 км, Ваҳдат 0,132 км ва ноҳияи Шаҳринав 56 км роҳҳои дохилӣ ва аҳамияти ҷумҳуриявӣ дошта аз таъмир бароварда шуданд.

Бо ин мақсад дар ноҳияи Нуробод 30 млн 372 ҳазору 600 сомонӣ, Тоҷикобод 158 ҳазору 490 сомонӣ, Файзобод 1062,5 ҳазор сомонӣ, маблағ равона гардидааст, ки нишондиҳандаи рушди инфрасохтори нақлиёт дар сатҳи муайян таъмин гардида, барои рушди иҷтимоию иқтисодии шаҳру ноҳияҳо замина фароҳам овардааст.

Дар ҳисоботҳои шаҳрҳои Варзоб, Лахш, Рашт, Роғун ва Рӯдакӣ маълумот вобаста ба таъмиру таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ маълумот пешниҳод нашудааст.

### 9.2. (9.3, 9.4) **Дастрасии аҳолӣ ба хизмати нақлиёти ҷамъиятӣ/хусусӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳия, шаҳраку деҳот**

Дар КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон”- истгоҳи Регар давоми 9 моҳи соли 2019 кашонидани борҳо тариқи нақлиёти роҳи оҳан аз рӯи хатсайри муайян ва нуқтаҳои таъминоти борҳо 102.010,9 тоннаро ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта -19903,7 тонна кам мебошад. Аз ин лиҳоз масъулини КВД “Роҳи оҳани Тоҷикистон” зарур аст, ки омӯзиши сабабҳои онро ташкл намуда, аз натиҷа пешниҳодҳо омода созанд барои бартараф намудани камбудиҳои мазкур чораҳои иловагӣ андешанд.

Дар ноҳияҳои Рӯдакӣ 4 муассисаи хизматрасонии мусофиркашонӣ, Файзобод 1 муассисаи мусофиркашонӣ ба қайд гирифта шуда, ба аҳолӣ хизмат мерасонад.

Мутаассифона аз тарафи мақомоти иҷроия маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои дар тобеи ҷумҳурӣ Турсунзода, Рӯдакӣ, Ҳисор, Ваҳдат, Рашт, Роғун, Варзоб, Тоҷикобод, Файзобод Лахш ва Шаҳринав вобаста ба банди мазкур оид ба хизматрасонии нақлиёти ба аҳолӣ пешниҳод нагардидааст.

Ҷиҳати бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ, ташкили марказҳои логистикӣ ва долонҳои нақлиётҳо ва ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ гардонидани хизматрасониҳо дар гузаргоҳи сарҳадии "Дӯстӣ" дар шаҳри Турсунзода терминали муосир ба истифода дода шудааст.

9.3. (9.5.) **Ҳаҷми мусофиркашонӣ ва боркашонӣ (банди 14 паём)**;

Тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёти автомобилӣ 15,4 млн. тонна бор ва 35,3 млн. нафар мусофир кашонида шудааст. Инчунин тавассути роҳи оҳан 63783,2 ҳазор тонна борҳои гуногун кашонида шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи ноҳияи Лахш боркашони +3.3% (182.4 ҳаз. тн/км) ва мусофиркашонӣ +3.2% (67.3 ҳаз. нафар), ноҳияи Нуробод +14.8% (59.9 ҳаз. тн/км) ва -5.6% (14.2 ҳаз. нафар), ноҳияи ноҳияи Рӯдакӣ +5.9 % (1095,1 ҳаз. тн/км) ва -11.9% (8830,1 ҳаз. нафар), ноҳияи Сангвор +6.4% (104.6 ҳаз. тн/км) ва +0.5% (62.2 ҳаз. нафар), ноҳияи Тоҷикобод +7.7% (174.0 ҳаз. тн/км) ва +3.5% (105.6 ҳаз. нафар), ноҳияи Шаҳринав +42% (31,7 ҳаз. тн/км) ва 8.8 % ( 31,7 ҳаз. нафар), шаҳри Турсунзода +21.5% (3968,5 ҳаз. тн/км) ва -32 % (4361,9 ҳаз. нафар), шаҳри Ваҳдат 122,7% (822,4 ҳаз. тн/км) ва 108% (13631,3 ҳаз. нафар), шаҳри Ҳисор +18.4% (722,3 ҳаз. тн/км) ва -101,5% (5490,5 ҳаз. нафар), нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд гардидааст

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Варзоб боркашонӣ -35,2% (272.2 ҳаз.тн/км) ва мусофиркашонӣ +27% (1005.7 ҳаз. нафар), Рашт -25% (468.1 ҳаз. тн/км) ва 21.3% (480 ҳаз. нафар), Файзобод -0.3% (609.5 ҳаз. тн/км) ва +41% (1757,3 ҳаз. нафар) ва шаҳри Роғун -1.8% (4434.6 ҳаз. тн/км) ва -6.2% (525.9 ҳаз. нафар), ҳаҷми боркашони нисбати соли гузашта кам гардидааст

Нишондиҳандаи баланди таъмини мусофиркашонӣ дар ноҳияҳои Файзобод, Варзоб, Ваҳдат, Сангвор ва Тоҷикобод ба назар расида, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Турсунзода, Роғун в Рӯдакӣ, Шаҳринав ва Нуробод коҳиш ёфтааст.

Нишондиҳандаи баланди таъмини боркашонӣ дар шаҳрҳои Ваҳдат +22,8%, Турсунзода +21,5%, Ҳисор +18.4 %, ноҳияҳои Нуробод +14,8%, Тоҷикобод +7.7 %, Сангвор +6,4% ва Рӯдакӣ +5.9% ба назар расида, ба гардиши савдо мусоидат намуда, дар ноҳияҳои Варзоб, Рашт, Файзобод ва шаҳри Роғун кам гардидааст, ки барои баланд бардоштани нишондиҳанда тадбирҳои зарурӣ бояд андешида шаванд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо ҷалби соҳибкорон ҷиҳати таъмиру азнавсозии

роҳҳои дохилии шаҳру ноҳияҳо чораҳо андешида, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми боркашонӣ КВД "Роҳи оҳани Тоҷикистон" ва Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани таъминоти муассисаҳои хоҷагиҳои роҳи шаҳру ноҳияҳо бо техникаҳои роҳсозӣ ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии нақлиётӣ ва афзоиши ҳаҷми мусофиркашонӣ, боркашонӣ ҳамкориҳоро пурзӯр намоянд.

## 10. Рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет 10.2. Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

### 10.1. Дастрасии аҳолӣ (нафар ва %-и аз аҳолии умумӣ) ба Интернет

Дар миқёси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ширкатҳои хусусӣ ба монанди «Т-сел», «Мегафон», «Билайн», «Вавилон» ва «Телеком-Технолоҷӣ» фаъолияти кории худро вусъат дода, аксарияти хизматрасонии алоқаро дар шаҳру ноҳияҳо расонида истодаанд.

Дар 9 моҳи соли 2019 дар шаҳри Ваҳдат филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и шаҳри ба 4688 рақам ба муштариён хизмати алоқаи телефонӣ мерасонанд, ки аз ин 552 рақами муштарии корхонаҳо ва 4136 рақам муштарии аҳолӣ мебошад, ки нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ 100 рақам кам мебошад.

Айни замон зиёда аз 210 ҳазор нафар аҳолии шаҳри Ваҳдат истифодабарандаи фаъоли алоқаи мобилӣ мебошанд, ки 48 %-и шумораи умумии аҳолиро ташкил менамояд. Шумораи истифодабарандагони Интернет ба воситаи алоқаи телефонӣ дар шаҳри Ваҳдат ба 3000 нафар расидааст.

Бояд тазаккур дод, ки дар 9 моҳи соли 2019, барои хизмати алоқа дар шаҳри Ҳисор дастгоҳи дорои 3000 рақам насб гардида, бо 1186 рақам ба муштариён хизмат мерасонад. Аз шумораи умумии рақамҳои насбгардида 339 рақам ба корхонаю ташкилот ва 847 рақам ба аҳолӣ рост меояд. Дар Ҷамоати деҳоти Ҳисор, деҳаи Ҳаёти нав бошад як истгоҳи 480 рақам насб гардидааст, ки аз ин 94 рақам ба аҳолӣ, 7 рақам ба корхонаю ташкилотҳо хизматрасонӣ менамояд, ки дар ин давра ба 52 нуқта хизматрасониҳои интернетиро амалӣ намудааст, ки аз ин 14 нуқта ба корхонаю ташкилотҳо ва 38 нуқта ба аҳолӣ рост меояд.

Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои алоқаи барқӣ, почта, инчунин шабакаҳои телевизиониву радиои ҷумҳурӣ 95 фоиз таъмин мебошанд.

Айни ҳол зиёда аз 143455 нафар аҳолии шаҳри Ҳисор истифодабарандагони фаъоли алоқаи мобилӣ мебошанд, ки аз шумораи умумии онҳо 45,5 фоизи аҳолиро ташкил медиҳад.

Шумораи истифодабарандагони Интернет бо воситаи алоқаи телефонӣ дар шаҳри Ҳисор ба 1785 нафар расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018, ба андозаи 3,3 фоиз зиёд мебошад.

Дар ноҳияи Рашт айни замон тамоми минтақаҳои ноҳия зери пӯшиши истгоҳҳои телефонии муосир ба теъдоди 1 истгоҳ ва 3 зеристгоҳ бо зарфияти умумии 4135 рақам қарор дошта, иловатан дар тамоми гиреҳҳои (узель) алоқа, ки усулан ИТХ-ҳо дар онҷо қарор доранд, таҷҳизот ва коммутаторҳои калонҳаҷми пайвастшавӣ ба шабакаи Интернет низ насбу роҳандозӣ гардидаанд.

Бо мақсади нигоҳдории хизматрасонӣ дар сатҳи қобили қабул ва мутобиқ бо меъёрҳои техникӣ, дар тӯли 9 моҳи соли 2019 беш аз 16000 метр кабели силки нахи нурӣ ва 8500 метр кабели миссӣ аз таъмири комили техникии капиталӣ бароварда шудаанд. Ҳамчунин, дар ин самт корҳои таъмирӣ ҷиҳати таҷдиди 2 адад чоҳҳои телефонӣ ва 28 адад симчубҳои алоқа барои ба тартиби муайян даровардани хатҳои хавоии алоқа, ба анҷом расонида шудаанд.

Дар ин давом стансияи пешфаъолиятдоштаи навъи Порстел, ки истеҳсоли давлати Эрон буда, бо стансияи замонавии ЗТИ истеҳсоли давлати Чин иваз карда шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода дар давоми 9 моҳи соли ҷорӣ афзоиши телефонҳо 103 адад зиёд шудаст. Аз ҷумла аҳолӣ 74 адад корхонаву ташкилотҳо 29 адад ташкил намудааст.

Дар ноҳияи Сангвор ҳамаи ҷамоатҳои деҳоти ноҳия бо нуқтаҳои фиристандаи мавҷҳои мобилӣ ва интернет насб гардида, аҳолии ҷамоатҳои деҳот ба пуррагӣ аз хизматрасониҳои мобилӣ ва интернетӣ таъмин мебошанд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод дар маҷмуъ 219 нуқтаи телефонии хонагӣ мавҷуд мебошад, ки аз ин 155 нуқта ба ташкилоту идораҳо ва 64 нуқта ба аҳолӣ рост меояд. Инчунин аз ҳисоби филиали ҶСК "Тоҷиктелеком" 47 нуқтаи шабакаи интернет ба аҳолӣ ва ташкилоту идораҳо хизмат мерасонанд.

Дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии алоқаи барқӣ, почта, инчунин шабакаҳои телевизиониву радиои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ дар ҳудуди ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳияи Файзобод 99% таъмин мебошад.

Имрӯз тибқи маълумотҳои оморӣ зиёда аз 90% -и аҳолии ноҳия истифодабарандаи алоқаи мобилӣ мебошад.

Дар ноҳияи Шаҳринав, шумораи умумии рақамҳои васлшуда 2981 ва шумораи муштариён 380 нафарро ташкил медиҳад. Афзоиши нуқтаҳои телефони асосӣ дар давоми 9 моҳ 10 адад нуқтаҳои телефонӣ, аз он ҷумла дар шабакаи ноҳиявӣ 2 адад ва дар деҳот 8 адад. Ба шабакаи интернет 24 корхонаю ташкилот ва 18 нафар шаҳрвандони ноҳия пайваст карда шудаанд, ки нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ 5 адад зиёд гардидааст.

Тибқи маълумотҳои оморӣ зиёда аз 89 % -и аҳолии ноҳияи Нурободистифодабарандаи алоқаи мобилӣ мебошад. Вобаста ба Интернет бошад, қисми зиёди корхона ва ташкилотҳои ноҳия аз хизматрасонии ҶСК "Тоҷиктелеком" истифода менамоянд.

Дар ноҳияҳои Файзобод 90%, Нурובод 89% ва Варзоб 67% аҳолиии ин ноҳияҳо ба хизматрасонии алоқаи мобилӣ ва интернет дастрас мебошанд.

Дар ҳисоботҳои ноҳияҳои Сангвор, Тоҷикобод, Файзобод ва шаҳри Ваҳдат дар муқоиса бо нимсолаи аввали соли ҷорӣ бе тағйир боқӣ мондааст, ки дар ин самт самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ин шаҳру ноҳияҳо дида намешавад.

Дар ҳисоботҳои шаҳри Роғун ва ноҳияи Рӯдакӣ бобати банди мазкур маълумоти дақиқ пешниҳод карда нашудааст.

10.2. **Ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ**

Дар ноҳияи Нуробод айни замон пешниҳоди маълумотҳои оморӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар шакли электронӣ қариб 69%-ро ташкил додааст.

Дар ноҳияи Файзобод айни замон пешниҳоди маълумотҳои оморӣ дар ташкилоту муассисаҳои ноҳия дар шакли электронӣ қариб 75%-ро ташкил дода, дар заминаи он дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" – пурра тариқи электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Варзоб, Тоҷикобод, Шаҳринав, Лахш ва Рашт тавассути шабакаҳои интернетӣ, почтаи электронӣ ва тариқи сомона фаъолият карда истодааст, инчунин дафтари хоҷагидорӣ дар самти муҳосибот истифодабариаш дар шакли электронӣ ба роҳ монда шудааст.

Нишондиҳандаи ҳолати амалишавии шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ноҳияҳои Нуробод ва Файзобод дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шудаанд, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бошад ин иқдом бароҳ монда шавад.

Вобаста ба банди мазкур дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ маълумот нисбати 6 моҳа бетағйир мондааст.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Рӯдакӣ ва Сангвор маълумот омода карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини дастрасии аҳолии ба шабакаи интернет, ҷиҳати ҷорӣ намудани пешбурди шакли электронии дафтари хоҷагидорӣ дар ҷамоатҳои шаҳру ноҳияҳо чораҷӯи намоянд.

## 11.**Вусъати шуғли пурмаҳсул**

**Арзёбии раванди рушди иҷтимоию иқтисодии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо таъмини вусъати шуғли пурмаҳсул бо нишондиҳандаҳои** 11.1.(11.2) **Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ**, 11.2. (11.3) **Фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон, гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла занону ҷавонон ва таъмини шуғлнокии онҳо**, 11.3. (11.4) **Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши**

**касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар**.

### 11.1.(11.2) Таъмини шаҳрвандони корҷӯй ва бекор бо ҷойи кори доимӣ, 11.1. Ҳолати бозори меҳнат ва муҳоҷирати меҳнатӣ ва баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ

Дар 9 моҳи соли 2019, шумораи бекорони расман ба қайд гирифта нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рашт +696 нафар (1624 нафар ҳамагӣ шумораи бекорон), Ваҳдат +300 нафар (1900 нафар), Тоҷикобод +301 нафар (869 нафар), Варзоб +177 нафар (1007 нафар, Нуробод +438 нафар ( 1179 нафар), Роғун +27 нафар (338 нафар). Шаҳринав +172 нафар (760 нафар) ва шаҳри Турсунзода +22 нафар (3125 нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои мушаххасро баҳри паст намудани сатҳи бекорӣ тақозо менамояд.

Ин нишондаҳанда дар шаҳри Ҳисор -153 нафар (1312 нафар) кам гаштааст.

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ вазъи қиёсии шумораи муҳоҷирони меҳнатии нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дошта, дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб +1538 нафар ё 194 % ( дар маҷмӯъ 3171 нфар нафар), Ваҳдат +1880 нафар ё 115% ( 18.222 нафар), Нуробод +1685 нафар ё 69 % (5418 нафар), Роғун +197 нафар ё 110% (2200 нафар), Тоҷикобод +150 нафар ё 105,3% (2958 нафар), Шаҳринав +910 нафар ё 112 % ( 8610 нафар) ва Турсунзода +754 нафар ё 105 % (14880 нафар) зиёд гардида, ин нишондод дар ноҳияи Рашт -265 нафар ва шаҳри Ҳисор - 10.089 нафар ( 23689 нафар) кам гардидааст.

Вазъи қиёсии баланди шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ нисбат ба аҳолии қобилияти меҳнатӣ дар шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода, ноҳияҳои Варзоб, Нуробод ва Шаҳринав ба назар расида, зарурияти вусъатбахшидани корҳоро дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи рушди иҷтимоию иқтисодӣ талаб мекунад.

### 11.2. Баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои корӣ барои коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ, пешниҳоди ҷойҳои кории холӣ дар ярмаркаҳо аз ҷониби ташкилотҳо ва бо ҷойи кории доимӣ таъмин гардидани бекорон

Дар давраи ҳисоботӣ бо мақсади коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва бо кор таъмин намудани корҷӯёну бекорон дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 69 ярмаркаи ҷойи кории холӣ гузаронида шудааст, ки дар ин ярмаркаҳо 1462 нафар корҷуй ба ҷойҳои кории доимӣ таъмин гаштаанд.

Дар ярмаркаҳои гузаронидашуда дар шаҳри Роғун 340 нафар ё 152% бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардида, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Нуробод 182 нафар ё 15.4%, Рашт 308 нафар ё 18,9%, Шаҳринав 62 нафар ё 8,7 %, Тоҷикобод 44 нафар ё 5,4%, Сангвор 28 нафар ё 5 %, Файзобод 48 нафар ё 11,2%, Варзоб 48нафар ё 4,7%, Ваҳдат 52 нафар ё 2,7%, Рӯдакӣ 64 нафар ё 2,7% Турсунзода 142 нафар ё 4.5% ва Лахш 18 нафар ё 11,4% ташкил додааст.

Самаранокии гузаронидни ярмаркаҳои ҷойи корҳои холӣ ва таъмини бекорон бо ҷойи кор дар шаҳри Роғун дар сатҳи хуб таъмин карда шуда, дар боқимонда шаҳру ноҳияҳо андешидани тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии ярмаркаҳо тақозо мекунад.

11.3. (11.4) **Рафти таъсиси ҷойҳои корӣ, таъсиси марказҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ ва равнақи таъмини "усто – шогирд" ба омӯзиши касбу ҳунарҳои мардумӣ ҷалб намудани занону духтарон ва шаҳрвандони бешуғл дар деҳоти кишвар**.

Вобаста ба фаъолияти марказҳои таълимии калонсолон ва ба касбомӯзӣ фаро гирифтани калонсолон аз таҳлили маълумотҳо муайян карда шуд, ки давоми 9-моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 4148 нафар нисбат ба 6 моҳаи соли ҷорӣ +765 нафар зиёд бо касбомӯзи фаро гирифта шудааст. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Рашт + 212 нафар (595 нафар), Нуробод +100 нафар ( 200 нафар) ва Тоҷикобод +17 нафар (54 нафар) зиёд ба касбомӯзи фаро гирифта шудаанд, ки аз дуруст ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва марказҳои таълимии калонсолон ба касбомӯзӣ дарак медиҳад.

Мутаассифона ин нишондиҳанда дар шаҳрҳои Ҳисор -650 нафар (1000 нафар), Ваҳдат -131 (138 нафар), Турсунзода -62 нафар (40 нафар), Роғун -16 нафар (355 нафар), ноҳияҳои Шаҳринав -10 нафар (190 нафар) ва Варзоб - 18 нафар (180 нафар) кам гардидааст, ки суст будани фаъолияти мақомотҳои марбутаро нишон медиҳад.

Аз ҷониби мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Рӯдакӣ, Лахш, Сангвор ва Файзобод бошад вобаста ба банди мазкур маълумотҳои нопурра пешниҳод карда шудаанд.

Афзоиши шумораи фарогирии шаҳрвандон ба касбомӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рашт, Нуробод ва Тоҷикобод ба назар мерасад, ки заминаи мусоид барои рушди ҳунарҳои мардумӣ фароҳам оварда шудааст.

Пешниҳод: Ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зарур аст, дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои баланд бардоштани дараҷаи бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони корҷӯй ва бекор, таъмини самаранокии гузаронидани ярмаркаҳои ҷойи кории холӣ, васеъ намудани фарогирии шаҳрвандон ба омӯзиши касбу ҳунарҳо "Усто-шогирд" ва вусъат додани ҳунарҳои мардумӣ, тадбирҳои мушаххас андешанд.

12. **Рушди сармояи инсонӣ (маориф)**
**(бандҳои** 38, 50**-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди маориф бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ**, 12.1.(12.1) **Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ**, 12.2. (12.2) **Фарогирии кудакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ**, 12.3. (12.3) **Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ**, 12.4. (12.4, 12.6) **Баланд**

**бардоштани сифати таълим, 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ арзёби гардиданд.**

**12.1.(12.1) Беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои таълимӣ, таъминот бо китобҳои дарсӣ**

**12.1. Бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ, рафти таъсиси муассисаҳои томактабӣ ва барқарорсозии муассисаҳои таълимии садамавӣ ва инфрасохтори муассисаҳои таълимӣ хусусан дар деҳоти дурдаст**

Давоми 9 моҳи соли равон ҷиҳати бунёди мактабҳои нав, сохтмони синфхонаҳои иловагӣ ва таъсиси муассисаҳои томактабӣ сохтмони мактабҳои №№ 17,28 ва таъмири муассисаҳои №№ 3,10,14,16, ба анҷом расонида шудаанд. Дар ноҳияи Сангвор 3 мактаб, 12 синфхонаи иловагӣ, ноҳияи Файзобод 4 мактаб, 6 синфхонаи иловагӣ, 2 маркази рушди кӯдакон, ноҳияи Варзоб сохтмони бинои иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 41, синфхонаҳои иловагӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 48, Лахш 13 синфхонаҳои иловагӣ, 2 утоқи корӣ, ноҳияи Рӯдакӣ биноҳои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи № 25, муассисаи томактабии №1, дар шаҳри Турсунзода 3 толори варзишӣ, 52 синфхонаи иловагӣ ва дар шаҳри Ваҳдат дар 5 муассисаҳои таълимӣ сохтмони синфхонаҳои иловагӣ сохта шуда, мавриди истифодабарорӣ қарор дода шуданд.

Муассисаҳои таълимии дар ҳолати садамавӣ қарор дошта нисбат ба соли сипаришуда, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор -14 адад (5 адад дар маҷмуъ), Рӯдакӣ -5 адад ( 26 адад), Тоҷикобод -1 адад (9 адад) ва Лахш -1 адад кам гардидааст, ки барои баланд нишондиҳандаи рушди маориф замина гузошта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Варзоб нисбат ба соли гузашта, +4 адад зиёд гардидааст (8 адад дар маҷмуъ), Рашт +6 адад (16 адад) ва Турсунзода +6 ( 8 адад), ки ҳамчун омили боздорандаи рушди соҳа маҳсуб ёфта, андешидани чораҳои иловагиро ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳо тақозо менамояд.

Норасоии китобҳои дарсӣ дар шаҳри Турсунзода 255261 адад (+53493 адад нисбати 01. 01. 2019) ва ноҳияи Лахш 8390 адад (+390 адад), мавҷуд буда, тамоюли зиёдшавӣ дорад.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 180560 адад (-346440 адад), Рашт 56600 адад (-10600 адад), Ҳисор 39563 адад (-30467 адад), Варзоб 16282 адад ( -12718 адад), Шаҳринав 1200 адад (-1800 адад) ададро ташкил додааст, ки нисбати 1 январи соли равон кам гардида, самаранокии фаъолияти мақомоти маҳаллӣ ва марказиро нишон медиҳад.

Ҳолати таъминоти китобҳои дарсӣ дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Ҳисор Рӯдакӣ, Рашт, Шаҳринав, ва Варзоб ба нишондоди рушди маориф таъсири манфӣ расонида, пурзӯр намудани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

12.2. (12.2) **Фарогирии кӯдакони то синни мактабӣ бо таҳсилоти то мактабӣ**

12.2. **Фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабии кӯдакон ва васеъ намудани фоизи фарогирии онҳо, ба роҳ мондани таҳсилоти ғайрианъанавӣ ва алтернативии омода намудани кӯдакон**

Дараҷаи фарогирии кудакони синни томактаби дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар ноҳияи Рашт 11,8% ( 936 нафар), Варзоб 6% (272 нафар), Роғун 4,7% (291 нафар), Лахш 4,4% (511 нафар), Нуробод 4,2% (412 нафар), Файзобод 4% (473 нафар кӯдак), Ҳисор 2,6% (1165 нафар), Тоҷикобод 1,6% (120 нафар) ва Турсунзода (3731 нафар) ташкил дода, барои расидан ба нишондиҳандаи пешбининамудани СМР-2030 то 30% андешидани чораҳои зарурӣ ба миён омадааст

12.3. (12.3) **Устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ**

12.3. **Фароҳам овардани шароити муосид барои устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ (компютер, тахтаи электронӣ) ва ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавонон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ, сатҳи фаъолияти марказҳои дарёфт ва рушди истедодҳо, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ**

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи компютерҳо ва тахтаҳои электронӣ дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, дар ноҳияҳои Варзоб 9 адад компютер ва 2 тахтаи электронӣ, Лахш-53 компютер, Рашт 12 адад компютер ва 7 тахтаи электронӣ, Рӯдакӣ 176 адад компютер ва 13 тахтаи электронӣ, Тоҷикобод 44 адад компютер ва 1 тахтаи электронӣ, Файзобод 6 адад компютер ва 1 тахтаи электронӣ, Шаҳринав 2 тахтаи электронӣ, шаҳри Ваҳдат 92 адад компютер ва 1 тахтаи электронӣ, Роғун 1 тахтаи электронӣ, Турсунзода 48 адад компютер, Ҳисор 168 адад компютер ва 7 тахтаи электрониро ташкил додааст, ки барои таъмини нишондиҳандаи устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ замина гузошта истодааст.

Дар ҳисоботҳои шаҳри Ваҳдат, ноҳияҳои Шаҳринав, Нуробод ва Сангвор вобаста ба устувор гардонидани пояҳои моддию техникии муассисаҳои таълимӣ маълумот дарҷ нашудааст.

Дар шаҳри Турсунзода,ноҳияҳои Варзоб, Рӯдакӣ, Тоҷикобод, Шаҳринав марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъсис дода шудааст, ки хонандагони таълимгоҳҳои ноҳияҳои мазкур дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ширкат варзида, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд, ки барои таъмини нишондиҳанда таъсири мусбӣ мерасонад.

## 12.4. (12.4, 12.6) Баланд бардоштани сифати таълим

### 12.4. Корҳои анҷомдода барои баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот (кабинетҳои фаннӣ) ва бартараф намудани норасоӣ кадрҳои омӯзгорӣ, гузаронидани такмили ихтисоси омӯзгорон, ҳавасмандгардонии омӯзгорони ҷавон

Дар давраи ҳисоботӣ шумораи кабинетҳои фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Варзоб +8 адад (11 адад дар маҷмуъ), Лахш +37 адад, (78 адад), Турсунзода +29 адад (179 адад), Рӯдакӣ +26 адад (112 адад), Ҳисор +6 адад (174 адад), Шаҳринав +3 адад (106 адад) ва Рашт +3 адад (3 адад) зиёд гардидааст, ки ба рушди соҳаи маориф замина гузоштааст.

Давоми 9 моҳи соли равон дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 196 нафар, Турсунзода 177 нафар, Варзоб 176 нафар, Роғун 106 нафар, Лахш 102 нафар ва Тоҷикобод 60 нафар омӯзгорони фанҳои таълимӣ аз курси такмили ихтисос гузаронида шуданд, ки барои баланд бардошта сатҳу сифати таълим мусоидат намудааст.

Дар 9 моҳи соли 2019 норасоии кадрҳои омӯзгорӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 50 нафар омӯзгор (20 нафар), Варзоб 40 (17 нафар), нафар, Сангвор 31 нафар (19 нафар), Ваҳдат 25 нафар (14 нафар), Рашт 24 нафар (7 нафар), Нуробод 24 нафар (7 нафар), Роғун 13 нафар (9 нафар), Тоҷикобод 76 нафар, Лахш 8 нафар (2 нафар), Ҳисор 6 нафар (2 нафар), Шаҳринав 5 нафар (3 нафар)-ро ташкил додааст, ки ба сатҳу сифати таълим таъсири манфӣ расонида, андешидани чораҳои мушаххасро ҷиҳати ҳалли норасогии кадрии омузгорӣ талаб менамояд

### 12.5. Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ

Сатҳи таъминоти хонандагон бо либосҳои мактабии истеҳсоли ватанӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ 30 ҳазору 816 ё 103 % пурра иҷро гардида, дар ноҳияҳои Лахш 5241 ҷуфт 83.4%, Рашт 16090 ҷуфт ё 56.9%, Роғун 4775 ҷуфт ё 50 %, Турсунзода 30816 ҷуфт ё 50%, Варзоб 8560 ҷуфт ё 49,9%, Шаҳринав 5730 ҷуфт ё 24,4%, Файзобод 16369,ва шаҳрҳои Ҳисор 4071 ё 5.9 %, Ваҳдат 3688 ҷуфт ё 4.8% ва Шаҳринав 5730 ҷуфт ё 24.4 % таъмин карда шудааст, ки аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо вусъат бахшидани корҳоро барои баланд бардоштани сатҳи таъминоти хонандагон бо либоси мактабии истеҳсоли ватанӣ дар соли 2019-2020 тақозо мекунад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Нуробод, Тоҷикобод ва Файзобод вобаста ба банди мазкур маълумот пешниҳод накарданд.

### 12.6. Тадбирҳои андешидашуда ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ: русӣ, англисӣ ва ғайра арзёбӣ гардиданд.

Ҷиҳати баланд бардоштани нишондиҳандаи сатҳу сифати таълим, ва норасоии омӯзгорон чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои судманд ба сомон расонида шудаанд.

Дар муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои Лахш, Сангвор, Тоҷикибод, Нуробод ва Роғун баҳри баланд бардоштани сатҳи дониш аз забонҳои хориҷӣ русӣ ва англисӣ курсҳои иловагӣ ташкил карда шуда, дар шаҳри Турсунзода 310 нафар ва ноҳияи Лахш 42 нафар омӯзгорони фанҳои забонҳои русӣ ва англисӣ аз курси таълимии муносибати салоҳиятнокӣ гузаронида шуданд, ки барои баланд бардоштани сатҳу сифати омӯзиши забонҳои хориҷӣ заминаи мусоид гузоштааст.

Вале мутаассифона дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияҳои Варзоб 40 нафар омӯзгорон аз ҷумла, 17 нафар забони хориҷӣ, Рашт 67 нафар (7 нафар забони хориҷӣ), Нуробод 24 нафар (7 нафар забони хориҷӣ), шаҳрҳои Ваҳдат 25 нафар (14 нафар забони хориҷӣ), Роғун 13 нафар (9 нафар забони хориҷӣ), Ҳисор 6 нафар (3 нафар забони хориҷӣ), Рӯдакӣ 50 нафар (16 нафар забони хориҷӣ), Тоҷикобод 76 нафар, Сангвор 31 нафар намерасанд, ки ба раванди таълиму тарбия таъсири манфӣ расонида, барои бартараф намудани камбудиҳо зарурияти пурзӯр намудани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳоро бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо мекунад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаҳои давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои таъмиру таҷдиди муассисаҳои таҳсилоти садамавӣ, бартараф намудани норасоии омӯзгорон ва китобҳои дарсӣ, васеъ намудани фарогирии кӯдакон ба муассисаҳои томактабӣ чораҷӯӣ намоянд.

### 13.1. (13.1) **Сатҳи хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ**

13.1. **Бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ дар шаҳру ноҳияҳо, шаҳрак ва деҳот ва ҳалли масъалаҳои норасоӣ кадрҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва деҳоти дурдаст**.

Ҷиҳати бунёди беморхонаву марказҳои саломатӣ дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Турсунзода 2 бунгоҳи саломатӣ аз нав сохта, ба истифода дода шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2019, ҳолати таъмини дараҷаи табибони дорои тахассусӣ нисбат ба шумораи умумии табибони ҳамаи ихтисосҳо дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод +64,5% нисбати 6 моҳа (12.5% дар 9 моҳа), Рӯдакӣ +75% (39.6%), Ваҳдат +43% (48.2%), Тоҷикобод +75% (41.3%), Роғун + 57,7% (57.4%), Турсунзода + 47,3% (36.%), Шаҳринав + 92% (95.2%), Рашт +61,3% (60.4%) зиёд гардидааст, ки рушди соҳаи тандурустӣ ва хизматрасонии босифати тиббӣ таъмин карда шудааast. Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Лахш 36,8%, Сангвор 50%, Файзобод 46.5% ва Ҳисор 86% бетағйир боқӣ мондааст, ки барои ҷалби мутахассисони дорои дараҷаи тахассусӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ тақвият додан зарур мебошад.

Талабот ба мутахассисони соҳаи тиб дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 35 нафар (нисбат ба соли гузашта бе тағйир +/-0), Тоҷикобод 34 (+-0) нафар, Роғун 26 (-1) нафар, Нуробод 79 (+54) нафар, Рашт 24 (+1) нафар, Лахш 13 (+-0) нафар, Шаҳринав 12 (-2) нафар, Сангвор 5 (+-0) нафар, Турсунзода 36 (+33) нафар, Файзобод 3 (+-0) нафар, Ҳисор 3 (+-0) нафарро ташкил дода, нисбати 6 моҳи соли 2019 дар шаҳр ва ноҳияҳои Рӯдакӣ +715 нафар, Нуробод 54 нафар, Турсунзода 33 нафар зиёд гардидааст, ки ин ба сатҳи хизматрасонии тиббии сифатнок ба аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, зарурияти тақвият бахшидани ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро барои ҳаллӣ норасоӣ ба миён овардааст.

### 13.2. **Ҷараёни пешгирии ҳолатҳои сироятии ВНМО/ВНМБ ва сил, аз ҷумла дигар касалиҳои сироятӣ**

### Сил

Давоми 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шумораи бемории сил 1660 нафарро ташкил дода, нисбат ба 3 моҳаи аввали соли +1317 нафар зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ мубталошавии беморони сил дар ноҳияҳои Рӯдакӣ 397 нафар (+289 нафар), Ҳисор 168 нафар (+115 нафар) Варзоб 54 нафар (+53нафар), Ваҳдат 200 нафар (+162 нафар), Нуробод 125 нафар (+110 нафар), Турсунзода 98 нафар (+76 нафар), Файзобод 149 нафар (+47 нафар), Рашт 56 нафар (+39 нафар), Лахш 34 нафар (+24 нафар), Тоҷикобод 25 нафар (+20 нафар) ва шаҳри Роғун 15 нафар (+9нафар), зиёд гардида, ин нишондод дар ноҳияҳои Шаҳринав 33 нафар (-15 нафар), Сангвор 6 нафар (-12 нафар) нисбати 3 моҳи аввали нисбат ба 3 моҳаи соли 2019 кам гардидааст

### ВНМО

Мувофиқи ҳисоботи пешниҳоднамудаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар 9 моҳи соли 2019 шумораи бемории ВНМО нисбат ба 3 моҳаи аввали соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ нисбат ба 3 моҳаи аввали соли ҷорӣ 161 нафар зиёд гардидааст Аз он ҷумла: дар шаҳрҳои Ваҳдат +47 нафар (61 нафар дар маҷмуъ), Ҳисор +31 нафар (36 нафар), Турсунзода +21 нафар (29 нафар)Роғун +9 нафар (+9 нафар),ва ноҳияҳои Рӯдакӣ +18 нафар (32 нафар), Варзоб +16 нафар (67 нафар), Шаҳринав +9 нафар (84 нафар), Рашт +5 нафар (9 нафар), Нуробод +3 нафар (48 нафар), Тоҷикобод +2 нафар (3 нафар) зиёд ба қайд гирифта шудааст, ки ҷоннок нмаудани фаъолиятро барои пешгирии касалиҳои сироятӣ талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Файзобод+/- 0 нафар (54 нафар) Сангвор +/-0 нафар (7 нафар) ва Лахш +/-0 нафар (5 нафар) бе тағйир боқӣ мондааст

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати иҷрои нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил ва ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ дошта, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо мусоидат намоянд

## 13.3. **Рафти иҷрои Барномаҳои кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон**,

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар шаҳри Турсунзода бо мақсади татбиқи «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2019» аз ҳисоби ҳампардохт ба хазинаи беморхонаҳо ва шабакаи Кумаки аввалияи тиббию санитарӣ 2592485,8 сомонӣ маблағ ворид шудааст, ки аз ин барои харидории маводҳои доруворӣ 1847957 сомонӣ, барои маводҳои конселярӣ 74884 сомонӣ, маводи хоҷагӣ 99537,2 сомонӣ, музди меҳнати иловагӣ 420667,4 сомонӣ, таҷҳизоти нарм 15081 сомонӣ ва андоз 134359,14 сомонӣ харҷ карда шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб иҷроиши Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ, дар 9 моҳи соли ҷорӣ 167% таъмин гардида, маблағгузори 214 ҳазор сомониро ташкил намудааст.

Дар ноҳияи Рашт Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмакӣ тиббию санитарӣ, дар давраи ҳисоботӣ 100% иҷро гардида, 547 ҳазору 750 сомонӣ равона карда шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод дар 9 моҳи соли равон 266 ҳазору 900 сомонӣ харҷ карда шудааст, ки ин нисбат ба шашмоҳаи соли ҷорӣ 160 ҳазору 700 сомонӣ зиёд мебошад.

Мутаассифона аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Ваҳдат, Ҳисор, Роғун, ноҳияҳои Лахш, Нуробод, Рӯдакӣ Сангвор, Тоҷикобод, ва Шаҳринав вобаста ба татбиқи барнома маълмумотҳо пешниҳод нагардиданд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои пешгирии касалиҳои сироятӣ (хусусан сил, ВНМО) чораҳои иловагӣ андешида, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тиббӣ бо роҳи бартараф намудани норасоиҳои табибони дорои тахассуси дараҷанокӣ, дастрасии табибон ба аҳолӣ, бунёди иншоотҳои тиббӣ дар маҳалҳо ва амалигардонии «Барномаи кафолатҳои давлатӣ оид ба таъмини аҳолӣ бо кӯмаки тиббию санитарӣ дар ноҳияҳои таҷрибавии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 - 2019» мусоидат намоянд.

## Соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

13.5.(13.5,13.6,13.7) **Хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта (гуруҳи осебпазир) арзёбӣ мегардад.**

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ ҷиҳати дастгирии иҷтимои шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон» дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин давра дар шаҳри Турсунзода ба 109 нафар маъюбон ва барҷомондагон 15 адад аробачаи маъюбӣ, 3 адад таҷҳизоти ҳаракаткунанда (хадунок), 22 адад асо, 9 ҷуфт асобағал, 4 адад асо то оринҷ ва 1 адад дастгоҳи шунавоӣ ва ба 55 нафар шахсони маъюб ва эҳтиёҷманди шаҳр 55 ҷуфт пойафзолҳои ортопедӣ тақдим карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав 3 нафар маъюбони гурӯҳи 1-ум бо аробачаҳои маъюбӣ, 3 нафар маъюбон бо асобағал ва 7 нафар куҳансолон бо асо таъмин карда шуданд. Ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои хариди ангишт барои зимистонгузаронӣ ба маблағи 3402 сомонӣ пардохт карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ зиёдшавии шумораи оилаҳои камбизоат нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 4632 оила (+264 оила), Ваҳдат 4673 оила (+461 оила), Турсунзода 2556 оила (+169 оила), Рашт 1675 оила (+27 оила), Роғун 127 оила (+99 оила), Нуробод 834 (+87 оила) ва Сангвор 427 оила (+380 оила) ба назар расида, омӯзиши вазъи иҷтимоии иқтисодии ин шаҳру ноҳияҳоро тақозо менамояд.

Ин нишондод дар ноҳияҳои Шаҳринав 1615 оила (-115 оила), Лахш 436 оила (-98 оила), Тоҷикобод 1086 оила (-98 оила), Варзоб 480 оила (-74 оила), Файзобод 2596 оила (-105 оила) ва Ҳисор 489 оила (-11 оила) кам гаштааст, ки ваъзи мусбии марҳилавии рушди иҷтимоию иқтисодии ин ноҳияҳоро инъикос менамояд.

### 13.5 (13.6) Ҷараёни пардохти кӯмакпулиҳои иҷтимоию унвонӣ ва васеъ намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба шаҳрвандони дар ҳолати душвор қарор дошта

Шумораи умумии нафақахӯрон, дар миқёси шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ зиёд гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ 29598 нафар (+1453нафар), Турсунзода 2306 нафар (+1473 нафар), Ваҳдат 24000 нафар (+953 нафар), Ҳисор 21400 нафар (+700 нафар), Рашт 8332 нафар (+272 нафар), Файзобод 7643 нафар (+400 нафар), Шаҳринав 9016 нафар (+336 нафар), Варзоб 6239 нафар (+153 нафар), Нуробод 5294 нафар (+180 нафар), Тоҷикобод 2956 нафар (+258 нафар). Роғун 2668 нафар нафар (+83) ва Сангвор 1501 нафар (+31нафар) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои заруриро ҷиҳати назорати таъмини пардохти саривақтии нафақаи онҳо тақозо менамояд.

Дар 9-моҳи соли 2019 ба оилаҳои эҳтиёҷманд, маъюбон, ятимону барҷомондагон, шахсони яккаву танҳо, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, собиқадорон, хонаи кӯдакон, интернати пиронсолон, оилаҳои дар

шароити душвори зиндагӣ қарордошта, кӯдакони имконияташон маҳдуд ва қишри осебпазири аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода ба маблағӣ 4 млн 333 ҳазору 564 сомонӣ, Шаҳринав 2 млн 590 ҳазор сомонӣ, Ҳисор 620 ҳазору 300 сомонӣ, Нуробод 214 ҳазору 700 сомонӣ, Тоҷикобод 535 ҳазору 994 сомонӣ, шаҳри Вахдат 160 ҳазор сомонӣ ва Сангвор 201 ҳазору 600 сомонӣ кӯмакҳои моддӣ расонида шуданд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои дастгирии моддию молиявии гурӯҳҳои осебпазир, кам намудани шумораи оилаи камбизоат, фароҳам овардани муҳити дастрас барои маъюбон, амалигардонии барномаҳои соҳавии қабулшуда дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамкориҳоро тақвият бахшанд.

## 14. **Рушди соҳаи фарҳанг**
## **(банди 36-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи фарҳанг бо нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ** 14.1. (14.1, 14.2) **Сохтмон ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихи арзёбӣ гардиданд**.

14.1. **Бунёд**, **таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг**,

Дар 9 моҳи соли 2019 доир ба бунёд, таҷдид ва азнавсозии муассисаҳои соҳаи фарҳанг чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои судманд ба анҷом расонида шуданд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар шаҳри Турсунзода сохтмони бинои «Амфитеатр» бо 574 ҷойи нишаст оғоз гардида, ҳамзамонсохтмони бинои Муассисаи давлатии мактаби кӯдаконаи санъати шаҳр идома доранд.

Дар шаҳри Ваҳдат қасри фарҳанг аз таъмир бароварда шуда, бо таҷҳизотҳои зарурӣ, асбобҳои мусиқӣ, баландгӯяк ва воситаҳои садо таъмин карда шудаанд.

Дар ноҳияи Рашт қасри фарҳанг бунёд гардида, бо таҷҳизотҳои нав таъмин карда шудааст. Ба китобхонаи ноҳия аз ҳисоби соҳибкорон 2031 адад китобҳои гуногун ба маблағи 54 ҳазору 976 сомонӣ ворид карда шудааст.

Дар шаҳри Роғун барои қасри фарҳанг ба маблағи 23 ҳазору 700 сомонӣ таҷҳизотҳои нав харидорӣ карда шудааст.

Дар ин радиф дар ноҳияҳои Шаҳринав, Тоҷикобод ва Сангвор қасрҳои фарҳанг, дар ноҳияи Файзобод як китобхона аз таъмир бароварда шудааст, ки баҳри баланд бардоштани маърифати маънавии шаҳрвандон мусоидат намудааст.

Вазъи муассисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ беҳбудиро талаб менамояд. Дар ноҳияи Нуробод аз 52 муасисаҳои фарҳангӣ ва ёдгориҳои таърихӣ (26 адад), Ҳисор аз 128 (18 адад), Варзоб аз 24 (6 адад), Роғун аз 14 (6 адад), Турсунзода аз 164 (7 адад), Нуробод аз 52 адад (26 адад),Тоҷикобод аз 28 адад (13 адад), Ҳисор аз 128 адад (14 адад ) ва Шаҳринав аз 65 адад (29 адад) таъмирталаб буда, тақвият бахшидани корҳоро аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии

шаҳру ноҳияҳои болозикр талаб менамояд.

**14.2. Таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳияҳо, бо ҷалби соҳибкорону сармогузорон бунёд намудани инфрасохтори сайёҳӣ дар гирду атрофи онҳо (банди 36 паём);**

Аз таҳлили вазъи банди мазкур маълум гардид, ки гарчанде дар самти таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ дар шаҳру ноҳия тобеи ҷумҳурӣ чораҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида бошанд ҳам, вале мутассифона раванди татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба нигоҳдорӣ ва беҳдошти ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ ғайриқаноатбахш ҷараён доранд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз 428 адад ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ танҳо дар ноҳияи Файзобод 2 адад ёдгории таърихӣ аз таъмир бароварда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав, ки 35 адад ёдгориҳои таърихӣ мавҷуд мебошад барои таъмир аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ҳамагӣ 4 ҳазору 500 сомонӣ маблағ пешбинишуда, то ҳол корҳо оғоз нагардидаанд.

Дар дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мутассифона ягон ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ таъмир нагардидаанд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар якҷоягӣ бо Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши мушкилотҳои соҳаи фарҳангии шаҳру ноҳияҳоро ташкил намуда, ҷиҳати ҳалли онҳо ва беҳтар намудани ҳолати муассисаҳои фарҳангии дар ҳолати садамавӣ ва таъмирталаб қарор дошта чораандешӣ намоянд.

**15. Маълумот оид ба таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ:**
**(банди 2, 32-и паём)**

**Нишондоди пешакии таъмини аҳолӣ бо оби тоза, беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ,** 15.1. (15.1, 15.2) **Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,** 15.2. (15.3) **Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои** 2016-2020, 15.3 (15.4) **Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии "Об барои рушди устувор,** 2018-2028" **дар маҳал ҷиҳати ҷалби сармоягузорон арзёбӣ гардиданд.**

15.1. (15.1, 15.2) **Дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза,**

**15.1.Нишондиҳандаҳои таъмини аҳолӣ бо оби тоза (ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ дар сатҳи ҷамоатҳо ва маҳаллаҳои аҳолинишин дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои ҳамин давраи соли гузашта ва бо фоиз нисбат ба шумораи умумии аҳолӣ рафти пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ ва бақияи карзи он),**

Нишондиҳандаи баланди дараҷаи таъминоти аҳолӣ бо оби тоза нисбат ба 9 моҳи соли 2019 дар ноҳияҳои Турсунзода 100%, Нуробод 100%, Ваҳдат 98%, Файзобод 90,8%, шаҳри Ҳисор +3,5% (85.5%) Сангвор 76%,

Рашт 75,2%, Шаҳринав +1% (77%), Варзоб +9,1% (80%), Лахш 69,6%, Тоҷикобод +1% (66%), Рӯдакӣ 59,6%, Роғун 34,4%, 76 ба назар расида, дастрасии аҳолӣ бо оби тоза дар сатҳи муайян таъмин карда шудааст.

Ин нишондиҳанда дар шаҳри Роғун 34,4% ташкил додааст, ки вусъат бахшида корҳоро дар самти баланд бардоштани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ тақозо менамояд.

Ин нишондиҳанда нисбат ба 6 моҳаи соли 2019 дар шаҳри Ҳисор +3,5% (85.5%), Шаҳринав +1% (77%), Варзоб +9.1 % (80%) ва Тоҷикобод +1%(66%) зиёд гардидааст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо таъмин карда шуда, ҷиҳати дастрасии аҳолӣ бо оби тозаи ошомидани замина гузошта шудааст.

Дар дигар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ фоизнокии таъминоти оби ошомиданӣ дар сатҳи 6 моҳаи соли ҷорӣ, боқӣ мондааст.

Бақияи қарзи пардохти ҳаққи истифодаи оби ошомиданӣ нисбат ба 6 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои Шаҳринав +133,2 ҳазор сомонӣ (441.8 ҳазор сомонӣ), Роғун +108.4 ҳазор сомонӣ (149,3 ҳазор сомонӣ), Нуробод +76.5 ҳазор сомонӣ (104.5 ҳазор сомонӣ), Лахш +14.7 ҳазор сомонӣ (26.5 ҳазор сомонӣ) зиёд гардидааст, ки андешидани чораҳои заруриро аз тарафи масъулини соҳаи обтаъминкунӣ талаб менамояд.

Ин нишондиҳанда дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор -858.2 ҳазор сомонӣ (741.7 ҳазор сомонӣ қарзи умумӣ), Ваҳдат 398.8 ҳазор сомонӣ (601 ҳазор сомонӣ), Турсунзода -134,2 ҳазор сомонӣ (48,2 ҳазор сомонӣ), Файзобод -118 ҳазор сомонӣ (+-0 сомонӣ), Тоҷикобод -987 сомонӣ (11.9 ҳазор сомонӣ) ва Роғун -6,2 ҳазор сомонӣ (40,9 ҳазор сомонӣ) ташкил додааст, ки аз самаранокии фаъолияти корхонаи воҳиди давлатии обтаъминкунӣ шаҳодат медиҳад.

Қарзҳои калон аз истифодаи оби нӯшокӣ дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Сангвор мавҷуд буда, бояд мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати кам намудани бақия қарз чораҳои дахлдор андешанд.

Вобаста ба банди мазкур Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Сангвор ва Рашт маълумотҳои номукаммал ирсол намуда, ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Варзоб оид ба қарзи истифодаи оби ошомиданӣ умуман маълумот пешниҳод накарданд, ки барои гузаронидани таҳлил монеа эҷод мекунад.

### 15.2. **Корҳои анҷомдодашуда, ҷиҳати баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ бо оби ошомиданӣ**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бахри беҳтар намудани вазъи таъминоти оби нӯшокии аҳолӣ як қатор корҳои судманд ба сомон расонида шудааст.

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ марбут ба масоили хизматрасонии муассисаҳо ба аҳолӣ бо оби нӯшоки 3 дастгоҳӣ обкашонӣ ЭЦВ таъмир гардида, 1 адад дастгоҳӣ обкашонии нав харидорӣ карда шудааст. Қубури асосие, ки деҳаҳои Ҳасанобод, Алибойи, Гулобод ва як

қисми сокинони деҳаи Шарафро бо оби нӯшокӣ таъмин менамуд ва дар натиҷаи сели дарёи Элок садамавӣ гардида буд, пурра барқарор карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 60 ҳолати садамаи қубурҳои об ва 66 ҳолати садамаи қубурҳои канализатсия барқарор гардидааст .

Дар доираи қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид доир ба «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор барои солҳои 2018-2028» ва бо мақсади таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва дастрасии аҳолӣ ба оби тоза дар давраи ҳисоботӣ дар деҳоти Зайнабобод сохтмони шабакаи обтаъминкунии деҳаҳои Гулобод ва Алибойи аз тарафи соҳибкорон ва аҳолӣ, дар деҳоти Роҳатӣ 2 шабакаи обтаъминкунии деҳаҳои Теппаи Самарқандӣ ва Моинкаҷ аз тарафи ташкилоти хайриявии «Сомон» ва аҳолӣ, дар деҳоти Қиблаи 2 лоиҳаи гузаронидани оби нӯшокӣ ба деҳаи Қулписта ва Охтоқ бо ҷалби сармоя ва аҳолӣ амалӣ карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт дар доираи лоиҳаҳо бо ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар масофаи 14964 метр хатҳои оби нушокиро бо арзиши 1 млн. 312 ҳазор сомонӣ дар ҷамоати деҳотӣ Ҳоит ва Қалъаи Сурх сохта ва хати оби нушокӣ дар деҳаи Қалъаи Мақсуди ҷамоати деҳоти Навдӣ бо ҷалби маблағҳои соҳибкорон ба маблағи 300 ҳазор сомонӣ дар масофаи 6 км сохта ба истифода дода шудааст. Инчунин, дар ҷамоатҳои деҳоти Б.Раҳимзода 2 адад, Н.Махсум 2 адад ва Навдӣ 2 адад чоҳҳои амудӣ канда шуда, барои бо оби ошомиданӣ таъмин намудани аҳолии ин мавзеъҳо мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Дар ноҳияи Файзобод бо ҷалби маблағҳои грантӣ ва саҳми сокинони маҳал 5 адад Барномаҳои хати оби нӯшокӣ ба маблағи 422 ҳазор сомонӣ барои таъмини зиёда аз 1232 нафар аҳолӣ оварда шудааст. Вобаста ба масъалаи мазкур тибқи нақшаи чорабиниҳо дар соли 2019 3 адад лоиҳаҳои дигар ба маблағи 2462,6 ҳазор сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шуда, дар ин самт корҳо идома доранд.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 дар шаҳри Турсунзода зиёда аз 560 адад садамаҳои хатҳои обгузар ва канализатсия бартараф карда шудааст, ки аз он 330 адад ба хати канализатсия ва 253 адад ба хатҳои обгузар тааллуқ доранд. Инчунин 16 адад ғалақа (задвижка) аз муоинаи техникӣ ва таъмири ҷорӣ гузаронида шуда, гирду атрофии иншоотҳо тоза карда шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав зиёда аз 58 ҳазор нафар аҳолӣ аз 15 чоҳи амудӣ ва бештар аз 9 ҳазор нафар аҳолӣ аз чашмаҳои мусаффо васеъ истифода мебаранд. Ҳамагӣ 89 ҳазор нафар аҳолии ноҳия бо оби ошомиданӣ таъмин мебошанд, ки ҳиссаи дастрасии аҳолӣ ба оби ошомиданӣ 77 фоизро ташкил медиҳад. Инчунин барои беҳтар намудани хизматрасониҳо 5 адад насосҳои ЭЦВ барқарор гардида, иқтидори об зиёд карда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ 27 садамаҳои хурду калон ба маблағи 35,0 ҳазор сомонӣ бартараф карда шудааст.

Дар ноҳияи Лахш бо мақсади ҳаллӣ мушкилоти бо обӣ нушокӣ таъмин намудани аҳолии маҳаллаҳои шаҳраки “Ваҳдат” лоиҳаи кашидани

хаттӣ иловагии таъмини обӣ нушокӣ таҳия гардида, барои ҷалби сармоягузорӣ ба идораи дар минтақаи Рашт будаи Хазинаи Оғо-Хон ва дафтари Барномаи Озуқаи Ҷаҳонӣ пешниҳод карда шудааст. Лоиҳаи мазкур аз тарафи масъулону мутахассисони ташкилотҳои зикргардида, мавриди таҳлилу омӯзиш қарор дорад.

### 15.3. **Таъмини иҷрои Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои** 2016-2020

Бо мақсади амалигардони «Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» дар шаҳри Турсунзода 4 техникаҳои махсуси коммуналӣ, 6 таҷҳизотҳои компютерӣ ва 2 таҷҳизоти ёрирасон харидорӣ гардида, аз ҷониби корхонаи обтаъминкунии шаҳр мавриди истифода қарор дода шудааст. Маблағи умумии дар доираи лоиҳаи мазкур масрафшуда 6,9 млн. доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Дар доираи лоиҳаи мазкур инчунин корҳои иваз намудани шабакаҳои обтақсимкунӣ амалӣ гардида, ба масофаи умумии 15914 метр қубурҳои гуногунҳаҷм васлу насб карда шудааст. Корҳои сохтмонию барқарорсозӣ дар обанбори «Чинор», тоза намудани 5 адад чоҳҳои амудӣ, сохтмони иншоотҳои болои чоҳҳои амудӣ, ҳавзи оби нушокӣ -500м³, хатти барқии баландшиддати 10кВ ИТ Равшан -Тойчӣ, сохтмони озмоишгоҳ, сохтмони станцияи безараргардонӣ, ободонии ҳудуди обанбор, қубурҳои оҳанин ва насосҳои обкаш барои иншоот ба анҷом расонида шудааст.

Вобаста ба иҷрои «Барномаи ислоҳоти соҳаи об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020», иҷрои ваколатҳои мақомотҳои маҳаллии ҳокимияти давлатии пешбинигардида, дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ваҳдат, Роғун, Рӯдакӣ, Шаҳринав, Рашт, Сангвор, Тоҷикобод, Нуробод, Лахш, Файзобод ва Варзоб маълумот омода карда нашудааст.

### 15.4. **Гузаронидани чорабиниҳо вобаста ба Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор, солҳои** 2018-2028”

Вобаста ба эълон гардидани Даҳсолаи байналмилалии “Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028” аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, дар асоси он гузаронидани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, сухбату вохӯриҳо ва овезон намудани шиору овезаҳо оид ба истифодаи самараноку сарфакоронаи об ба роҳ монда, рафти иҷрои корҳо таҳти назорати доимӣ қарор дода шудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” барои амалигардонии Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷуҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007 – 2020 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.06.2006 с., №514) мусоидат намуда, ҷиҳати ҳалли пардохти қарзи оби

ошомиданӣ тадбирҳои зарурӣ пешбинӣ намоянд.

**Беҳдошт ва дастрасӣ ба хизматрасониҳои коммуналӣ**

15.5. **Ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, Ҷорӣ намудани низоми ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру ноҳия, деҳот, ҳавасмандгардонии "Шуғли сабз", вусъатдиҳӣ ва дастгирии давлатии низоми соҳибкорони экологӣ ва бозори хизматрасониҳои экологӣ**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати беҳтар намудани хизматрасониҳои коммуналӣ, ҷамъоварии партовҳои сахти маишӣ ва вусъатдиҳии бозори хизматрасониҳои экологӣ як қатор корҳои мушаххас ба сомон расонида шудааст.

Дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҳамагӣ 10 корхонаи "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" таъсис ёфта, 12 адад партовгоҳи партовҳои сахти маишӣ мавҷуд мебошанд.

Дар шаҳри Ваҳдат дар 9 моҳи соли ҷорӣ раёсати ободонӣ бо 38 ташкилот, муассиса ва деҳаҳо шартнома баста, ба миқдори 35 ҳазору 2437 кг партовҳои сахти маишӣ ҷамъоварӣ гардида, ба партовгоҳи шаҳри Душанбе интиқол карда шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода давоми 9 моҳи соли равон ҳаҷми умумии партовҳои сахти маишӣ 42785,8 м³-ро ташкил додааст, ки ба партовгоҳи марказии Қуруқсой кашонида, коркард ва безарар гардонида шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор ҷамъоварии маблағи партов дар 9 моҳи соли ҷорӣ 8 ҳазору 675 сомониро ташкил намуда, зиёда аз 3258 метр мукааб партовҳои сахти маишӣ аз кӯчаҳои марказии шаҳрак бароварда, безарар гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ дар назди корхонаи давлатии фаръии "Хоҷагии манзилию комуннналӣ" 4 автомашинаи партовбарор, 1 адад мехлапата, 1 автомашинаи болобардор (гидрорука), 1 обпошак ва 2 автомашинаи сабукрав дар ҳолати коршоям қарор дошта, ба 13 ҳазору 600 нафар аҳолӣ, 246 субектҳои хусусӣ, 30 корхонаҳои буҷавӣ ва 31 адад нуқтаҳои партовҳо хизматрасонӣ мекунанд. Партовҳои ҷамъоварӣ гардида, мунтазам коркард ва безарар гардонида мешаванд.

Дар ноҳияи Шаҳринав дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 2475 метри мукааб партовҳо бароварда безарар гардонида шудааст.

Дар ноҳияи Варзоб бо 8 ташкилот, муассиса ва деҳаҳо шартнома баста шуда, партовҳои сахти маишӣ ҷамъоварӣ гардида, ба партовгоҳи шаҳри Душанбе бароварда шудааст. Аксари партовгоҳҳо аз солҳои пеш истифода мешаванд, ки иқтидори ғунҷоиши онҳо пурра истифода шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод дар давраи ҳисоботӣ барои кабудизоркунии кӯчаю хиёбонҳо 41600 сомонӣ, васеъгардонӣ ва нигоҳубини боғҳо 46 600 сомонӣ, ороиши бадеӣ ва рангубор намудани кӯчаҳо 43.300 сомонӣ, чароғонкунии кӯчаҳо 41.000 сомонӣ ва нигоҳубини дарахтону гулҳо 33 300 сомонӣ, харидори намудани либос ва пояфзол барои кормандон ва лавозимоти хоҷагидорӣ 10 000 сомонӣ корҳо ба анҷом расонида шудааст.

Васеъ ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои коммуналӣ дар ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо

истифодаи натиҷаи Лоиҳаи Идоракунии партовҳои сахти маишии шаҳри Турсунзода беҳбудиро талаб менамояд, ки аз мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ андешидани чораҳои иловагиро тақозо менамояд.

15.6. **Корҳои анҷомдодашуда дар доираи барномаҳои соҳавии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ (дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо) дар шаҳру ноҳия (дар асоси иҷрои ваколатҳои ММХД КҶТ "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" моддаи** 10)

Бахри таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" дар шаҳру ноҳияҳо тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳои судманд ба анҷом расонида шудаанд.

Вобаста ба корҳои анҷомдодашуда дар ноҳияи Варзоб дар давраи ҳисоботӣ аз тарафи шуъбаи ҳифзи муҳити зист нисбати 68 нафар шахсони воқеӣ ва мансабдор протоколҳои маъмурӣ тартиб дода, ба маблағи 9845 сомонӣ ва барои вайрон кардани ҳолати санитарӣ – экологӣ нисбати 35 нафар ба маблағи 45 ҳазору 179 сомонӣ ҷаримабандӣ татбиқ карда шудааст.

Тибқи Амри раиси ноҳия аз 11 феврали соли 2019, №33 « Дар бораи гузаронидани аксияи Тозагии маҳал – 2019» дар ҳама ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳоти ноҳия аксияҳо гузаронида шуда, ба миқдори 7,5 $м.^3$ (2018- 3 $м.^3$) партовҳо ҷамъоварӣ ва ба партовгоҳ интиқол карда шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода 11 адад нақлиёти махсуси партовбарорӣ, 120 қуттиҳои партовҷамъкунии полиэтиленӣ, 450 қуттиҳои оҳанӣ барои ҷамъоварии партовҳо харидорӣ гардида, мавриди истифода қарор дода шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор ба дарозии 7 км канали калони Ҳисор тоза карда, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар дарёи Хонақо ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳияи Нуробод дар давраи ҳисоботӣ баҳри иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.03.2011 таҳти №97 "Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкили системавӣ безараргардонӣ, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор" маркази ҷамъоварии лампаҳои симобдор ташкил гардида, ба миқдори 132 дона лампаҳои камасрафи корношоям ҷамъоварӣ карда шудааст. Бо ин мақсад миёни аҳолӣ бо сокинони ҷамоатҳои шаҳраку деҳот 13 маротиба сӯҳбату вохӯриҳо баргузор карда шудааст.

Вобаста ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи муҳити зист" дар ҳисоботҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳои Ваҳдат Роғун ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Рашт, Сангвор, Тоҷикобод, Лахш, Файзобод ва Шаҳринав маълумот пешниҳод карда нашуданд.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД "Хоҷагии манзилию коммуналӣ" амалигардонии лоиҳаи идоракунии партовҳои сахти маишӣ дар шаҳру

ноҳияҳо, иҷрои ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии дар ҚҶТ “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” пешбинигардида ба ҳамоҳангсозии фаъолият тақвият дода шавад.

## 16. Таъмини устувори экологӣ

**Нишондодҳои пешакии таъмини устувори экологӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 16.1. (16.1, 16.2) **Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда**, **Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ**, **пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо**, 16.2. **Корҳои анҷомдода барои пешгирии зарари офати табиӣ ба оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок истиқоматкунанда**, 16.2. (16.3) **Коркарди партовҳо тибқи стандартҳои муқарраргардида**, **Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маиши (полигон, свалка)**, **ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард арзёбӣ гардиданд**.

### 16.1. (16.1,16.2.) Пешгирии ҳолатҳои фавқулода

### 16.1. Корҳои анҷомдодашуда оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳои кишоварзӣ ва ҷангалҳо,

Дар давраи ҳисоботӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ бо мақсади пешгирии офатҳои табиии (сел) дар дарёи Элок гурӯҳи корӣ таъсис гардида, нуқтаҳои осебпазир муайян карда шудааст. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирии офатҳои табиии ба ноҳияи Рӯдакӣ 10 ҳазор литр сӯзишвории дизелӣ, 3 тонна семент, 500 метри мураббаъ симтур ва 0,25 тонна арматура ҷудо карда шудааст.

Бо истифода аз маҳсулоти дастрасшуда бо ҷалби техникаҳои муосири коркардкунанда дар деҳаҳои Комсомол, Садоқат ва Шараф корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, васеъкунӣ ва тоза намудани маҷрои дарё бо ҳаҷми 74 ҳазору 745 метри кубӣ амалӣ карда шудааст.

Инчунин, бо ҷалби соҳибкорону аҳли ҷамоатчигии деҳоти Зайнабобод 184 метр соҳили дарёи Элок дар минтақаи деҳаи Адолат ва селпартовҳои деҳаҳои Садоқат, Гулобод ва Алибойи тоза карда шудааст.

Дар давраи ҳисоботӣ тоза ва васеъкунии наҳри Куктоши поён бо дарозии зиёда аз 7 ҳазор метр ва дар наҳри Куктоши боло зиёда аз 2 ҳазор метр амалӣ карда шудааст.

Дар ноҳияи Сангвор бахри пешгирии фарсоиши (эрозияи) заминҳо аз тарафи бахши муҳити зисти ноҳия 11ҳазору 290 бех дарахтони сояафкану ороишӣ дар мавзеҳои эрозияшаванда шинонида шудаанд.

Инчунин дар ин давра корҳои соҳилмустаҳкамкунии пули мошингузари деҳаи Деҳикалон, соҳилмустаҳкамкунии дарёчаҳои деҳаҳои Сайёд, Сабзихарф, Хур, Ёзғанд ва соҳилмустаҳкамкунии дарёчаи Гурумбаки деҳаи Тавилдара ба анҷом расонида шудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №506 “Дар бораи нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2020” 12 оила мувофиқи қарори раиси ноҳия аз 4 январи 2019, № 6 бо замини наздиҳавлигӣ таъмин гардидаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби ниҳодҳои марбутаи ноҳияи Тоҷикобод оид ба рафти корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ карда шудааст. То ин давра барои соҳилмустаҳкамкунӣ ва таъмиру тоза намудани сарбанди каналҳо аз ҷумла барои канали Сари пул 4770 $м^3$ бо сарфи 3044 литр сузишвории дизелӣ, канали деҳаи Файзбор 1809 $м^3$ бо сарфи 1223 литр сузишворӣ, канали Кули калон- 966 $м^3$ бо сарфи 480 литр сузишвории дизелӣ ва Дарайи Нушор 520 $м^3$ бо сарфи 253 литр сузишвории дизелӣ ҷудо гардида, корҳо ба анҷом расонида шудааст.

Ҳамзамон аз тарафи муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия дар километри 198-уми шоҳроҳи Ваҳдат-Рашт-сарҳади Қирғизистон, дар ҳаҷми 5625 $м^3$ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба анҷом расонида шудааст.

Дар ноҳия 387 оилаҳо бо шумораи 2724 нафар аҳолӣ дар мавзеъҳои хавфнок истиқомат менамоянд, ки ҷиҳати пешгирии офатҳои табии бо бошандагони минтақаҳои мазкур сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида шуда, бобати шинонидани ниҳолҳо корҳои амалӣ анҷом дода шудааст. Бахри пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда аз ҷониби бахш пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ташкил ва гузаронида мешаванд.

Дар ноҳияи Варзоб вобаста ба пешгирӣ ва эрозияи замин мувофиқи нақша-чорабиниҳо дар қаламрави ноҳия шинонидани 40194 бех дарахтони гуногун ба нақша гирифта шуда, ба миқдори 41535 бех ниҳолҳои гуногун шинонда шудааст, ки аз он 17753 бех ниҳолҳои мевадиҳанда, 13424 бех ниҳолҳои сояафкан 10358 бех ниҳолҳои ороишӣ мебошанд.

Ҷиҳати тезонидани корҳои барқароркунӣ дар деҳаи Шодоб-2 дар асоси дархости раиси ноҳияи Варзоб аз тарафи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1000 литр сӯзишвории дизелӣ ҷудо карда шуда, дар деҳаи номбурда роҳи мошингарди маҳаллӣ бо дарозии 23 метр ва 7 метр паҳноӣ барқарор карда шудааст.

Инчунин купруки мошингарди дараи Оҷуки ҷамоати деҳоти Варзоб-Қалъа, ки рӯзи 24 апрели соли ҷорӣ зарар дида буд, ба маблағи 180.000 сомонӣ аз тарафи соҳибкорони маҳаллӣ барқарор карда шудааст.

Дар шаҳри Ваҳдат дар шоҳроҳи Душанбе-Ваҳдат аз тарафи ҶДММ «Ёқут-2000» корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёи Кофарниҳон гузаронида шуда, дар масофаи 120 метр бо хобондани 80 метр симтур, 506 $м^3$ санг ва 2,5 тонна сими андозаи-6 соҳили дарё мустаҳкам карда шудааст. Дар ин давра аз тарафи ҳайати Комиссияи ҳолатҳои фавқулоддаи шаҳр ва сохторҳои дахлдор гурӯҳҳои доимамалкунанда таъсис дода шуда, мавзеъҳои хавфнок барои корҳои соҳилмутаҳкамкунӣ аз ташхис гузаронида шудаанд. Дар деҳаҳои Мулодавлат ва Навободи ҷамоати деҳоти Гулистон дарёи Элок ба масофаи 1500 метр аз қуму шағал тоза карда шуда, садди муҳофизатӣ (дамба) бардошта шудааст.

Дар ноҳияи Лахш нақша чорабиниҳои ноҳиявӣ оид ба огоҳ намудани аҳолӣ оид ба пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодда дар минтақаҳои хавфнок тасдиқ гардида, мавриди иҷро қарор дода шудааст.

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар мавзеъҳои хавноки ноҳия тариқи ҳашар 140 метр, дар сарбанди канали “Қарағантала” ва канали Ғулама зиёда аз 200 метр, соҳили дарёи Кабуд (Куксу) 60 метр ва дар селроҳаи деҳаи Қашқатерак-Янгишаҳр 80 метр корҳои соҳилмуситаҳкамкунӣ гузаронида шудааст.

Дар ноҳия 1 ҷамоати шаҳрак, 9 ҷамоати деҳот ва 53 деҳа мавҷуд буда, масоҳати умумии ноҳия 4580 $км^2$ ва аҳолии он 60124 нафарро ташкил менамояд. Марзи маъмурии ноҳияи Лахш бо Ҷумҳурии Қирғизистон 174 километрро ташкил намуда, аз ҳудуди ноҳияи Лахш дарёҳои Қизилсу, Муксу, Питовкул, Тандиқул, Пиёзӣ, Кабутоб(Куксу), Ғулама, Арчакаппа ва Девнасу ҷорӣ гардида, ба дарёи Сурхоб табдил ёфта, ноҳияро убур менамояд. Дар 42 деҳаҳои ҳудуди ноҳия 54 мавзеи хавфнок ба қайд гирифта шуда, дар он 341 хоҷагӣ ва 1835 нафар аҳолӣ истиқомат мекунанд.

Дар ноҳияи Нуробод давоми 9 моҳи соли 2019 аз 300 метр корҳои соҳилмустаҳкамнамоие, ки ба нақша гирифта шудааст, ҳамагӣ 50 метр корҳои соҳилмустаҳкамнамоӣ гузаронида шуда, корҳо дар ин самт идома доранд.

Тибқи қарори раиси ноҳия, №258 аз 12 ноябри соли 2018 “Дар бораи ташкили маъракаи ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунӣ дар тирамоҳӣ соли 2018 ва баҳорӣ соли 2019” ба корҳои ободонию созандагӣ вусъат бахшида шуда, дар ҳудуди ноҳия 7000 бех ниҳолҳо аз ҷумла, 1747 бех ниҳолҳои мевадиҳанда, 813 бех ниҳолҳои сояафкан 4440 бех ниҳолҳои ороишӣ ва дигар ниҳолҳо шинонда шудаанд.

Дар мавсими кабудизоркунӣ дар ноҳия дар ду тарафи шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Рашт зиёда аз 1000 ниҳолҳои ороишӣ шинонида шуда, оид ба нигоҳубин ва парвариши ниҳолҳо нақша - чорабинӣ тартиб дода шуда, тибқи он мунтазам корҳо ба иҷро расонида мешаванд.

Тибқи нақшаи кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои бехавф дар соли 2018 12 оила ба ҷойҳои бехавф кӯчонида шуда, дар соли 2019 кӯчонидани боз 12 оилаи дигар дар назар дошта шудааст.

Дар ноҳияи Рашт дар мавриди корҳои пешгирии хавфи офатҳои табии қарори раиси ноҳия аз 25 январи соли 2019, №111 ба тасвиб расида, нақша- чорабиниҳо оиди корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва андешидани чораҳо ҷиҳати тайёрӣ, пешгирӣ ва бурдани корҳои фаҳмонададиҳӣ миёни аҳолӣ ба роҳ монда шудааст. Аз ҳисоби маблағҳои комиссияи давлатии оид ба ҳолатҳои фавқулоддаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 150 метр, аз ҳисоби хадамоти роҳу нақлиёти минтақаи Ҳоит 215 метр ва дастгирии шахсони саховатпешаву аҳолии ноҳия 1650 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба анҷом расонида шудааст.

Бо ин мақсад ҳамзамон ситоди доимамалкунанда таъсис дода шуда, навбатдории шабонарӯзӣ дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва ташкилоту муассисаҳо ташкил дода шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода сохтмони баражи обгузари канали калони Ҳисор аз ҳисоби ҳаққи хизматрасонӣ ба миқдори зиёда аз 252.000 сомонӣ

корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ иҷро гардида, майдони 150 га заминҳои кишоварзии ҳолати мелиоративиаш ғайриқаноатбахш буда, ба ҳолати мелиоративиаш қаноатбахш баргардонида шудааст.

Дар ноҳияи Файзобод тибқи нақшаи чорабиниҳо ҳар сол аз тарафи Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ ба масофаи 600 метр корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба роҳ монда мешавад. Соли ҷорӣ дар ноҳия ҳамагӣ ба масофаи 530 метр корҳои соҳилмустаҳкамнамоӣ гузаронида шуда, корҳо дар ин самт идома доранд. Дар асоси Протоколи Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон ва қарори раиси ноҳия таҳти раками №1150 аз 27.12.2016 «Дар бораи гузаронидани чорабиниҳои кабудизоркунӣ ва ободонӣ дар ноҳия» дар ҳудуди ноҳия 16041 бех ниҳолҳо, аз ҷумла, 3953 бех ниҳолҳои мевадиҳанда, 4607 бех ниҳолҳои сояафкан ва 7481 бех ниҳолҳои ороишӣ шинонда шудааст.

Дар мавсими кабудизоркунӣ дар ду тарафи шоҳроҳи Ваҳдат-Рашт-Лахш зиёда аз 10600 ниҳолҳои ороишӣ шинонида шудааст ва дар ҳолати хуби сабзиш қарор доранд. Оид ба нигоҳубин ва парвариши ниҳолҳо нақша-чорабинӣ тартиб гардида, тибқи он мунтазам корҳо ба иҷро расонида мешаванд. Ҷиҳати кӯчонидани аҳолӣ ба ҷойҳои бехавф дар соли 2019 тибқи нақша 12 оила ба ҷойҳои бехатар кӯчонидани шудааст.

Давоми 9 моҳи соли ҷорӣ дар ҳудуди шаҳри Ҳисор ягон ҳолати фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ба қайд гирифта нашудааст. Вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №285 “Дар бораи Барномаи давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, қарори раиси шаҳр аз 30 октябри соли 2018, №1340 ба тасвиб расида, тибқи он бо ҷалби аҳолии деҳаҳо тариқи ҳашари дастаҷамъона , қувва ва воситаҳои ҳудуди шаҳр дар деҳаи Ғуриёни ҷамоати деҳоти Алмосӣ соҳили рости дарёи Хонақоҳ ба масофаи 70-80 метр мустаҳкам карда шуда, дар деҳаи Тахти ҷамоати деҳоти Хонақоҳи Кӯҳӣ пули мошингузар бо дарозии 45 метр ва бараш 8-метр сохта ба истифода дода шудааст.

Баҳри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2019, №602 “Дар бораи Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2030”, қарори Раиси шаҳри Ҳисор аз 12-феврали соли 2019, №106 ва нақшаи чорабиниҳо оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар шаҳри Ҳисор барои солҳои 2019-2030” ба тасвиб расида, барои амалӣ гардидани қарори мазкур бо ҳайати роҳбарикунанда оид ба паст намудани хавфи офатҳои табиӣ машғулиятҳои омӯзишӣ гузаронида шудааст.

Бо мақсади пешгирии саривақтии ҳимояи аҳолӣ ва арзишҳои моддӣ аз офати табиии, инчунин кам кардани ҳаҷми зарар, талафоти ҷонӣ ва баланд бардоштани савияи дониш оид ба омӯхтани маҳорати наҷотдиҳӣ ва шинос намудани онҳо бо асбобу лавозимотҳои наҷотдиҳӣ бо дастгирии ташкилоти UNDP 19 нафар наҷотдиҳандагони ихтиёрии шаҳр ба омӯзиш фаро гирифта шудаанд.

Вобаста ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2006, №778 “Дар бораи қоидаҳои ташкил ва

истифодабарии манбаҳои захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда", қарори Раиси шаҳр аз 11 январи соли 2019, № 5 "Дар бораи тартиби ташкил ва ба роҳ мондани захираҳои моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар шаҳри Ҳисор" ба тасвиб расида, иҷрои талаботи қарори мазкур дар корхона ва ташкилоту муассисаҳои шаҳри Ҳисор ба роҳ монда шудааст.

Ҷиҳати амалӣ намудани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ, тоза ва барқарор намудани каналу ҷӯйборҳо, селроҳаҳо дар ҳудуди ҷамоатҳои деҳоти Мирзо Ризо ва Мирзо Турсунзода канали калони Ҳисор бо ҷалби 3 адад техникаҳо ба масофаи 7 км тоза карда шуда, соҳили рости дарёи Хонақо дар деҳаи Ғуриёни ҷамоати деҳоти Алмосӣ, соҳили рости ва чапи дарёи Хонақо дар деҳаи Чангоби ҷамоати деҳоти Хонақои Кӯҳӣ, соҳили рости дарёи Хонақо дар деҳаи Обигармӣ ҷамоати деҳоти Сомон, соҳили чапи дарёи Кофарниҳон дар деҳаи Шерхонӣ ҷамоати деҳоти Ҳисор, селпартои деҳаи Тахти ҷамоати деҳоти Хонақои Кӯҳӣ, селпартои Туласойи деҳаи Дурбати ҷамоати деҳоти Дурбат мустаҳкам карда шудааст.

Бо ин мақсад аз тарафи идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии шаҳри Ҳисор ба аҳолӣ зиёда аз 8000 м² симтур тақсим карда шудааст.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 дар ноҳияи Шаҳринав барои соҳилмустаҳкамкунӣ, пешгирӣ ва рафъи офатҳои табиӣ аз ҳисоби захираҳои мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатии ноҳия, идораи давлатии беҳдошти замин ва обёрии 24,5 ҳазор сомонӣ маблағ сарф карда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ дар ҷамоати деҳоти Сабои ноҳияи Шаҳринав соҳили чапи дарёи Қаратоғ дар масофаи 150м² ба маблағи 2109 сомонӣ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ба анҷом расонида шуда, 300 метри мукааб канали Фарҳод аз лою санг тоза карда шудааст.

Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №506 "Дар бораи нақшаи миёнамуҳлати муташаккилона кӯчонидани муҳоҷирони экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2020" мушкилот дар таъмини устувори экологӣ аз ҳисоби оилаҳои дар минтақаҳои хавфнок зиндагӣ мекарда, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 1208 оила, Файзобод 740 оила, Тоҷикобод 387 оила, Лахш 341 оила мавҷуд буда, зарурияти андешидани чораҳои мушаххас ба миён омадааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Тоҷикобод, Лахш, Файзобод ва Нуробод барои пешгирии ҳолатҳои фавқулодда фаъолиятро дар самти ҷалби аҳолӣ ва ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ тақвият бахшанд.

### 16.3. Мавҷудият ва ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ будани нуқтаҳои партовҳои маишӣ (полигон, свалка), ташкили супоридани лампаҳои симобдор ба нуқтаҳои коркард

Оид ба таъмини иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2011, №97 "Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор"аз ҷониби корхонаҳои коммуналии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 12 нуқтаи қабул таъсис ёфта, то ин давра зиёда аз 293 ҳазору

388 дона лампаҳои симобдори корношоям ҷамъ оварда, 4820 адад барои безараргардонӣ супорида шудааст.

Шумораи лампаҳои корношоями симобдори ҷамъоварӣ карда шуда, дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 269 ҳазору 437 дона, Ҳисор 3235 дона, Ваҳдат 4000 дона, Шаҳринав 4820 дона, Рашт 3800 дона, Тоҷикобод 3200 дона, Лахш 410 дона, Рӯдакӣ 105 дона, Варзоб 4200 дона,Роғун 4056 дона ва Сангвор 250 донаро ташкил дода, коркард ва ё безараргардонии он ҳамчун мушкилот боқӣ мондааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граҷдании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, КВД “Хоҷагии манзилию коммуналӣ” ҷиҳати ҷамъоварии лампаҳои каммасраф ва ташкили коркарди онҳо, пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулодда ва ҳалли масъалаҳои аҳолии дар минтақаҳои хавфнок истиқоматдошта чораҳои амалӣ андешанд.

## 17. **Рушди варзиш ва ҷавонон**
## **(банди 51-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди варзиш ва ҷавонон бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ** 17.1. (17.1) **Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо**, 17.2. (17.2) **Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ**, 17.3. (17.4, 17.5) **Фароҳам овардани шароит барои ҷалби сокинон ба варзиш**, 17.4. **Соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ** 17.5. **Оммавигардонии варзиш арзёбӣ гардиданд**.

### 17.1. (17.1) **Дастгирии ҷавонони лаёқатманд ва баланд бардоштани нерӯи эҷодии онҳо**

Нишондиҳандаи баланди ҷалби ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда дар шаҳри Ҳисор + 6 нафар нисбати соли 2018 (дар маҷмуъ 138 нафар) зиёд гардида, дар шаҳру ноҳияҳои Рашт +13 нафар ( 122 нафар), Тоҷикобод +11 нафар Варзоб +10 нафар (66 нафар), Лахш +5 нафар (18 нафар), Файзобод +4 нафар (19 нафар), Рӯдакӣ +3 нафар (9 нафар), Роғун +3 нафар (10 нафар), Сангвор +3 нафар (12 нафар), Нуробод +1 нафар (6 нафар), ташкил намуда, дар шаҳри Турсунзода +/-0 нафар (3 нафар) ва шаҳри Ваҳдат 3 нафар (+/-0 нафар), -ро ташкил медиҳад, ки барои баланд бардоштани нишондиҳандаи ҷалби бештари ҷавонон ба вазифаҳои роҳбарикунанда ба корҳо бояд тавҷият бахшида шавад.

Ин нишондиҳанда дар Шаҳринав -1 нафар (5 нафар) кам гардидааст.

### 17.2. **Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ**

Рафти иҷрои нақшаи даъвати ҷавонон ба хизмати ҳарбӣ дар ҳисоботҳои ҷамъбастии солона пешниҳод карда мешавад.

17.3. (17.4, 17.5) **Рафти бунёди иншоотҳои варзишӣ аз ҷумла бо ҷалби соҳибкорону тоҷирон** (**банди** 51 **паём**);

Баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар ноҳияи Нурорбод бо ҷалби соҳибкорон дар ҷамоатҳои деҳоти Комсомолобод ва Хумдон сохтмони 2 толорҳои варзишии замонавӣ дар арафаи анҷомёбӣ қарор дорад.

Дар ноҳияи Рӯдакӣ бо ҷалби шахсони хайрхоҳу саховатпеша дар ҳудуди 6 муассисаҳои таълимии ноҳия майдончаҳои хурди футбол (замонавӣ) ва бахшида ба 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми соли 2018-2019 13 толору майдончаҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Сангвор бо ҷалби соҳибкорону аҳолӣ 1 майдончаи варзишии замонавӣ дар маркази ноҳия сохта ба истифода дода шуда, инчунин сохтмони 4 мадончаи варзишӣ дигар дар ҷамоатҳои деҳоти ноҳия идома доранд.

Дар ноҳияи Тоҷикобод бо истифода додани 5-майдончаҳои варзишии замонавӣ ва бозиҳои кӯдакона бо маблағгузории соҳибкорон ва ҳашарҳои дастаҷамъонаи аҳолӣ дар назар буда, ки то ба ҳол ду майдончаи варзишӣ дар деҳаҳои Фатҳобод ва Гулистон ба истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Турсунзода аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ 8 майдончаи варзишӣ, 4 майдончаҳои бозиҳои кӯдакона, 4 толори варзишӣ ба нақша гирифташуда, 3 майдончаи варзишӣ ва 1 толори варзишӣ сохта ба истифода дода шуд, сохтмони 1 майдони варзишӣ ва 3 толори варзишӣ идома дорад.

Дар ноҳияи Файзобод бо дастгирии соҳибкорон сохтмони толору майдончаҳои варзишӣ ба нақша гирифта шуда, айни замон дар шаҳраки Файзобод 2 адад майдончаи варзишӣ сохта истифода дода шудааст.

Дар шаҳри Ҳисор бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони 40 адад майдонча ва 14 толори варзишӣ ба нақша гирифта шудааст, ки аз он 8 адад майдонча сохта ба истифода дода шудааст.

Дар ноҳияи Шаҳринав бо ҷалби соҳибкорон ва аҳолӣ 21 иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 6 иншоот мавриди баҳрабардорӣ ва сохтмони 15-адади он идома дорад.

Шумораи нисбатан зиёди бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва ноҳияҳои Рӯдакӣ, Шаҳринав, Файзобод, Тоҷикобод, Сангвор ва Нуробод ба назар расида, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда шудааст.

Дар шаҳру ноҳияҳои Роғун, Ваҳдат, Варзоб ва Рашт оид ба банди мазкур маълумот пешниҳод нагардидааст.

Мутобиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2019,№3-201 дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 20 адад, Рашт 14 адад, Рӯдакӣ 14 адад, Турсунзода 12 адад, Шаҳринав 7 адад, Файзобод 6 адад, Роғун 5 адад, Варзоб 5 адад, Нуробод 2 адад,

Тоҷикобод, ва Лахш 2 адад майдончаҳои варзишӣ сохта ба истифода дода шудааст.

### 17.4. **Нишондиҳандаҳои иншоотҳои соҳаи варзиш ва машқҳои пагоҳирӯзӣ**.

Баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани сокинон ба варзиш дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ Ваҳдат +60 адад (206 адад), Рашт +53 адад (278 адад), Шаҳринав +8 адад (72 адад), Рӯдакӣ +1 адад (455 адад), Турсунзода +1 адад (153 адад) ва Роғун +1 адад (68 адад), иншооти варзишӣ фаъолият дошта, нисбат ба нимсолаи аввали соли 2019 зиёд гардидаанд, ки ба таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири мусбӣ мерасонад.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Нуробод +/-0 адад (99 адад), Сангвор +/-0 адад (3 адад), Варзоб +/-0 адад (64 адад), Лахш +/-0 адад (99 адад) нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ бетағйир монда дар ҳисоботҳои ноҳияи Файзобод бошад нисбат ба нимсолаи аввали соли ҷорӣ 13 адад кам гардидааст, (82 адад) вазъи ба амаломада аз роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлати корбарии иловагиро талаб мекунад.

Шумораи нисбатан зиёди иншоотҳои варзишӣ дар шаҳрҳои Ваҳдат, Турсунзода ва ноҳияҳои Рӯдакӣ ва Рашт, ба назар расида, шароити мусоидро баҳри ҳарчи бештар ҷалб намудани ҷавонон ба варзиш фароҳам оварда шудааст.

Дар ин давра шумораи ками бунёди иншооти варзишӣ дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Файзобод, Сангвор, Варзоб ба назар мерасд, ки ба нишондиҳандаи рушди соҳаи варзиш таъсири манфи расонида, тавқият бахшидани фаъолиятро тақозо менамояд.

Дар 9 моҳи соли 2019 дар ноҳияи Рӯдакӣ 74 маротиба машқҳои пагоҳирӯзӣ баргузор гардида нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ +12 маротиба зиёд мебошад ва дар он 31250 нафар шаҳрвандон иштироокнамуданд, ки нисбати 6 моҳа 6450 маротиба зиёд иштирок намудаанд.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Тоҷикобод +21 (64 адад машқ) ва +3752 (11288 иштирок), Ҳисор +18 (53 адад машқ) ва +1110 (6125 иштирок), Роғун +7 (24 адад машқ) ва +304 (5812 иштирок), Лахш +14 (36 адад машқ) ва +1863 (5508 иштирок), Нуробод +92 (113 адад машқ) ва +419 (3215 иштирок), Рашт +16 (26 адад машқ) ва +5665 (6915 иштирок), Турсунзода +13 (36 адад машқ) ва +13704 (28724 иштирок), Файзобод +5 (45 адад машқ) ва +505 (9380 иштирок), Шаҳринав +9 (35 адад машқ) ва +1134 (3994 иштирок) зиёд гардидааст ва дар ноҳияи Варзоб +/-0 (19 адад машқ) ва +/-0 (2006 иштирок), маротиба баргузор гардидааст, ки нисбат ба нимсолаи аввал бетағйир мондааст.

Шумораи зиёди иштироки шаҳрвандон дар машқҳои пагоҳирӯзи дар шаҳру ноҳияҳои Рӯдакӣ, Турсунзода, Файзобод, Тоҷикобод, Ҳисор Роғун, ва Лахш ба назар расида, самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ин шаҳру ноҳияҳо дар ҷалби шаҳрвандон ба варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим таъмин карда шудааст.

17.5. **Оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, омодасозии варзишгарони касбӣ (банди 51 паём)**;

Дар соли 2019 дар шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ҷалби ҷавонон ба варзиш чорабиниҳои сиёсӣ, варзишӣ, фарҳангӣ, вохӯрию мулоқотҳо, таблиғи тарзи ҳайёти солим ва рушди бемайлонаи варзиш корҳои муайян ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми 9 моҳи соли 2019 аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар мусобиқаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ варзишгарони шаҳру ноҳияҳо иштирок намуда, 1113 медал ба даст овардаанд, ки аз ин 339 медали тилло, 260 медали нуқра, 462 медали биринҷӣ ба даст овардаанд, ки нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ 416 адад зиёд гардидааст.

Варзишгарони шаҳру ноҳияҳо аз рӯи натиҷаҳои мусобиқаҳои варзишӣ аз Варзоб 255 адад (71 тилло, 55 нуқра, 129 биринҷӣ), Турсунзода 198 адад (51 тилло, 61 нукра, 77 биринҷӣ), Ваҳдат 179 адад (84 тилло, 33 нуқра, 57 биринҷӣ), Роғун 203 адад (53 тилло, 65 нуқра, 85 биринҷӣ), Лахш 125 адад (45тилло, 46 нуқра, 43 биринҷӣ), Рашт 104 адад (12 тилло, 41 нукра, 51 биринҷӣ), Ҳисор 33 адад (14 тилло, 9 нуқра, 10 биринҷӣ) ва Сангвор 10 адад (8 тилло, 2 нуқра) медал ба даст оварданд, ки сатҳи муайяни таъмини нишондиҳандаи рушди соҳаи варзишро инъикос менамояд.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷобаҷокунии ҷавонон дар вазифаҳои роҳбарикунанда, ҷалби ташкилоту муассиса, соҳибкорон барои бунёди майдону толорҳои варзишӣ, ва фароҳам овардани заминаи баланд бардоштани оммавигардонии варзиш ва дастгирии ташаббуси мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе оид ба ташкили машқҳои пагоҳирӯзӣ, мусоидат намоянд.

## 18. Рушди соҳаи сайёҳӣ

**(банди 34, 36-и паём)**

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 18.1. **Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияи рушди сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли** 2030, 18.2.(18.2, 18.3, 18.4) **Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ, арзёбӣ гардиданд.**

18.1. (18.2,) **Рафти иҷрои Нақшаи чорабиниҳои ва корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасо хтори сайёҳӣ**

18.2.(18.2, 18.3, 18.4) **Фароҳам овардани шароит барои рушди соҳаи сайёҳӣ**

18.2. (18.2) **Корҳои анҷомдода ҷиҳати рушди инфрасохтори сайёҳӣ, зиёд намудани таъдоди ширкатҳои сайёҳӣ ва шумораи сайёҳон,**

Баҳри амалӣ намудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии

шаҳр ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ қарорҳои дахлдор ва нақшаи чорабиниҳо таҳия ва қабул карда шуда, мавриди амал қарор дода шудааст.

Дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 12 адад субъектҳои хизматрасонии сайёҳӣ (ширкатҳои сайёҳӣ) аз ҷумла дар ноҳияи Лахш 3, Ваҳдат 2, Варзоб 2, Рашт 1, Турсунзода 1, Ҳисор 1, Файзобод 1 ва Шаҳринав 1 адад фаъолият карда истодаанд.

Барои қабули сайёҳони дохилию хориҷӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 121 адад меҳмонхона ва мавзеҳои сайёҳӣ (мотел, турбаза) аз ҷумла, дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор 65 адад, Варзоб 54 адад, Роғун 2 адад, Ваҳдат 14 адад, Рашт 6 адад, Лахш 6 адад, Турсунзода 3 адад, Сангвор 3 адад, Нуробод 1 адад, Файзобод 1 адад, Тоҷикобод 1 адад ва Шаҳринав 10 адад фаъолият доранд, ки метавонанд дар сатҳи зарурӣ сайёҳонро қабул намуда, хизматрасониро таъмин намоянд.

Хатсайрҳо барои сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ нисбат ба 3 моҳи соли ҷорӣ, дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат +5 адад (60 адад), Роғун +13 адад (15 адад), Шаҳринав +5 адад (6 адад) Турсунзода +3 адад (5 адад), ноҳияҳои Рашт +6 адад ва зиёд гардида, дар сатҳи шаҳру ноҳияҳои Ҳисор +-0 адад (11адад) адад, Варзоб +- 0 адад (15 адад) ва Сангвор + 1 ададро ташкил намуда, бетағйир боқӣ мондааст.

Зиёдшавии шумораи хатсайрҳо ва таъсиси хатсайрҳои нав барои ҷалби сайёҳон дар фаъолияти шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Роғун, Турсунзода, Рашт ва Шаҳринав ба назар мерасад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки вобаста ба эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” шумораи сайёҳони хориҷӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ афзоиш ёфта истодааст.

Давоми 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ теъдоди сайёҳони ташрифоварда 244 ҳазору 207 нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта +105 ҳазору 672 нафар (138 ҳазору 535 нафар) зиёд мебошад, ки аз намуди сайёҳии кӯҳнавардӣ, табобатӣ, солимгардонӣ ва экологӣ истифода намудаанд.

Дар нуҳ моҳи соли 2019 ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 244654 нафар сайёҳон ворид шудаанд, ки аз ин 12298 нафар хориҷи мебошад.

Нишондиҳандаи баланди шумораи умумии сайёҳоне, ки ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташриф овардаанд, дар шаҳрҳои Турсунзода +973 нафар нисбати нисбати нимсолаи аввали соли ҷори зиёд (шумораи умумии сайёҳон 6983 нафар), Ҳисор +13089 нафар (33942 нафар), Ваҳдат + 68097 нафар (96504 нафар), Варзоб +86746 нафар (96410 нафар), Шаҳринав +2063 нафар (4553 нафар), Роғун +1333 нафар (1753 нафар), Рашт +1317 нафар (1955 нафар Сангвор +1110 нафар (2402 нафар) зиёд гардидааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои Лахш+/-0 нафар (125 нафар) Файзобод 30 нафар нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ бе тағйир боқи мондааст.

Шумораи сайёҳони хориҷие, ки ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ташриф овардаанд нисбати нимсолаи аввали соли ҷорӣ дар шаҳру ноҳияҳои

Ҳисор +3281 нафар (шумораи умумии сайёҳони хориҷӣ 6649 нафар), Ваҳдат +1153 нафар (1418 нафар), Варзоб +362 нафар (1373 нафар), Роғун +200 нафар ( 390 нафар), Турсунзода +64 нафар (804 нафар), Шаҳринав +300 нафар (645, нафар), Рашт +130 нафар (2013 нафар), ва Сангвор +504 нафар (648 нафар) зиёд гардидааст, ки барои воридоти маблағ ба буҷети маҳаллӣ шароит фароҳам овардааст.

Нишондиҳандаи баланди зиёдшавии шумораи сайёҳон нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Варзоб ва Шаҳринав ба назар расида, рушди инфрасохтори сайёҳӣ, мавҷуд будани намудҳои ҷолиби сайёҳӣ ва натиҷаи мусбии корҳои анҷомдодаи ин шаҳру ноҳияҳоро инъикос менамояд.

### 18.3. (18.3)Ташкили ба роҳ мондани муаррифии мавзеъҳои нодири сайёҳӣ

Дар ҳудуди шаҳри Ваҳдат яке аз манзараҳои зеботарини ҷумҳурӣ дараи «Ромит» ҷойгир аст, ки дар ин дара оби шифобахши «Зайрон», «Мамнуъгоҳи Ромит», дар ноҳияи Варзоб минтақаҳои истироҳатии «Кохи Малика», «Ёвар», «Варзоб-Палас», «Гулобод», «Гули майда» ва Маҷмааи комплексии лижаронии «Сафеддара», дар ноҳияи Лахш мавзеи табобатии «Тандиқул», дар ноҳияи Файзобод оби маъдании «Файзобод», шикоргоҳ ва лойи табобатии «Сиёҳгулӣ», дар шаҳри Ҳисор мавзеи таърихию фарҳангии «Қалъаи Ҳисор», осоишгоҳҳои «Шоҳамбарӣ», «Сангчашма» ва осоишгоҳи замонавии «Сатурн» барои қабули сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ тамоми шароитҳои замонавӣ фароҳам оварда шудааст.

### 18.4. Таъсиси сомонаҳои интернетӣ ва маъмурӣ хизматрасонӣ сайёҳӣ дар вилояту шаҳру ноҳияҳо

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъсиси сомонаҳои интернетӣ, паҳн кардани маводҳои иттилоотӣ оид ба имкониятҳои сайёҳии кишвар ва ҳар чи бештар ҷалби сайёҳони хориҷӣ ба Тоҷикистон тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ гардида, як қатор корҳо ба анҷом расонида шудаанд. Бо ин мақсад дар ноҳияи Варзоб сомонаи интернетӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва имкониятҳои муарифии он бо суроғаи www.varzob-turizm.tj, ноҳияи Рашт сомонаи сайёҳӣ www.rasht.tajtravel.tj, ноҳияи Лахш сомонаи www.Lakhsh.tj, ноҳияи Тоҷикобод сомонаи www.tojikobod.tj, ноҳияи Рӯдакӣ сомонаи www.nrudaki.tj, ноҳияи Шаҳринав дар сомонаи иҷтимоӣ (Фейсбук) рубрикаи махсус ба номи “Sayohi Shahrinav”, почтаи электронӣ ба номи tourism.shahrinav@mail.ru ва дар шаҳри Турсунзода сомонаи tursunzjoda. tj ташкил карда шуда, фаъолият менамоянд.

Вале мутаассифона то ҳол дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат, Ҳисор, Лахш, Нуробод, Роғун, Сангвор ва Файзобод сомонаҳои интернетӣ таъсис дода нашуда, иҷрои банди мазкур таъмин нагардидааст.

Пешниҳод: Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои фароҳам овардани шароит ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ, соҳибкорон, таҳияи

лоиҳаҳои инвеститсионӣ, таъсиси Ширкатҳои сайёҳӣ, коркарди хатсайрҳо ва дақиқ ба роҳ мондани ба ҳисобгирии шумораи сайёҳони хориҷӣ мусоидат намоянд.

### 19. Баробарии гендерӣ
### (банди 49-и паём)

**Нишондоди пешакии рушди соҳаи алоқа ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аз нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, 19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ, арзёбӣ гардиданд.**

**19.1. (19.1) Иштироки занҳо дар ҳаёти ссиёсию ҷамъиятӣ**

**19.1 Корҳои анҷомдода ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда дар ҳамаи сохторҳои МИМҲД, шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, аз ҷумла дар бонкҳо**

Дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъин кардани занон ба мансабҳои роҳбарикунанда тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, шумораи занон дар ҳайати роҳбарикунанда дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 207 нафар (+56 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли 2018), Рашт 17 нафар (+2 нафар), Нуробод 4 нафар (+1 нафар), Рӯдакӣ 13 нафар (+3 нафар), Ҳисор 14 нафар (+3 нафар), Лахш 5 нафар (+1 нафар), Файзобод 38 нафар (+-0 нафар), Варзоб 4 нафар (+-0 нафар), Турсунзода 5 нафар (+-0 нафар), Роғун 13 нафар (-3 нафар), Сангвор 3 нафар (-1 нафар), Тоҷикобод 3 нафар (-1 нафар) ва Шаҳринав 10 нафар (-1 нафар) ташкил додааст, ки аз амалишавии татбиқи сиёсати давлатии мақоми зан дар ҷомеа дарак медиҳад.

Дар муассисаҳои бонкии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба ҳолати имрӯза 463 нафар занон кору фаъолият доранд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта теъдоди онҳо 34 нафар зиёд шудааст. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 70 нафар (+15 нафар нисбат ба ҳамин давраи соли 2018), Ҳисор 86 нафар (+21 нафар), Турсунзода 115 нафар (+9 нафар), Шаҳринав 26 нафар (+8 нафар), Рӯдакӣ 71 нафар (+4 нафар), Нуробод 2 нафар (+2 нафар) Лахш 3 нафар (+2 нафар), Рашт 29 нафар (+-0 нафар), Сангвор 2 нафар (+/-0 нафар), Тоҷикобод 2 нафар (+/-0 нафар), Файзобод 37 нафар (+/-0 нафар) ва Роғун 10 нафар (+-0 нафар) ташкил медиҳад.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби занҳо ба вазифаҳои роҳбарикунанда ва фароҳам овардани шароити мусоид фаъолияти ҳамоҳангсозиро таҳвият бахшанд.

### 20. Ҳолати иттиҳодияҳои динӣ

**20. (20.1, 20.2) Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ дар самти дастгирии қишрҳои осебпазири аҳолӣ (Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19);**

Дар 9 моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар асоси талаботи қонунгузории соҳа 1108 иттиҳодияи динӣ аз ҷумла, 11 адад

масҷидҳои ҷомеи марказӣ, 96 адад масҷиди ҷомеъ, 1000 адад масҷиди панҷвақта ва 5 адад иттиҳодияҳои динии ғайриисломӣ ташкил гардида, фаъолият доранд.

Дар ҳудуди ноҳияи Варзоб 64 масҷид аз онҳо 2 масҷиди ҷомеъ, 62 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Ваҳдат 11 масҷиди ҷомеъ, 1 масҷиди марказӣ, 178 масҷиди паҷвақта ва 3 иттиҳодияи ғайри исломӣ фаъолият менамоянд. Дар ноҳияи Лахш 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 4 масҷиди ҷомеъ ва 42 масҷиди панҷвақта дар ноҳияи Нуробод 3 масҷиди ҷомеъ, 1 масҷиди ҷомеи марказӣ ва 40 масҷиди панҷвақта, дар ноҳияи Рашт 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 5 масҷиди ҷомеъ ва 85 масҷидҳои панҷвақта, дар ноҳияи Рӯдакӣ 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 28 масҷиди ҷомеъ ва 192 масҷиди панҷвақта, дар ноҳияи Сангвор 1 масҷиди ҷомеъ ва 45 масҷиди панҷвақта, дар ноҳияи Тоҷикобод 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 2 масҷиди ҷомеъ ва 16 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Роғун 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 3 масҷиди ҷомеи марказӣ ва 29 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Турсунзода 1 масҷиди ҷомеи марказӣ 7 масҷиди ҷомеъ, 96 масҷиди панҷвақта ва 2 иттиҳодияи динии ғайри исломӣ, дар ноҳияи Файзобод 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 5 масҷиди ҷомеъ ва 20 масҷиди панҷвақта, дар шаҳри Ҳисор 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 19 масҷиди ҷомеъ ва 149 масҷиди панҷвақта ва дар ноҳияи Шаҳринав 1 масҷиди ҷомеи марказӣ, 6 масҷиди ҷомеъ ва 46 масҷиди панҷвақта фаъолият мекунанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби иттиҳодияҳои динӣ ва шахсони саховатпеша дар шаҳри Ҳисор ба маблағи 13 млн 830 ҳазор сомонӣ, Ваҳдат 2 млн 977 ҳазор сомонӣ, ноҳияҳои Нуробод 1 млн 218 ҳазору 516 сомонӣ, Рӯдакӣ 494 ҳазор сомонӣ, Турсунзода 402 ҳазору 480 сомонӣ, Файзобод 367 ҳазору 800 сомонӣ, Тоҷикобод 36 ҳазору 463 сомонӣ ва Рашт 16 ҳазору 249 сомонӣ ба эҳтиёҷмандон, шахсони яккаву танҳо, ятимон, маъюбону барҷомондагон кӯмакҳои моддӣ расонида шудааст.

Дар ноҳияи Сангвор аз ҳисоби иттиҳодияҳои динӣ сохтмони 1 бинои истиқоматӣ ва таъмири 4 бинои истиқоматии оилаҳои ниёзманд ба анҷом расонида шудааст.

Пешниҳод: Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иҷрои супориши Нусха аз Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.11.2018 с., №12 банди 19 ҳамкориҳоро вусъат бахшанд.

## 21. Рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ (банди 3 ва 8-и паём)

**Нишондодҳои пешакии рушди соҳаи хизматрасониҳои пулакӣ бо нишондиҳандаҳои** 21.1.(21.1) **Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ**, 21.2. **Баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои коммуналӣ арзёбӣ гардиданд**.

## 21.1. (21.1) Афзоиши ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ

### 21.1. Ҳолати маблағгузорӣ ба бахшҳои хусусии соҳаҳои истеҳсолии шаҳру ноҳияҳо

Дар 9 моҳи  соли 2019, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳаҷми хизматрасонии пулакӣ 914,8 млн. сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли гузашта 376,4 млн. сомонӣ ё 70% зиёд шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2019, ҳаҷми хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳру ноҳияҳои Роғун 18,6 млн. сомонӣ 207% расонида шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта  +9,8 млн. сомонӣ зиёд, Файзобод 54,4 млн. сомонӣ 112% (+5,8 млн. сомонӣ)Ваҳдат 153,1 млн. сомонӣ 102,7% (+4 млн. сомонӣ), Турсунзода 135,3 млн сомонӣ 108,2% (+12,5 млн. сомонӣ), Рӯдакӣ 144 млн. сомонӣ 131% (+5,5 млн. сомонӣ),  Ҳисор 106,6 млн. сомонӣ 104,4% (+4,4 млн. сомонӣ), Рашт 40,9 млн сомонӣ 105% (+2,2 млн сомонӣ), Шаҳринав 22 млн. сомонӣ 113% (+2,5 млн. сомонӣ), Варзоб 28,7 млн. сомонӣ 102% (+1,1 млн. сомонӣ) ва Сангвор  5,5 млн. сомонӣ 106,3% (+0,3 млн сомонӣ)  дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта рӯ ба афзоиш дорад, ки барои баланд бардоштани шароити зиндагӣ мусоидат намудааст.

Инчунин, ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта дар ноҳияҳои Тоҷикобод 13,1 млн. сомонӣ  87,9%   (-1,5 млн. сомонӣ), Нуробод 15,7млн. сомонӣ 88,7% (-0,46 млн. сомонӣ) ва Лахш 11,2 ҳазор сомонӣ 91% (-1000 сомонӣ) кам гаштааст, ки омӯзиши сабабҳои худ ва бартараф намудани камбудиҳоро талаб менамояд.

### 21.2.Корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ

Дар 9 моҳи соли 2019 таҳлилҳо муайян намуд, ки корҳои анҷомдодаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудаааст.

Дар ноҳияи Рашт намояндагиҳои 9 бонк мунтазам фаъолият менамоянд, ки аз ин дар нӯҳмоҳаи соли 2019 аз ҷониби 5 бонк ба маблағи 6 млн. 678,7 ҳазор сомонӣ ба шаҳрвандон қарзҳои кӯтоҳмуддат ба муҳлати 1 сол дода шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 1 млн. 149,1 ҳазор сомони зиёд мебошад, дар ноҳияи Варзоб барои дастгирии  соҳибкорон ба 322 нафар соҳибкор, аз ҷумла 128 нафар соҳибкорзан ба маблағи 1847300 сомонӣ  ҷудо карда шудааст.

Дар 9 моҳи соли 2019, Дар шаҳри Роғун аз тарафи ФҶСК “Тоҷиктелеком минтақаи 6” шаҳри Роғун ба маблағи 88321 ҳазор сомонӣ ба ташкилоту муассисаҳои хизматрасони намуда, дар ФҶСК “Тоҷиктелеком минтақаи 6” шаҳри Роғун як адад истгоҳи телефонӣ бо ғунҷоиши 1740 адад рақам ба аҳолии шаҳр хизмат мерасонад ва Корхонаи воҳиди давлатии “Сарраёсати ободонӣ, кабудизоркунӣ, обтаъминкунӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ”фаъолият намуда, ба аҳолии шаҳр ки шумораи умумиашон 45364 нафарро ташкил медиҳад, хизмат мерасонад.

Шумораи хоҷагиҳое, ки аз ҷониби КВД “СОКО ва ХМК”-и шаҳр хизмат расонида мешавад, 3490 ададро ташкил медиҳад. Ҳаҷми хизматрасонии коммуналӣ дар ин давра 536,5 ҳазор сомониро дар бар мегирад.

Бояд зикр намуд, ки доир ба корҳои анҷомдода ҷиҳати дастрасии хизматрасониҳои пулакӣ масъулини шаҳру ноҳияҳо маълумотҳои умумӣ дар самти хизмати маишӣ, нақлиёти мусофирбар, алоқа, маориф, тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, хоҷагии манзил ва хизмати бонкӣ пешниҳод намуда, маълумотҳоро мушаххас дарҷ накардаанд, ки таҳлилу арзёбӣ ғайриимкон мегардад.

Дар ноҳияҳои Нуробод ва Файзобод бунёди иншоотҳои хизматрасонию маишӣ, аз ҷумла ҳаммом, сартарошхона, кошонаи ҳусн, дорухона, марказҳои савдо, ошхона, тарабхона, марказу бунгоҳҳои саломатӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаҳои мазкур сатҳи хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ хубтару беҳтар мегардад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо дигар вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати дуруст ба ҳисоб гирифтани хизматрасониҳои пулакӣ, зиёд намудани намудҳои хизматрасониҳои пулакӣ ва ҷаҳати дастрасии он ба аҳолӣ чораҷӯӣ намоянд.

## 22. **Таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ**

**Нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ**, 22.1. **Тамоюли ҷиноятҳои ба қайд гирифта ва ошкоршавии онҳо**, 22.2 **Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)**, 22.3-22.4 **Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав**, 22.5 **Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо арзёбӣ гардиданд**.

### 22.1. **Тамоюли ҷиноятҳои бақайдгирифташуда**

Аз руи маълумотҳои дастрасшудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ нишондодҳои пешакии таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ бо нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳолати ҷиноятҳои ба қайд гирифта арзёбӣ гардиданд.

Тибқи маълумотҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 октябри соли 2019, №4/10-1642, дар нуҳ моҳи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 759 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати соли гузашта -3 адад кам гашта, дар шаҳру ноҳияҳои Рашт -10 адад (179 адад), Нуробод -20 адад (91 адад), Роғун – 10 адад (69 адад) ва Шаҳринав 64 адад (-16 адад) ва Тоҷикобод -5 адад (67 адад) нисбат ба соли гузашта коҳиш ёфтааст, ки ин натиҷаи дуруст ба роҳ мондани ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои Вазорати корҳои дохилиро нишон медиҳад.

Бо вуҷуди корбариҳои зиёд дар 9 моҳи соли 2019 дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат +44 адад нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта зиёд (дар маҷмуъ 414), Турсунзода +93 адад (434 адад), Ҳисор +30 адад

(371 адад), Рӯдакӣ +17 адад (843 адад), Лахш +9 адад (78 адад), Сангвор +2 адад ( 38 адад) ва Файзобод +1адад ( 105адад) сатҳи ҷинояткорӣ зиёд гардидааст

Зиёдшавии шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, нисбати соли 2018 дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода, Рӯдакӣ, Ваҳдат, Ҳисор, Лахш ва Сангвор ба назар расида, пурзӯр намудани иҷрои ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ваколатдорро тоқозо менамояд.

### 22.2 **Ҳолатҳои худкушӣ (суитсид)**

Дар 9 моҳи соли 2019, шумораи худкушӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 50 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, аз ҷумла: Турсунзода 18 ҳодиса, Ҳисор 13 ҳодиса, Ваҳдат 5 ҳодиса, Рӯдакӣ 4 ҳодиса, Тоҷикобод 4 ҳодиса, Рашт 3 ҳодиса, Файзобод 1 ҳодиса Роғун 1 ҳодиса ва Варзоб 1 ҳодиса ба қайд гирифта шудааст, ки боиси нигаронии аҳли ҷомеа мебошад ва дар ин самт пурзӯр намудани фаъолияти мақомоти дахлдорро лозим меояд.

Дар шаҳру ноҳияҳои Нуробод, Сангвор, ва Шаҳринав ҳолати худкушӣ (суитсид) ба қайд гирифта нашудааст.

### 22.3-22.4 **Шумораи ҷиноятҳое, ки аз тарафи ҷавонон содиршуда ва шомилшавиии онҳо ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав**

Содир намудани ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон дар нимсолаи соли 2019 дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 111 ҳолат ба қайд гирифта шуда, аз он дар шаҳру ноҳияҳои Ваҳдат 38 ҳолат, Нуробод 24 ҳолат, Ҳисор 13 ҳолат, Лахш 9 ҳолат, Рашт 6 ҳолат, Файзобод 4 ҳолат, Роғун 2, Сангвор 1 ҳолат, ва Рӯдакӣ 9 ҳолат ошкор ва ба қайд гирифта шудааст

Дар 9 моҳи соли 2019 шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундрав дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 35 ададро ташкил дода, он дар шаҳру ноҳияҳои Турсунзода 12 адад (+5 адад нисбати соли гузашта зиёд), Ваҳдат 11 адад (+3 адад), Сангвор 6 адад ва Тоҷикобод 2 адад ба қайд гирифта шудааст.

Ин нишондиҳанда дар ноҳияи Нуробод 4 адад ( -14 адад нисбати соли гузашта кам) ба қайд гирифта шудааст.

### 22.5 **Корҳои анҷомдодашуда оид ба пешгирии сар задани ҷиноятҳо**.

Дар асоси меъёрҳои талаботи Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2019 бо мақсади пешгирии сар задани ҷиноятҳо ва қонунвайрокуниҳо чораҳои мушаххас андешида шуда, мунтазам аз тарафи масъулини шаҳру ноҳияҳои Нуробод, Роғун, Тоҷикобод, Турсунзода Ҳисор, Шаҳринав ва Файзобод корҳои пешгирикунанда ба роҳ монда шудааст. Дар ҷамоатҳои деҳоти ин шаҳру ноҳияҳо корҳои оммафаҳмонӣ ва пешгирикунанда пайваста дар асоси нақшаи чорабиниҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар ноҳияи Сангвор, дар давоми нуҳ моҳи соли 2019 аз тарафи кормандони шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ 200 адад протоколҳои

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуда, аз ин ҳисоб ба маблағи 47 ҳазору 560 сомонӣ ҷарима ситонида шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 203 протокол ва 801 сомонӣ кам мебошад. Доир ба ҳолати иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ гузаронида шуда, 13 адад протоколи ҳукуквайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудааст.

Дар самти ташвиқу тарғиби қонунҳо дар шаҳри Ҳисор 25 маротиба сӯҳбату вохӯриҳо гузаронида шудаанд.

Дар ҳисоботҳои пешниҳоднамудаи ноҳияҳои Лахш, ва Рашт доир ба зербанди мазкур маълумот омода карда нашудааст.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро зарур аст, ки барои иҷрои ваколатҳои тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ" оид ба таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза ба зиди ҷинояткорӣ, шомилшавии ҷавонон ба ҳаракатҳои ифротгаро, тундрав ва экстремистию террористӣ муқарраршуда, ҳамоҳангсозии фаъолиятро бо шӯъбаҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоннок намоянд.

## 23. Рафти иҷрои нақшаи чорабиниҳои сафарҳои кории супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

### 23.1. Ҷараёни иҷрои супоришҳои сафарҳои корӣ, ки муҳлати иҷроишашон дар соли 2019 муайян карда шудааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш, Рашт ва деҳоти Сағирдашти ноҳияи Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 25 то 28 сентябри соли 2016 баён доштанд, корҳои муайне ба анҷом расонида шудааст.

**Банди** 3

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт оид ба ҳалли мушкилотҳои соҳаи маориф ва баланд бардоштани сифати таълим таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда истодааст. Дар маркази рушди истеъдодҳои шуъбаи маорифи ноҳия омӯзиши фанҳои дақиқ, забонҳои хориҷӣ, технологияи информатсионӣ ба талаботи имрӯза ҷавобгӯй ба роҳ монда шудааст., Дар ҳамаи муассисаҳои таълимӣ тибқи дастури шуъбаи маорифи ноҳия барномаи «Ахлоқи ҳамида», «Шоҳномахонӣ», «Конститутсияхонӣ», «Химикони ҷавон», «Ғазалхонӣ», «Дастони моҳир» ба роҳ монда шудааст.

Банди 82

Ҷиҳати ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ, тарбияи тарзи ҳаёти солим, пешгирии қонуншиканиҳо дар байни ҷавонон ва гароиши онҳо ба гурӯҳу ҳаракатҳои ифротию террористӣ, риояи одоби муошират ва либоспушӣ дар байни ҷавонон ва занон, аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия аз ҳисоби кормандони мақомоти иҷроия, РВКД дар

минтақа ва ноҳияи Рашт, бахши кор бо ҷавонон ва варзиш, шуъбаи маориф, шуъбаи кор бо занон ва оила, беморхонаи марказӣ, бахш оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ ва дигар сохторҳои марбута гуруҳҳои корӣ таъсис дода шуда, пайваста дар байни аҳолӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда мешаванд, ки, дар ин чорабиниҳо зиёда аз 965 нафар ҷавонони ноҳия ширкат варзидаанд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод бобати иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт аз 24-26 июни соли 2019 баён доштанд, қарори Раиси ноҳия аз 7 августи соли 2019 таҳти №205 ба тавсиб расида, нақша-чорабиниҳо иборат аз 28 банд таҳия ва мавриди татбиқ қарор дорад. Мутобиқи он масъулин ва мутассадиён барои таъмини иҷрои бандҳои он муваззаф гардида, гузориши роҳбарони идораву ташкилотҳои марбутта мунтазам дар ҷаласаҳои корӣ шунида мешавад.

**Банди** 19. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод бо назардошти имкониятҳои мувофиқи сайёҳӣ, мавқеи созгори ҷойгиршавӣ ва маданияти бойи меҳмондории сокинони ин диёр тайи соли охир дар канори шоҳроҳи байналмилалии Ваҳдат- Нуробод- сарҳади Қирғизистон бо ҷалби сокинон ва соҳибкорони маҳаллӣ ба бунёди 3 меҳмонхона, 6 катҳои дамгирӣ, 12 ошхона ва нуқтаҳои хӯроки умумӣ, 3 адад «Гӯшаҳои деҳқон», беш аз 40 марказҳои савдо ва нуқтаҳои хизматрасонӣ, 10 ташнобҳои сарироҳӣ ва дигар инфрасохтори сайёҳӣ иқдом намудааст.

**Банди** 20. Бо мақсади воқеъбинона ба нақша гирифтани буҷети маҳаллӣ, афзоиш додани қисми даромади он, пешгирӣ кардани ҳолатҳои истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини шаффофияти хароҷоти маблағҳо мунтазам чораҷӯӣ карда мешавад.

Қисми даромади буҷети ноҳия бе андози иҷтимоӣ барои соли 2020 ба маблағи 45 334 535, аз он ҷумла аз ҳисоби даромадҳои худи ноҳия 8 349 613 сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбати соли 2019 ба маблағи 258 213 сомонӣ, ё ба андозаи 3,2% афзоиш ёфтааст.

Дар қисми хароҷоти буҷети ноҳия барои соли 2020 ба маблағи 45 334 535 сомонӣ ба нақша гирифта шудааст, ки нисбат ба буҷети соли 2019 ба маблағи 4 383 051 сомонӣ ё ба андозаи 10,7 % зиёд мебошад.

**Банди** 21. Дар паёми имсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар ҳадафи чоруми давлату ҳукумат ҳисобида шуд.

Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ҷиҳати бунёди коргоҳҳои истеҳсолӣ ба соҳибкорону сармоягузорон ва дигар шахсони саховатпеша фазои мусоид фароҳам оварда шуда, иқдоми созандаи онҳо аз ҷониби бахшҳои давлатӣ ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳодгардидаи бонкӣ то 1-уми октябри соли 2019 аз ҷониби як бонки давлатӣ, ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ ба

соҳибкорони ноҳия ҳамагӣ 3 508 689 ҳазор сомонӣ қарз дода шудааст. Аз ҳисоби “Фонди дастгирии соҳибкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба субъектҳои соҳибкории ноҳия қарзҳои имтиёзноки давлатӣ дода нашудааст, ки ин омил барои пешрафти рушди соҳибкорӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар 9 моҳи соли 2019 корхонаҳои саноатӣ тибқи маълумоти оморӣ 188 500 сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 4 900 сомонӣ зиёд мебошад .

**Банди** 22. Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ аз тарафи филиали №12 Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” дар ноҳия барои рушди соҳаҳои хоҷагии халқи ноҳия ба 274 нафар сокинони ноҳия ба маблағи 1 985 500 сомонӣ, аз ҷумла, 18 нафар барои тиҷорат ба маблағи 210 000 сомонӣ, 2 нафар барои чорводорӣ ба маблағи 8 000 сомонӣ, 11 нафар барои картошкапарварӣ ба маблағи 78 500 сомонӣ, 63 нафар барои муҳоҷират ба маблағи 273 000 сомонӣ, 2 нафар барои дигар намуди соҳаи кишоварзӣ ба маблағи 55 000 сомонӣ, 178 нафар қарзҳои истеъмолӣ 1 279 000 сомонӣ қарзҳо дода шудааст.

Инчунин, аз тарафи Маркази хизматрасонии филиали “Аввалин Бонки молиявии хурд” ба ҳолати 30.09.2019 ба 452 нафар аз ҷумла, 25 нафар соҳаҳои соҳибкорӣ ба маблағи 199 009 сомонӣ, 36 нафар картошкапарварӣ ба маблағи 180 000 сомонӣ, 38 нафар чорводорӣ ба маблағи 200 700 сомонӣ, 56 нафар таъмири манзил ба маблағи 390 000 сомонӣ, 280 нафар қарзи истеъмолӣ ба маблағи 986 400 сомонӣ ва 17 нафар бошад занбӯрпарварӣ ба маблағи 167 600 сомонӣ қарзҳои гуногун дода шудааст.

**Банди** 23. Дар «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018 – 2020» 202 лоиҳаи афзалиятнок бо маблағи 182 047 ҳазор сомонӣ пешбинӣ карда шудааст. Аз ин 32 лоиҳа бо маблағи 22 040 ҳазор сомонӣ ба соҳаи кишоварзӣ, 36 лоиҳа бо маблағи 14 384 ҳазор сомонӣ ба соҳаи саноат, 10 лоиҳа бо маблағи 77 114 ҳазор сомонӣ ба соҳаи сохтмон, 25 лоиҳа маблағи 5 317 ҳазор сомонӣ ба соҳаи маориф, 11 лоиҳа бо маблағи 5 735 ҳазор сомонӣ ба соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ, 21 лоиҳа бо маблағи 6 343 ҳазор сомонӣ ба соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ, 26 лоиҳа бо маблағи 19 295 ҳазор сомонӣ ба соҳаи нақлиёт, хоҷагии роҳҳо ва алоқа, 11 лоиҳа бо маблағи 10 645 ҳазор сомонӣ соҳаи таъминоти оби нӯшокӣ ва ХМК, 11 лоиҳа бо маблағи 11 850 ҳазор сомонӣ ба соҳаи таъминоти барқ, 19 лоиҳа бо маблағи 9 324 ҳазор сомонӣ ба соҳаи ҳолатҳои фавқулодда ва ҳифзи муҳити зист рост меояд, ки аз азхудкунии маблағҳо барои амалигардонии лоиҳа чорабиниҳои Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ ноҳия 6,8 %-ро ташкил медиҳад

**Банди** 24. Таъсис додани корхонаву коргоҳҳои нави истеҳсолӣ, махсусан корхонаҳои коркарди шир, парандапарварӣ ва таъмини фаъолияти муназзами онҳо дар меҳвари асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия қарор дорад.

Дар ноҳия ҶДММ «Шири Нуробод» бо мақсади коркарди маҳсулотҳои ширӣ мунтазам фаъолият намуда, ба истеҳсоли қаймоқ,

сметана, творог, қурут, ҷурғот, равғани маска ва дуғ машғул аст. Инчунин, дар ноҳия корхонаи парандапарварии ҶДММ «Шамшод» фаъолият дорад, ки дар он 1500 сар мурғ парвариш ёфта, дар як рӯз зиёда аз 1100 дона тухм истеҳсол мешавад.

**Банди** 26. Бо мақсади таъмини бозорҳои истеъмолии пойтахти мамлакат бо гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ ташкили ферма оид ба парвариши чорвои калони зотӣ ва ба роҳ мондани воридоти он аз хориҷи кишвар аз ҷониби соҳибкор Шарифов Анваршо сохтмони фермаи чорводорӣ дар деҳаи Гардангаи деҳоти Хумдон ба нақша гирифта шудааст. Дар назар аст, ки ин иншоот соли 2020 ба истифода дода шуда, беш аз 20 нафар сокинони маҳаллӣ бо ҷои кор таъмин мегарданд.

**Банди** 27. Аз ҷониби ҶДММ «Шири Нуробод» ва занбӯрпарварони ноҳия барои ба роҳ мондани банду басти асал дар зарфҳои махсуси гуногунҳаҷм ва пешниҳоди он ба харидорон тадбирҳо рӯи кор омадаанд ва алаккай якчанд намуди ин маҳсулотҳо дар намоиш- фурӯши асал пешкаш мизоҷон гардиданд.

**Банди** 28. Бо мақсади иҷрои ин банд дар самти баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳо, истифодаи тухмиҳои хушсифат, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, парвариши картошка, зиёд намудани майдони боғҳо, бунёди корхонаҳо ва инфрасохтори зарурии нигоҳдорӣ, инчунин рушди соҳаҳои занбӯри асалпарварӣ ва чорводорӣ чораҷӯӣ намуда истодааст.

**Банди** 29. Кишоварзони ноҳия бо мақсади таъмин намудани бозорҳои шаҳри Душанбе бо маҳсулотҳои кишоварзӣ мунтазам дар намоиш ва фурӯши асал иштирок намуда, 600 кг асалро бо нархи дастрас ба аҳолии пойтахт пешкаш намуданд. Дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон-шаҳри Душанбе кишоварзони ноҳия 6 маротиба ярмаркаи маҳсулотҳои кишоварзиро ташкил намуда, ба теъдоди 10 тонна картошка, 3 тонна сабзӣ, 3 тонна себу нок, 2 тонна карам, 3 тонна пиёз ва анвои зиёди гиёҳҳои табиию шифобахшро пешкаши сокинони пойтахт гардониданд. Баргузории намоиш ва фурӯши маҳсулотҳои кишоварзӣ минбаъд низ идома меёбанд.

**Банди** 30. Тайи солҳои охир ҷиҳати бунёди муассисаҳои таълимӣ ва таъмини онҳо бо асбобу лавозимотҳои хониш чораву тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад.

Тайи солҳои охир аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ, шарикони рушд ва саҳми аҳолӣ сохтмону бунёди муассисаҳои таълимии замонавӣ, аз ҷумла, сохтмони муассисаи таҳсилоти миёнаи асосии №79 дорои 5 синфхона ба маблағи 773 ҳазору 600 сомонӣ, бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи асосӣ дорои 8-синфхона ба маблағи 270 ҳазор сомонӣ ва 42 синфхонаҳои иловагӣ ба анҷом расонида шуданд.

Айни ҳол дар ноҳия ду кӯдакистон бо фарогирии 109 нафар ва дар марказҳои инкишофи кӯдакони синни то мактабӣ 303 нафар ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд.

**Банди** 31. Тайи солҳои охир тавассути андешидани тадбирҳои зарурӣ базаи моддиву техникӣ ва кадрии муассисаҳои тандурустӣ батадриҷ беҳтар гардида, сатҳу сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ хуб гаштааст.

Айни замон сохтмони қисмати «Б» беморхонаи марказии ноҳия бомаром идома дошта, соли оянда мавриди баҳрабардорӣ қарор мегирад.

Бо кӯмаку дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия ва вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ беморхонаи марказии ноҳия бо асбобу таҷҳизоти замонавии тиббӣ таъмин карда шудааст.

**Банди** 32. Аз тарафи Идораи беҳдошти замин ва обёрии ноҳияи дар деҳаи Оҳангарони деҳоти Муҷихарф селроҳа дар масофаи 516 метр тоза карда шуда, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар пикети 54 ва 58-и канали «50-солагии Тоҷикистон», ки 1557 $м^3$ ташкил медиҳад, иҷро гардидааст.

Масъалаи мазкур таҳти назорат қарор дошта, минбаъд низ дар ин самт тадбирҳо амалӣ мегарданд.

**Банди** 34. Корҳои бунёдкорию ободонӣ бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби соҳибкорону шахсони саховатпеша бо суръат идома дорад.

Дар самти муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати амалисозии корҳои омодагӣ ва бунёди иншооти иҷтимоию истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ бо истифода аз масолеҳи сохтмонии баландсифат дар ҳудуди шаҳраку деҳоти ноҳия, нақша-чорабинӣ тасдиқ шуда, диққати масъулин ҷиҳати сари вақт, бо сифати баланд ва услубу санъати миллии меъморӣ ба анҷом расонидани иншоотҳои ҷашнӣ ҷалб карда шудааст.

**Банди** 36. Дар арафаи ҷашни Ваҳдати миллӣ роҳи марказии шаҳраки Дарбанд аз тарафи Муассисаи давлатии «Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун» дар масофаи 1,1 километр бо маблағи 4 миллиону 741 ҳазор сомонӣ мумфарш карда шуд. Инчунин, дар доираи ин лоиҳа дар масоҳати 5400 метри мураббаъ ду тарафи роҳ сафолакпӯш ва чароғон карда шудааст.

**Банди** 37. Аз ҳисоби Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 сохтмони хати оби нӯшокии Шолидара-Дарбанд бо маблағи 7 миллиону 850 ҳазор сомонӣ дар масофаи 13,8 километр оғоз гардида, то ба имрӯз идома дорад.

Айни замон корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур аз тарафи пудратчӣ ҶДММ «Васлгар» идома дошта, то ин давра маблағи иҷроиши корҳо 4 миллиону 519 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

**Банди** 38. Бунёди боғи фарҳангӣ-фароғатии замонавӣ тибқи нақшаи кулли шаҳраки Дарбанди ноҳияи Нуробод дар шафати варзишгоҳи марказӣ дар асоси қарори Раиси ноҳияи Нуробод майдони 15 га қитъаи замин ҷудо карда шудааст.

Тибқи дурнамо сохтмони боғи мазкур аз тарафи Муассисаи давлатии "Мудирияти минтақаи зериобшавандаи НБО-и Роғун" дар соли 2020 оғоз гардида, марҳила ба марҳила бунёд карда мешавад.

**Банди** 39. Барои сохтмони бинои мактаби санъат ва мусиқӣ бо қарори Раиси ноҳия аз 31 марти соли 2015, №60 дар маҳаллаи 2-юми шаҳраки Дарбанд майдони 0,31 га қитъаи замин ҷудо гардида, бо сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин, супориши меъмории банақшагирӣ (АПЗ) оид ба оғоз намудани корҳои лоиҳакашӣ ба Вазорати

маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст. Вале, бинобар сабаби буҳрони иқтисодӣ ва набудани маблағ корҳои сохтмонӣ то ҳол оғоз нагардидааст.

Сохтмони мактаби санъат ва мусиқӣ дар ноҳияи Нуробод ба нақшаи пешакии соли 2020 ворид карда шудааст.

**Банди** 40. Сохтмони бинои қасри фарҳанги ноҳияи Нуробод соли 2009 бо маблағгузории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардида то ин давра идома дорад. Пудратчии иншооти мазкур КИ «Пулод» буда, айни ҳол корҳои сохтмонӣ дар қисмати ошёнаи дуюми он дар сатҳи нокифоя идома дорад.

**Банди** 41. Лоиҳаи бинои мактаб-интернати ҷумҳуриявӣ барои кӯдакони ятими ноҳияи Нуробод барои 500 нафар хонанда омода гардида, айни ҳол ба ташхиси давлатӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар ҳолати пайдо гардидани сарчашмаи маблағгузорӣ корҳои сохтмонӣ дар иншооти мазкур оғоз карда мешавад.

**Банди** 42. Дар ноҳия барои рушди сайёҳӣ, гулдӯзию адрасбофӣ ва дигар ҳунарҳои мардумӣ тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

Бо қарори раиси ноҳия аз 3 марти соли 2018, №69 «Барномаи рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Нуробод барои солҳои 2018-2020» қабул гардида, шӯрои ноҳиявӣ оид ба ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи сайёҳӣ фаъолияти бомаром дорад.

Айни замон дар ноҳия се корхонаи хурди дӯзандагӣ дар ҷамоатҳои деҳоти Сафедчашма, Комсомолобод ва шаҳраки Дарбанд фаъолият карда истодаанд.

Аз тарафи шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳия дар ҷамоатҳои деҳоти ба номи И. Ҳалимов, Сафедчашма, Комсомолобод ва шаҳраки Дарбанд курсҳои омӯзиши дӯзандагӣ ва адрасбофии дастӣ ташкил карда шуда, зиёда аз 80 нафар занону духтарони хонашин ба омӯзиши ҳунарҳо ва 8 нафар занони бекор ва шуғли доимӣ ҷалб гардидааст.

**Банди** 43. Бо мақсади бартараф намудани камбудиҳо дар самти иҷрои қонунгузории андоз аз ҷониби Нозироти андози ноҳия нисбати 4 нафар андозсупоре, ки манбаъҳои андозбандишавандаро нишон надода буданд, назорати камералӣ гузаронида шуда, 94 ҳазор сомонӣ андозҳо ба буҷети давлатӣ ворид карда шуда, маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо бақияи қарзи 27 адад субъекти қарздор ба маблағи умумии 472 ҳазор сомонӣ кам карда шудааст.

**Банди** 44. Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои зарурӣ, баргузории сӯҳбату вохӯриҳо миёни мардум ва ҷоннок гардидани корҳои таблиғотию ташвиқотӣ теъдоди ҷиноятҳо коҳиш ёфта, дар 9 моҳи ҷорӣ аз ҷониби кормандони ШВКД-и ноҳия 91 адад ҷиноятҳо ба қайд гирифта шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 20 адад кам мебошад.

Тавассути андешидани тадбирҳои муштарак бо кормандони ҳифзи ҳуқуқ 48 нафар ҷавононе, ки ғайрирасмӣ дар муассисаҳои таълимии динии кишварҳои ҳамсоя таҳсил мекарданд, пурра ба Ватан баргардонида шудаанд.

**Банди** 45. Дар саросари ноҳия корҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи ҷашни 30 - солагии Исттиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маром идома дошта, дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо, сармоягузорон, бо ҷалби соҳибкорон, ҳамватанони бурунмарзӣ ва сокинони ноҳия сохтмону бунёди беш аз 248 иншоотҳо ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 135 иншоот, аз ҷумла, 5 коргоҳи саноатӣ, 42 иншооти соҳаи маориф, 5 иншооти соҳаи тансиҳатии омма, 2 майдончаи варзишӣ, 7 иншооти фарҳангӣ, 13 иншооти хизматрасонӣ, 26 иншооти савдо ва хӯроки умумӣ ва таъмиру таҷдид ва бунёди 13 адад роҳу купрукҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Дар 113 адад иншоотҳо корҳои сохтмонӣ бо маром идома дошта, ҳамарӯза хоҳишмандон барои саҳмгузорӣ дар ободонии ноҳия ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо ариза муроҷиат менамоянд.

**Банди** 46. Ҳамасола барои ҷавонони лаёқатманди ноҳия 22 квотаҳо (аз ҷумла 11 квота барои духтарон) ҷудо мегардид. Имсол бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 68 адад квотаҳои президентӣ, аз ҷумла 42 квота барои духтарони лаёқатманди ноҳия ҷудо гардид, ки аз дастгириҳо ва ғамхориҳои падарони Сарвари мамлакат шаҳодат медиҳад. Дар рӯзҳои наздик тибқи тасмимоти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод вохӯрии роҳбарияти ноҳия бо донишҷӯдухтароне, ки тибқи квотаҳои президентӣ дар макотиби олии кишвар таҳсил менамоянд, дар назар аст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод бобати иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт аз 24-26 июни соли 2019 баён доштанд, қарори Раиси ноҳия аз 7 августи соли 2019 таҳти №205 ба тавсиб расида, нақша-чорабиниҳо иборат аз 28 банд таҳия ва мавриди татбиқ қарор дорад. Мутобиқи он масъулин ва мутассадиён барои таъмини иҷрои бандҳои он муваззаф гардида, гузориши роҳбарони идораву ташкилотҳои марбутта мунтазам дар ҷаласаҳои корӣ шунида мешавад.

Вобаста ба амалӣ намудани нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳия гурӯҳҳои корӣ дар Ҷамоатҳои шаҳраку деҳоти ноҳия фаъолият намуда, дар ин муддат аз шумораи 248 лоиҳаҳои пешниҳодгардида, 132 адади он мавриди истифода қарор дода шуда, корҳои сохтмонӣ дар 116 лоиҳаҳо зери назорати доимӣ қарор дорад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳо ва нақша чорабиниҳои марбутае, ки ҳангоми сафарҳои кории Президен ти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои мамлакат додашуда, бо нақшаи чорабиниҳо тасдиқ гардидаанд тамоми тадбирҳои амалиро роҳандозӣ менамояд. Талаботи нақшаи чорабиниҳое, ки иҷроишашон дар давоми соли 2019 муқаррар гардидааст ба роҳбарӣ гирифта шуда, зина ба зина татбиқ гардида истодаанд. Вобаста ба иҷрои нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт 24-24 июни соли 2019 баён доштанд, нақшаи чорабиниҳои ноҳиявӣ ва гуруҳи корӣ таҳия гардида, бо қарори раиси ноҳия аз 12.08.2019, №209 тасдиқ гардидааст. Бобати амалишавии бандҳои дахлдори он тамоми тадбирҳои амалӣ роҳандозӣ гардида истодааст.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Сангвор ҷиҳати иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияҳои Сангвор, Нуробод, Тоҷикобод, Лахш ва Рашт аз 24-26 июни соли 2019 баён доштанд, нақшаи чорабиниҳои ноҳиявӣ таҳия гардида, бо қарори раиси ноҳия аз 31 июли соли 2019, № 234 тасдиқ карда шуда, корҳо зери назорат қарор доранд.

**Банди** 3. Афзоиш додани ҳаҷми қарз ба соҳибкорони ноҳия.

Вобаста афзоиш додани ҳаҷми қарз ба соҳибкорон дар давоми нуҳ моҳи соли 2019 барои дастрасии соҳибкорон ба қарзҳои бонкӣ аз тарафи шуъбаи Амонатбонк №21 дар ноҳияи Сангвор ба 166 нафар соҳибкорон қарзҳои кутоҳмудат дода шудааст, ки аз ин 21 нафари онҳо занон мебошанд. Маблағи қарзи гирифташуда 862 ҳазор сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 500 ҳазору 500 сомонӣ зиёд мебошад.

Пешниҳод: мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатии дахлдор барои таъмини иҷрои супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафари корӣ, ки муҳлати иҷроишашон мувофиқи Нақша – чорабинӣ дар соли 2019 пешбинӣ гардидааст ҳамкориро бо мақомотҳои марказӣ вусъат бахшанд.

23.2. **Рафти иҷрои камбудиҳое, ки аз ҷониби гурӯҳҳои кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли** 2018 **дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд**.

Рафти ичрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 феврали соли 2018, №10/1 ва аз 20 феврали 2018, №324/10-50 оид ба ислоҳи пурраи камбудиҳое, ки аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардиданд, чунин мебошад.

Дар маҷмӯъ аз ҷониби гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи бандҳои камбудҳои ошкор гардида 14 ададро ташкил менамояд.

Тибқи маълумотҳои пешниҳоднамудаи ноҳияи Лахш оид норасоиҳои дар фаъолияти соҳаҳои ноҳия ҷойдошта, ки дар маълумотномаҳои гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зикршуданд, ҳар семоҳа ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбороти хаттӣ ирсол гардида истодааст.

Мувофиқи маълумотҳои ноҳияҳои Тоҷикобод ва Файзобод ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта, ки дар натиҷаи санҷиши гурӯҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор шуданд,

нақшаи чорабиниҳо таҳия гардида, камбудиҳои ошкоргардида пурра бартараф карда шуданд.

Камбудиҳое, ки дар натиҷаи санҷиши гузаронидаи гуруҳи кории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Турсунзода ошкор гардида буд, аз қабили таъмирталаб будани 12 китобхона ва бинои коллеҷи омӯзгорӣ, мавҷуд набудани маркази ҷавонон, (масъулон вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Турсунзода) оид ба иҷрои ин камбудиҳо маълумот пешниҳод нагардидааст.

Инчунин, камбудиҳои дар ноҳияи Рӯдакӣ ошкор гардида, аз ҷумла аз фаъолият боз мондани 26 адад дегхонаи гармидиҳии муассисаҳои таълимӣ ва фаъолияти нокифояи 37 китобхонаи оммавӣ (масъулон Вазорати маориф ва илм ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рӯдакӣ) дар ноҳия фаъолияткунанда маълумот пешниҳод нагардидааст.

Ҳамзамон, дар ноҳияи Нуробод ҷиҳати бунёд намудани мактаби санъат ва мусиқӣ дар шаҳраки Дарбанд 0,31 га замини ҷудо гардида (масъулон вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Дирексияи сохтмонии иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Нуробод) маълумот пешниҳод нагардидааст.